ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ПАЖӮҲИШГОҲИ ИЛМӢ–ТАДҚИҚОТИИ ФАРҲАНГ ВА ИТТИЛООТ

МИНИСТЕРСТВО КУЛЬТУРЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
НАУЧНО–ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКИЙ ИНСТИТУТ
КУЛЬТУРЫ И ИНФОРМАЦИИ

MINISTRY OF CULTURE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN
RESEARCH INSTITUTE OF CULTURE AND INFORMATION

ПАЁМНОМАИ ФАРҲАНГ

Нашрияи илмию таҳлилӣ
2023, № 2 (62)

ВЕСТНИК КУЛЬТУРЫ

Научно–аналитическое издание
2023, № 2 (62)

HERALD OF CULTURE

Scientific and analytical edition
2023, № 2 (62)

Душанбе – 2023

ТДУ 37 тоҷик+008+025+9 тоҷик+792 тоҷик
ТКБ – 71.0+71.4 (2 тоҷик)+63.3 (2 тоҷик)+85.313 (2 тоҷик)+78.34 (2 тоҷик)
П–14

Паёмномаи фарҳанг: нашрияи илмию таҳлилии Пажӯҳишгоҳи илмӣ – тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот / Сармуҳаррир Д. Раҳимӣ; муҳаррири масъул М. Муродӣ. – Душанбе: Аржанг, 2023. – № 2 (62). – 128 с.

Муассиси маҷалла:
Пажӯҳишгоҳи илмӣ–тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР:

Аминов Абдулфаттоҳ — номзади илми филология, директори ПИТФИ

ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР:

Ҷӯраев Мирзоалӣ — номзади илми филология, муовини директори ПИТФИ оид ба илм

Муродӣ Мурод — **МУҲАРРИРИ МАСЪУЛ:** доктори илми филология, профессори ДМТ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Раҳимӣ Дилшод — номзади илми филология, мудири Маркази мероси фарҳангии тоҷикони ПИТФИ

Ӯлмасов Фирӯз — доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессори кафедраи таърих ва назарияи мусиқии ДДФСТ ба номи М. Турсунзода

Камолов Ҳамзахон — доктори илмҳои таърих, сарходими Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ

Иброҳимзода Муродалӣ — доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи санъатшиносии Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайн.

Раҳимзода Кароматулло — номзади илмҳои санъатшиносӣ, директори Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи А. Ҷӯраев

Комилзода Шариф — номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ходими пешбари шуъбаи фаъолияти китобдории ПИТФИ

Маҷалла соли 2000 таъсис ёфтааст. Дар як сол 4 шумора нашр мешавад.

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №274/МҶ-97 аз 29 декабри соли 2022 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.11.2020, №222 ворид гардидааст.

Нишонӣ: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Н. Қарабоев, 17 (ошёнаи 2). Сомонаи пажӯҳишгоҳ: www.pitfi.tj; сомонаи маҷалла: www.farhangnoma.tj; e-mail: f_payom@gmail.com; Тел.: (+992 37) 233-58-84. Индекси обуна: 77728.

Маҷалла мувофиқи шартномаи литсензионии №532–09/2013 аз 12 сентябри соли 2013 дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва мунтазам дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд.

Дараҷаи илмии мавод, саҳеҳии арқом, санаду иқтибосҳо ба дӯши муаллифон аст. Нуқтаи назари муаллифон метавонад бо назари идораи маҷалла мувофиқ набошад. Бознашри мавод танҳо бо ризоияти хаттии идораи нашрия ва иқтибос ба маҷалла сурат мегирад.
Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст.

ISSN 2306–6423 © ПИТФИ, 2023

УДК 37 тадж+008+025+9 тадж+792 тадж
ББК – 71.0+71.4 (2тадж)+63.3 (2тадж)+85.313 (2тадж)+78.34 (2тадж)
В–38
Вестник культуры: научно-аналитическое издание Научно-исследовательского института культуры и информации / Гл. редактор Д. Рахими; ответственный редактор М. Муроди. – Душанбе: Аржанг, 2023. – № 2 (62). – 128 с.

Учредитель журнала:
Научно-исследовательский институт культуры и информации
Республики Таджикистан

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:

Аминов Абдулфаттох — кандидат филологических наук, директор НИИКИ

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Джураев Мирзоали — кандидат филологических наук, замститель дирекора НИИКИ по науке

ОТВЕТСТВЕННЫЙ РЕДАКТОР:

Муроди Мурод — доктор филологических наук, профессор ТНУ.

РЕДКОЛЛЕГИЯ:

Рахимов Дилшод — кандидат филологических наук, заведующий Центра культурного наследия таджиков НИИКИ

Улмасов Фируз — доктор искусствоведения, профессор кафедры история и теории музыки ТГИКИ имени М. Турсунзаде

Камолов Хамзахон — доктор исторических наук, главный научный сотрудник Института истории, археологии и этнографии им. Ахмада Дониша НАНТ

Иброҳимзода Муродали — доктор исторических наук, профессор кафедры искусствоведения Таджикского государственного института изобразительного искусства и дизайна

Рахимзода Кароматулло — кандидат искусствоведения, директор Государственной филармонии Таджикистана им. А. Джураева.

Комилзода Шариф — кандидат педагогических наук, доцент, ведущий научный сотрудник отдела библиотечное дело НИИ культуры и информации

Журнал основан в 2000 г. Выходит 4 раз в год.

Журнал снова зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №274/Ж-97 от 22 декабря 2022 г.

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных журналов (изданий) рекомендованных ВАК Республики Таджикистан от 3.11.2020, №222.

Адрес: 734018, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Н. Карабаева, 17 (2 этаж). Сайт института: www.pitfi.tj; Сайт журнала www.farhangnoma.tj; e-mail: f_payom@gmail.com ; Тел.: (+992 37) 233-58-84; Индекс подписки: 77728.

Журнал, на основе лицензионного договора №532-09/2013 от 12 сентября 2013 года, включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ) и регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Авторы несут ответственность за содержание материалов. Точка зрения авторов может не совпадать с мнением редакции. Полное или частичное воспроизведение материалов, опубликованных в журнале, допускается только с письменного разрешения редакции.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещаются в официальной сайте журнала.

ISSN 2306–6423 © НИИКИ, 2023

UDC 37 Taj +008+025+9 Taj +792 Taj
LBC – 71.0+71.4 (2Taj)+63.3 (2Taj)+85.313 (2 Taj)+78.34 (2Taj)
C H–11

Herald of Culture: scientific and analytic edition of the Research Institute of Culture and Information / Editor in Chief D. Rahimi; Responsible Editor M. Murodi. – Dushanbe: Arzhang, 2023. – № 2 (62). – 128 p.

HERALD OF CULTURE
Founder of the journal
Research Institute of Culture and Information (RICI)
of the Republic of Tajikistan

EDITOR IN CHIEF :

Aminov Abdulfattoh — Candidate of philological sciences, Director of the RICI

DEPUTY EDITOR:

Juraev Mirzoali — Candidate of philological sciences, Director of the RICI

RESPONSIBLE EDITOR:

Murodi Murod Berdi — Doctor of philological sciences, Professor of the TNU

EDITORIAL BOARD:

Rahimi Dilshod — Candidate of philological sciences, Head of the Center for Cultural Heritage of Tajiks of the RICI

Ulmasov Firuz — Doctor of art sciences, Professor of the Department of history and theory of the TSICA named after M. Tursunzoda

Kamolov Hamzakhon — Doctor of historical sciences, Main scientific fellow of the Ahmad Donish Institute of history, archeology and ethnography, NAST

Ibrohimzoda Murodali — Doctor of historical sciences, Professor of the department of Art Studies, Tajik State Institute of Fine Arts and Design

Rahimzoda Karomatullo — Candidate of art sciences, Director of the State Philharmony of Tajikistan named after A. Juraev

Komilzoda Sharif — Candidate pedagogical sciences, Docent, Leading researcher at the Department of Library issues of the RICI

The journal established in 2000. Issued 4 times a year.

The journal was registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan and obtained the Certificate №274/jr in December 22, 2022.

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific journals (publications) recommended by the Higher Attestation Commission of the Republic of Tajikistan from 3.11.2020, No. 222.

Address: 734018, Dushanbe, N. Karabaev avenue 17 (second floor). Tel.: (+992 37) 233-58-84;

Website of organization: www.pitfi.tj; Website of the journal: www.farhangnoma.tj; e-mail: f_payom@gmail.com; Subscription index: 77728.

The journal was included under License contract №532–09/2013 since September 12, 2013, to the Russian Science Citation Index (RSCI) and regularly submits its informational metadata.

The authors are responsible for the content of the materials. The authors' point of view may not coincide with the opinion of the editorial Board. Full or partial reproduction of materials published in the journal is allowed only with the written permission of the editorial Board.

The full text versions of the published materials are available in the journal's official website.

ISSN 2306–6423 © RICI. 2023

ТДУ: 9тоҷик+37тоҷик+398тоҷик+001(092)+008(575.3)

Ҷурғосиев Муллоаҳмадшо,
Абдуназаров Асламбек

НАҚШИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ЭҲЁИ ҶАШНҲОИ МИЛЛӢ

Дар мақола нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эҳё ва барқарор намудани ҷашнҳои миллӣ – Наврӯз, Меҳргон ва Сада мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар воқеъ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ҷашнҳои миллӣ дар тӯли фаъолияти босамари сарвариаш таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. Зеро ҷашну маросимҳои фарҳангию суннатӣ, аз як тараф, муҳимтарин омили муттаҳидкунандаи умумиятҳои гуногуни башарӣ ба шумор раванд, аз ҷониби дигар боис мегарданд, ки инсонҳо дар руҳияи шодиву фараҳ умр ба сар бурда, кинаву адоватро аз қалбҳояшон пок намоянд. Ҳамчунин ин ҷашнҳо байни инсонҳо ваҳдату ҳамдигарфаҳмиро ба вуҷуд оварда, дӯстиву муҳаббати онҳоро нисбат ба якдигар зиёдтар мегардонад ва илова бар ин, мардумро ба табиат наздиктар намуда, дилбастагиашонро ба зиндагӣ бештар месозад. Бо назардошти ин, аҷдодони мо дар сарзаминҳои гуногуни олам умр ба сар мебурданд ва дорои урфу одот, расму ойин, ҳатто дину мазҳабҳои гуногун буданд, вале ин ҷашнҳоро дар фазои идона тантанавор бо ҳам истиқбол мегирифтанд. Пас аз барҳам хурдани давлати пуриқтидори Сомониён ва ба сари қудрат омадани сулолаҳои гуногуни аҷнабӣ ин ҷашнҳо бо дасисаҳои бархе аз руҳониёни тангназару ҷоҳил ба таъқибу фишор дучор гардиданд. Дар даврони Шуравӣ низ ба ин ҷашнҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда намешуд. Дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба туфайли пуштибонии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҷашнҳои миллӣ аз нав эҳё карда шуданд ва тайи солиёни истиқлол бо қалбҳои саршор аз ифтихори ватандориву шаҳомати ориёна ҳарсола дар сатҳи баланд таҷлил карда мешаванд.

Калидвожаҳо: *Президент, Пешвои миллат, Ҷумҳурии Тоҷикистон, наврӯз, меҳргон, сада, ҷашн, истиқлол, муттаҳид, шодӣ, таҷлил, аҷдод, миллӣ, урфу анъана.*

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба куллӣ ҷабҳаҳои ҷомеа, аз ҷумла иқтисодиёт, сиёсат, соҳаи маорифу тандурустӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ҷиҳати тарбияи мутахассисони баландпоя кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳад. Пешвои миллат дар ибтидои фаъолияташ бо вуҷуди ташвишҳои зиёди сиёсӣ, иқтисодӣ ба фарҳанг аҳамияти махсус медод. Ба таъбири дигар, ин абармард кори давлатдории худро бо фарҳанг оғоз кард. Ӯ идомадиҳандаи анъанаи неки бунёдгузори давлати Сомониён, Исмоили Сомонӣ мебошад ва ба хубӣ дарк намуд, ки ниёгони бузургамон бо заҳмату талоши пайвастаашон дар роҳи илму адаб муваффақ гардида, бароямон як фарҳанги волою ғанӣ ва инсонсозро ба мерос гузоштаанд. Ин фарҳанг шиносномаи миллии мо ба шумор меояд, ки ба воситаи он чеҳраи аслии анъанаю

суннатҳои миллии мо, бузургии ҷашнҳои бостонии моро ҷаҳониён эҳсос ва дарк менамоянд. Мусаллам аст, ки дастоварди беҳтарини замони истиқлол расидан ба ваҳдати миллӣ ва суботу амният дар ҷомеа буда, ҳамаи комёбиву мувафаққиятҳои баъдӣ, аз ҷумла ташаккулу такомул бахшидани фарҳанги миллӣ самараи ин падидаҳои нодир мебошад. Ба ақидаи собиқ вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсиддин Орумбекзода “Фарҳангҳои аз дастрафтаро эҳё бахшиданаш ӯро (Эмомалӣ Раҳмонро. – Ҷ. М.; А. А.) раҳнамои миллат сохт. Ин ҳам падидаи фарҳангист, ки ӯро Пешво меномем. Зеро ин падида боз як омили муттаҳид шудани тоҷикон дар атрофи ӯ мебошад” [5, с. 28].

Яке аз корҳои муҳим ва ватанпарастонаи Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудан ба ҷашнҳои миллӣ ва аз нав эҳё кардани онҳо мебошад. Ҷашну маросимҳои фарҳангию суннатӣ муҳимтарин омили муттаҳидкунандаи умумиятҳои гуногуни башарӣ ба шумор мераванд. Маҳз ба туфайли пуштибонии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ҷумҳуриамон ҷашнҳои миллӣ, махсусан Наврӯзи оламафрӯз дар сатҳи хеле баланд таҷлил мегардад. Воқеан ҷашнҳои арзишманди миллии тоҷикон ифодагари тафаккури таърихӣ, симои маънавӣ, орзую ормон, расму оин, ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносии онҳоянд. Тоҷикон аз зумраи он миллатҳои куҳанбунёду тамаддунофаранд, ки тавонистанд ҷашнҳои муқаддаси миллиашон – Наврӯз, Меҳргон ва Садаро алорағми фишорҳои мафкураҳои ҳоким дар низомҳои гуногуни сиёсӣ беосеб то ба имрӯз бирасонанд ва тайи солиёни истиқлол таҳти сарварии фарзанди фарзонаи тоҷик Эмомалӣ Раҳмон бо қалбҳои саршор аз ифтихори ватандориву шаҳомати ориёна ҳарсола таҷлил намоянд. Ҷашнҳои миллии мо инсонҳоро муттаҳид намуда, дӯстиву муҳаббати онҳоро нисбат ба якдигар зиёдтар мегардонад. Ба ибораи дигар ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон ва Сада дар батнашон хусусиятҳои зиёди ахлоқӣ дошта инсонҳоро аз дуруғгӯйиву паймоншиканӣ ва номеҳрубонӣ кардан бо ҳамдигар боз медоранд. Ин ҷашнҳо аҳли башарро ба табиат наздиктар намуда, дилбастагиашонро ба зиндагӣ бештар месозанд. Ниёгони мо дар як сол 60-рӯзашро бо фарорасии ҷашнҳои гуногун таҷлил мекардаанд ва зимни ситоиши Аҳурамаздо суруру шодӣ меоростаанд. Онҳо бо мурури замон ҷашнҳоеро созмон дода ба наслҳои баъдӣ аз худ боқӣ гузоштанд, ки муҳтавояшон суруру шодмонӣ ва бегона будан бо ғаму андухро талқин мекунад: «Назди башари куҳан шодиву тараб пойгоҳи арҷманд дошт. Дар катибаҳои иснод ва мутуни куҳан метавон қадимитарин ишораҳои сокинони фулоти эронро ба русуми вижаи ҷашнҳо ёфт. Дар катибаҳои даврони Ҳахоманишӣ омада, «Урмузд худои бузурге аст, ки барои башар шодиро офарида» гуфта мешавад, ҳатто дар мавоқеи даргузашти фарде, мардум ва бастагони ӯ гиря намекарданд. Аз ин рӯ, фалсафаи шодӣ дар Эрони бостон муҳтавои пурбор дорад» [6, с. 15].

Агар Ҷамшедро асосгузори ҷашни Наврӯз ва Фаридунро бунёдгузори ҷашни Меҳргон донем, пас Ҳушанг, ки қабл аз ҳардуи инҳо умр ба сар бурдааст, Сада ва оташро офаридаву ҷовидона сохтааст. Ҷашни Сада (ки онро ҷашни Оташ низ мегӯянд), 50 шабу 50 рӯз қабл аз Наврӯзи оламафрӯз фаро мерасад. Ҳангоми фарорасии ин ҷашн аҷдодонамон дар майдонҳои васеъ тамоми шаб гулхан афрӯхта, дар атрофи он рақсу бозӣ мекарданд. Дар ҷашнгоҳ шоҳону амирон ҷамъ меомаданд ва ҳамроҳи мардум хурсандӣ карда, базмҳо меоростанд. Шоирон аз мавриди мусоид истифода бурда, дар васфи оташ ва шоҳону

амирон шеърҳо эҷод карда, онҳоро ба худотарсию яздонпарастӣ талқин менамуданд.

Ҷашни Сада то қабули дини мубини ислом дар эронзамин бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил карда мешуд. Дар даврони ҳукмронии Ғазнавиён (солҳои 962-1187) он оҳиста-оҳиста аз байн рафт. Боиси хушнудист, ки бо шарофати Истиқлолияти давлатии кишвари азизамон ва бо кӯшишу ибтикороти созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин ҷашни фархунда дар қатори дигар ҷашнҳои миллии мардуми тоҷик, аз нав эҳё гардид. Сада ҷашни таърихӣ ва миллии мо буда, ба ягон дин, махсусан ба дини зардуштӣ иртибот надорад. Тибқи иттилои сарчашмаҳои муътамади таърихӣ ҷашни Сада, қабл аз зуҳури Зардушт дар сарзамини аҷдодони мо роиҷ буда, ниёгони мо бо шукронаи пайдо гардидани оташи гарму рушанибахш ин ҷашнро дар сатҳи баланд таҷлил мекардаанд. Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон низ ҷашни мазкур дар меҳвари таваҷҷуҳи Ҳукумати кишвар, махсусан Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифт. Ҳоло бошад Сада дар ватани мо бо риояи тамоми суннату анъанаҳояш таҷлил карда мешавад. Бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил гардидани ҷашнҳои аҷдодӣ дар Тоҷикистон, баёнгари он аст, ки воқеан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашнҳои аҷдодиро ба ҷасорати тоҷикона ва шаҳомати ориёна аз нав зинда карда ба онҳо руҳи тоза бахшид.

Аз миёни ҷашнҳои миллии мо Наврӯз бештар мавриди писанди оламиён гардидааст. Ин ҷашн дар “тӯли асрҳо аз шебу фарози таърих сарбаландона гузашта, то замони мо расидааст” [3, с. 158]. Наврӯз дар замони Ҳахоманишиниёну Ашкониён ва Сосониёну Сомониён дар сатҳи давлатӣ қарор дошт. Аммо пас аз барҳам хурдани давлати пуриқтидори Сомониён ва ба сари қудрат омадани сулолаҳои гуногуни аҷнабӣ ин ҷашни фархунда бо дасисаҳои бархе аз руҳониёни тангназару ҷоҳил ба таъқибу фишор дучор гардидааст. Дар даврони Шуравӣ низ ба ин ҷашн таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда намешуд. Ҳокимияти он замон Наврӯзро ҷашни динӣ арзёбӣ намуда, намегузоштанд, ки мардум онро дар сатҳи баланд таҷлил намоянд.

Хушбахтона дар замони соҳибистиқлолии кишвари азизамон бо кӯшишҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин ҷашн аз нав эҳё шуда, мақому манзалати аслии худро пайдо кард. Пешвои миллат дар суханрониҳо, ва осори мондагору пурмуҳтавояш ба субут расонид, ки Наврӯз ба ягон дину мазҳабе иртибот надошта, арзиши фаромиллӣ ва умумибашарӣ дорад. Бино ба таъкиди ӯ «Наврӯз бо ягон дину мазҳаб робитае надорад, балки ҷашни фарҳангиест, ки аз суннату ойинҳои инсондӯстона ва ваҳдатсозу сулҳпарварона иборат буда, маҳз бо ҳамин мушаххасоташ ба ҷашни оммавӣ табдил гардидааст. Ин ойини фархунда бо ҳама сифатҳои некбинонааш ба хонадони мардум, сарфи назар аз нажоду миллат ва дину мазҳаб, ворид гардида, ба ҳар як фард паёми хуррамиву шодмонӣ ва хушбахтиву хонаободӣ меорад» [8]. Ин суханони Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон посухи мушаххасе барои бархе аз руҳониёне аст, ки Наврӯзро ҷашни зардуштӣ дониста, бо ислом носозгор мешуморанд. Воқеан Наврӯз пайвандгари дӯстиву бародарӣ,

нерӯбахши сулҳу оштӣ ва зудояндаи занги кинаҳову озурдагиҳост. Бо фарорасии ин ҷашн табиат эҳё мегардад, гулҳои бойчечак, сияҳгӯш, савсан, суман ва лола шукуфон гашта дарахтон ғарқи гул мешаванд. Ҷӯши чашмаҳову хурӯши нахрҳо баландтар мегарданд. Ин ҳама зебоиву таровати табиат дар фасли баҳори оламоро сабаб мегардад, ки руҳияи мардум болидаву чеҳраҳояшон шукуфта гардад ва дилҳои кӯдакону наврасон саршори фараҳу шодӣ шавад. Муҳимтар аз ҳама бо фаро расидани иди Наврӯз кишоварзон ба кишту кор оғоз намуда, бо меҳру муҳаббати беполёну чеҳраи шод ва бо умеди орзуҳои нек ба замин дона мепошанд, то ҳосили фаровон ба даст оранд. “Ҳар унсуру падидаи фарҳанги ғаниву волои Наврӯз ишорае ба як ҷанбаи ҳаёти инсон буда ӯро ба табиат наздиктар ва дилбастагиашро ба зиндагӣ бештар месозад” [2, с. 7]. Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарвари Эмомалӣ Раҳмон ва намояндагони кишварҳои форсизабону кишварҳои Шарқ барои ҷаҳонӣ шудани Наврӯз саъю кӯшиши зиёд ба харҷ доданд. Дар натиҷа 23 феврали соли 2010 дар 64-умин Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид Наврӯз ҷашни байналмилалӣ эълон гардид. Дар ҷаҳонӣ шудани Наврӯз ва таҷлили он дар Тоҷикистону мамлакатҳои ҳавзаи Наврӯз хидмати Пешвои миллати мо бештар аст. Ба қавли донишманди маъруфи тоҷик Кароматулло Олимов “Дар ворид шудани Наврӯз ба феҳристи ЮНЕСКО ва қарори СММ оид ба эълон кардани Наврӯз ҳамчун ҷашни байналмилалӣ ташаббусҳои Сарвари давлати соҳибистиқлоли тоҷикон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қобили эътирофу эҳтиром аст”[4]. Дар воқеъ ибтикороти созанда ва саъю талошҳои пайвастаи Сарвари тоҷикон бар он далолат мекунад, ки ӯ форҳангсолори бузург аст.

Маҳз бо ташаббуси бевоситаи Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 19 марти соли 2016 дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе Симпозиуми байналмилалии илмӣ бахшида ба ҷашни Наврӯз, дар доираи нахустин Ҳамоиши байналмилалии адибони ҳавзаи Наврӯз баргузор шуд. Дар ин Симпозиум донишмандону муҳаққиқони 15 кишвари ҷаҳон иштирок ва суханронӣ намуда, нақши Наврӯзи ҷаҳониро дар таҳкими ҳамзистии осоишта, дӯстиву рафоқат, ваҳдат ва дигар арзишҳои бузурги инсонӣ муҳим арзёбӣ намуданд. Дар симпозиуми мазкур беш аз 40 нафар олимону адибони ватаниву хориҷӣ суханронӣ карда, оид ба масоили арзишҳои таърихию фалсафӣ, иртиботи инсону табиат, бадеию зебоишиносӣ, фарҳангию ҷомеасозии дирӯзу имрӯзи Наврӯз, махсусан ғояҳои сулҳсозии ин ҷашн дар ҷаҳони имрӯз ибрози ақида намуданд. Бояд қайд кард, ки симпозиуми илмӣ дар сатҳи баланди сиёсӣ, ташкилию илмӣ баргузор гардид, ки аз хотирмонтарин рӯйдодҳои фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои Осиёи Марказиву берун аз он ба шумор меравад.

Мавриди зикр аст, ки дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Наврӯз дар сатҳи байналмилалӣ қарор гирифт. Аз ин рӯ, фолклоршиноси шинохтаи тоҷик Дилшод Раҳимӣ саҳми муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар таҳкиму таҳвият ва муаррифии ҷашни Наврӯз дар сатҳи байналмилалӣ хеле муассир дониста, дуруст таъкид намудааст, ки “Бо сиёсати хирадмандона ва фарҳангдӯстона ба Пешвои муаззами

миллат муяссар шуд, ки наслҳоро ба аслҳо бипайвандад, миллати соҳибтамаддуни тоҷикро машҳури ҷаҳон гардонад ва барои рушди тамоми соҳаҳои кишвар заминаҳои устувор гузорад. Маҳз бо ибтикори ӯ ҳамасола дар вилояту шаҳру ноҳия, ҷамоату деҳот, мактабҳои миёнаву олӣ, муассисаҳои давлатию ғайридавлатӣ иди Наврӯз бо шукӯҳу ҷалол ва ҷумлаи суннатҳояш ҷашн гирифта мешавад. Худи Ҷанонби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи Наврӯз бо зиёёну фарҳангиён ва фаъолони мамлакат мулоқотҳо барпо намуда, дар суханрониҳои хеш вазифаю арзишҳои волои ҷашни Наврӯз ва аҳамияти онро дар раванди таҳкими ҳувияти миллӣ ва вахдату дӯстии мардуми ҷумҳурӣ ва ҷаҳониён таъкид менамоянд” [10, с. 5].

Ҷашни Наврӯз пас аз истиқлоли кишвар, дувумин ҷашни муҳим маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз бо пешниҳод ва ҳидоятҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мавзеъҳои хушбоду ҳавои пойтахт – дар ду соҳили шаҳри Душанбе “Кохи Наврӯз” ва “Наврӯзгоҳ” бунёд гардид, ки ба ҳусни пойтахт таровати тоза мебахшад. Айни замон “Наврӯзгоҳ” дар тамоми фасли сол макони фароғати сокинону меҳмонони Душанбе маҳсуб мешавад. “Наврӯз дар замони мо на танҳо ҷашни табиату баҳор, балки ҷашни худогоҳиву худшиносии миллист ва дар ин замина аҳамияти он рӯз ба рӯз меафзояд. Мо дар давраи муборизаҳои шадиди идеологӣ қарор дорем ва ҷашни Наврӯз асолати милли моро дар қиболи ифротгароёни динӣ ва душманони арзишҳои миллӣ ҳифз хоҳад намуд” [8]. Аз ин ҷост, ки Наврӯзи ҳуҷастапайк бо ин зебоию шукӯҳу шаҳомате, ки дар Тоҷикистони соҳибистиқлол таҷлил карда мешавад, дар ягон минтақаи дунё ба ин гуна шавкату ҳашамат истиқбол карда намешавад. Ин ҳама натиҷаи ғамхориҳо ва таваҷҷуҳи хосаи Сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон ба фарҳанги волою ғанӣ ва инсонсози мо мебошад.

Ҷашни дигаре, ки пас аз Наврӯзи оламафрӯз мавриди таваҷҷуҳи ниёгони хирадманди мо буда ва имрӯз низ ҳамчун ҷашни бузург дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бо азми дурусту саъйи комили бевоситаи Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҷлил мегардад, Меҳргон аст. Ин ҷашн дар даврони гузашта дар ҷомеаи эронӣ ва хориҷ аз он ҳам ба густурдагӣ баргузор мегардидааст. Ҷашни мазкур аз рӯзи шонздаҳуми меҳр (8-уми октябр) оғоз мешавад ва шаш рӯз идома ёфта, дар рӯзи бисту яки меҳр ба поён мерасад. Ҳамчунин Меҳр баробар аст бо поёни фасли ҷамъоварии ҳосил аз ҷониби деҳқонон. Аз ин рӯ замони муносибе барои ҷашну шодӣ ва истироҳати кишоварзон, ки асосан мардумони даврони куҳан буданд, маҳсуб меёбад. Бинобар ин, ҷашни мазкурро кишоварзони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як шукӯҳу шаҳомати хосса истиқбол мегиранд. Мавриди зикр аст, ки солҳои охир ҷашни Меҳргон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи баланди идона бо риояи муҳимтарин суннатҳояш таҷлил мегардад. Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 80-солагии таъсисёбии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, ки дар рӯзи таҷлили ҷашни Меҳргон рост омада буд, аз бузургии ҷашни Меҳргон ёдовар шуда қайд кард, ки “Воқеан Меҳргон яке аз куҳантарин ҷашнҳои мардуми ориёнажод буда, гузаштагонамон онро ҳамчун ситоишу ниёиши меҳр ё митро ва рамзи аҳду паймон ва дӯстиву муҳаббати ойини меҳрпарастӣ таъбир кардаанд. Меҳргон тибқи андеша ва эътиқоди ниёгони мо дар рӯзи аввали моҳи меҳр ва оғози фасли тирамоҳ таҷлил мешудааст. Он дорои эътидоли кайҳонӣ буда, дар ин айём рӯзу шаб баробар мешавад ва ба ин сабаб номи ин моҳро меҳр гузоштаанд” [7].

Фалсафаи ҷашни Меҳргон сипосгузорӣ аз худованд ба хотири неъматҳое аст, ки ба инсон арзонӣ дошта ва, қабл аз ҳама, иди меҳру муҳаббат, дӯстию рафоқати одамон ба якдигар мебошад. Дар воқеъ бо шарофати Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва бо азму талошу тадбирҳои хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бисёр ҷашну маросимҳои миллӣ эҳё гардид, аз ҷумла ҷашни Меҳргон дар қатори дигар ҷашнҳо ҷойгоҳи махсус пайдо кард. Ба қавли Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон "...таҷлили ҷашнҳо танҳо ба хотири ҷашн нест ва ҳар санаи муҳим дар зиндагӣ бояд моро ба андеша ва хулосабарорӣ барои оянда таҳрик созад. Сарфи назар аз гирудорҳои сиёсиву фарҳангии давраҳои гузашта ҷашни Меҳргон то имрӯз соҳиби эътибору манзалати хос мебошад. Зеро Меҳргон монанди Наврӯз таҷассумгари суннатҳои неки инсонист, ки файзу баракати хони пурнеъмати кишоварзонро инъикос менамояд. Бинобар ин зарур аст, ки ҳар сол бо шукуҳу шаҳомати хоса таҷлил карда шавад" [7]. Дар воқеъ ҷашнҳои Меҳргон, Сада ва Наврӯз бештар хоси кишоварзон мебошанд, зеро дар гузашта ниёгони мо бештар ба зироаткорӣ ва чорводорӣ машғул будаанд. Аз ин рӯ, замон ва вақти фарорасии ин ҷашнҳо низ хеле ҷолиби диққат мебошанд. Масалан, бо фаро расидани ҷашни Сада кишоварзон заминҳои корамро омода менамоянд. Агар ба таври дигар гӯем ҷашни Сада заминае барои истиқболи ҷашни Наврӯз аст. Сипас бо баробари омадани ҷашни Наврӯзи оламафрӯз кишту кори деҳқон оғоз мешавад. Ҳамчунин фарорасии ҷашни Меҳргон баробар аст бо поёни фасли ҷамъоварии ҳосили меҳнати марди деҳқон. Аз ин рӯ, он замони муносибе барои ҷашну шодӣ ва истироҳати кишоварзон, ба ҳисоб меравад.

Аз гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки ҷашнҳои миллии тоҷикон инсонҳоро дар руҳияи дӯстиву муҳаббат ва ҳамбастагӣ тарбия менамоянд. Аз ин ҷост, ки дар тӯли таърих ба хоки поки муқаддаси ниёгони мо бисёр душманони аҷнабӣ ҳамла карда, биноҳои обод ва қасру кӯшкҳояшонро ба хок яксон намуданд. Аммо ҷашнҳои миллиашонро на танҳо аз байн бурда натавонистанд, балки ба суннатҳои инсонпарваронаи ин ҷашнҳо мафтуну тасхир гардиданд. Дар асрҳои охир ин ҷашнҳо дар ҳоли таназзул қарор доштанд. Хушбахтона, бо баробари ба сари қудрат омадани фарзанди фарзонаи миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон ҷашну маросимҳои миллӣ на танҳо аз нав эҳё гардиданд, балки яке аз рукнҳои муҳими мафкураи миллии дунявии тоҷиконро ташкил доданд, ки поягузори он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Адабиёт

1. Бертельс, Е. Праздник джашни сада в таджикской поэзии / Е. Бертельс // Сборник статей по филологии народов Средней Азии посвященный 80-летию со дня рождения А.А. Семёнова. – Сталинабад: издательство Академия наук РСС Таджикистан, 1953. – С. 33-43.

2. Муллоаҳмад, М. Рамзҳои Наврӯзӣ / М. Муллоаҳмадов // Бозтоби масоили Наврӯз дар адабиёт. Маҷмуи мақолот – Душанбе, 2016. – С.7-11

3. Солеҳов, Н. Мақом ва манзалати Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва рушди маънавиёт ва ҳуввияти миллии тоҷик / Н. Солеҳов // Эмомалӣ Раҳмон – Пешвои миллат.– Душанбе: Маориф, 2016. – С.153-164

4. Олимов, К. Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳонӣ шудани ҷашни Наврӯз / К. Олимов // Ҷумҳурият. – 2016. – 19 март, №55.

5. Орумбекзода, Ш. Нақши таърихии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар рушди фарҳанги миллӣ / Ш. Орумбекзода // Эмомалӣ Раҳмон – Пешвои миллат.– Душанбе: Маориф, 2016. – С.25-32

6. Охте, А. Ҷашнҳо ва оинҳои шодмонӣ дар Эрон / А. Охте . –Теҳрон 1386. – 210 с.

7. Раҳмон, Э. Сиёсати кишоварзии Тоҷикистон тавассути Донишгоҳи аграрӣ амалӣ мегардад/ Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 80-солагии таъсиси Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон // Ҷумҳурият. – 2011. – 11 октябр, №145-146.

8. Раҳмон, Э. Суханронӣ дар мулоқоти наврӯзӣ бо зиёиёни кишвар. 20.03.2014/ http: //president.tj/node/6377

9. Раҳимов, Д. Ҷойгоҳи рамзҳо дар Наврӯзи тоҷикон / Д. Раҳимов // Пайки Наврӯз. – Душанбе: Пайванд, 2012. – С.139-142

10. Раҳимӣ, Д. Наврӯз, Меҳргон ва ҷашнҳои дигари ниёгон / Д. Раҳимӣ. –Душанбе: Аржанг, 2018. – 304 с.

11. Руҳуламинӣ, М. Ойинҳо ва ҷашнҳои куҳан дар Эрони имрӯз / М. Руҳуламинӣ. –Теҳрон 1376. – 200 с.

12. Шаъбонӣ, Р. Одоб ва русуми Наврӯз / Р. Шаъбонӣ. –Теҳрон, 1379. – 248 с.

13. Якубов, Ю. Праздник Сада или древней масленицы / Ю. Якубов // Мероси ниёгон. –2003. –№6. – С.144-149.

Джургосиев Муллоахмадшо,
Абдуназаров Асламбек

РОЛЬ ЭМОМАЛИ РАХМОНА В ВОЗРОЖДЕНИИ НАЦИОНАЛЬНЫХ ПРАЗДНИКОВ

В статье рассматривается роль Основоположника мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в возрождении и восстановлении национальных праздников – Навруз, Мехргон и Сада. В действительности, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в период своего эффективного руководства уделяет особое внимание национальным праздникам.

Поскольку культурно-традиционные обряды, с одной стороны, считаются важнейшим объединяющим фактором различных человеческих сообществ, а с другой стороны, они помогают людям жить в духе счастья и радости, очищая их сердца от ненависти и вражды. Также эти праздники создают единство и взаимопонимание между людьми, расширяют их дружбу и любовь друг к другу, и, кроме того, сближают людей с природой и повышают их любовь к жизни.

Учитывая то, что наши предки жили в разных уголках мира и имели разные обычаи, обряды и традиции, даже религии и секты, однако отмечали эти праздники вместе и в праздничной обстановке. После распада могущественного государства Саманидов и прихода к власти различных иноземных династий, эти торжества преследовались и подавлялись

заговорами некоторых недалеких и невежественных священников. В эпоху Советского Союза также этим торжествам и праздникам не уделялось особого внимания.

В годы независимости Республики Таджикистан, благодаря поддержке Лидера нации Эмомали Рахмона, национальные праздники были заново возрождены, и в период независимости они ежегодно отмечаются на высоком уровне с сердцами, полными патриотической гордости и арийского величия.

Ключевые слова: Президент, Лидер нации, Республика Таджикистан, Навруз, Мехргон, Сада, праздник, независимость, единство, радость, празднование, предок, национальный, обычаи и обряды.

Jurgosiev Mulloahmadsho,
Abdunazarov Aslambek

THE ROLE OF LEADER OF THE NATION EMOMALI RAHMON IN THE REVIVAL OF NATIONAL HOLIDAYS

The authors of the article consider the role of the Founder of Peace and National Unity, the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in the revival and restoration of national holidays - Navruz, Mehrgon and Sada during the period of independence of the Republic of Tajikistan. In fact, the President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon, during his effective leadership paid special attention to national holidays.

Since cultural and traditional rites, on the one hand, are considered the most important unifying factor of various human communities, on the other hand, they make people live in a spirit of happiness and joy, and cleanse their hearts from hatred and enmity. Also, these holidays create unity and mutual understanding between people, increase their friendship and love for each other, and thereby bring people closer to nature and increase their love for life.

Consequently, our ancestors lived in different parts of the world and had different customs, rituals and traditions, even religions and sects, but they celebrated these holidays together and in a festive atmosphere. But after the collapse of the powerful Samanid state and the coming to power of various foreign dynasties, these celebrations were persecuted and suppressed by the conspiracies of some narrow-minded and ignorant priests. In the era of the Soviet Union, these celebrations and holidays were not given much attention either.

Fortunately, during the years of independence of the Republic of Tajikistan, thanks to the support of the Leader of the Nation Emomali Rahmon, national holidays were revived anew, and during the period of independence they are celebrated annually at a high level with full hearts of patriotic pride and Aryan greatness.

Keywords: President, Leader of the Nation, Republic of Tajikistan, Navruz, Mehrgon, Sada, holiday, independence, unity, joy, celebration, ancestor, national, customs and rituals, ancestors.

ТДУ: 9тоҷик+82тоҷик+008+398тоҷик+37тоҷик+796(575-3)

Аминов Абдулфатоҳ

РИВОЯТҲОИ МАРДУМӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР РУШДИ САЙЁҲӢ

Дар мақола ривоятхои мардумӣ ва нақши онҳо дар рушди соҳаи сайёҳӣ таҳқиқ шудааст. Бо талаботи замон имрӯз таваҷҷуҳ ба соҳаи сайёҳӣ тадричан зиёд мешавад. Манзараҳои дилфиреби Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, қуллаҳои осмонбӯсу назаррабо, чашмаву кӯлҳо ва дигар мавзеъҳои муқаддас боиси ҷалби ҳазорон сайёҳони хориҷӣ гардидааст.

Ривоят ҳамчун жанри мустақил дар илми фолклоршиносӣ дорои сюжет, мазмуну мундариҷа ва қолаби хос буда, оид ба шахсиятҳои таърихӣ, мавзеъҳо, ашёву ҷисмҳои гайриоддӣ, чашмаҳо, кӯлу дарёҳо, ҷонварон ва монанди инҳо ҳамарӯза миёни мардум гуфтаву шунида мешавад. Ривоятҳо дар бораи ин ё он мавзеи таърихию муқаддас, ки дар тӯли қарнҳо бо ихлосу самимият аз ҷониби донишмандон эҷод ва миёни мардум шуҳрат пайдо кардааанд, яке аз омилҳои ҷалби сайёҳон маҳсуб меёбанд.

Мазмуни тамоми ривоятҳо ба хусусиятҳои гайриодии ашёву объектҳо иртибот дорад, ки боиси ҷалби диққати шунаванда мегарданд. Бинобар ин зарур аст, ки матни ривоятҳои тоҷикӣ, алалхусус ривоятҳо дар бораи мавзеъҳои муқаддас ва ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, гирдоварӣ, таҳлил ва интишор гарданд. Зеро, чуноне ишора шуд, дар қатори дигар тадбирҳо, ташкили инфрасохторҳо, таъмиру тармими объекту роҳҳо то минтақаҳои сайёҳӣ гирдоварӣ ва нашри ривоятҳо ҳам дар таблиги минтақаҳои сайёҳӣ таъсиргузор мебошад.

Калидвожаҳо: *ривоят, фолклор, матн, мазмун, ҷалб, сайёҳӣ, мавзеъ, муқаддас, ёдгориҳои таърихӣ-фарҳангӣ, чашма, кул, қулла, объект.*

Дар замони муосир, барои тамоми кишварҳо яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёт соҳаи сайёҳӣ ба шумор меравад. Махсусан ҷалби сайёҳони хориҷӣ дар рушди иқтисодиёт хеле муҳим аст. Коршиносон муайян намудаанд, ки ворид гардидани сайёҳон ба кишвар аз чанд ҷиҳат манфиатовар аст. Барои буду бош, иҷораи манзил ва ё меҳмонхонаҳо, харҷи роҳ ҳангоми сафар ба ягон гӯшаи кишвар, харидани маводи озуқа, гирифтани тухфаву армуғонҳо ва боз даҳҳо навъи маблағҳо ҳангоми ворид гардидани сайёҳон ба ин ё он навоҳӣ боиси афзудани буҷаи мамлакат мегардад. Ҳамин ҷиҳатҳоро ба назар гирифта Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст соли 2018-ро ҳамчун “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ва баъди нишондоди натиҷаи назаррас солҳои 2019 – 2021-ро ҳамчун “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон намуданд. Аз ҷумла соли 2007 дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ чунин иброз намуданд: “Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳимми бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин, муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Барои рушди ин

соҳа дар кишвар ҳамаи заминаҳои зарурии меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, илова бар ин, як силсила чораҳои ҳавасмандкунӣ низ татбиқ гардидаанд...

... Бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ пешниҳод менамоям, ки соли 2018 дар кишвар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шавад" [7, с. 26-29].

Дар қатори дигар омилҳои ҷалби сайёҳон ба ин ё он кишвар, мавзеъҳои таърихию муқаддас ва манзараҳои дилфиреб низ аз омилҳои асосӣ ба шумор меравад. Табиист, ки дар атрофи ҳар як ёдгории таърихию фарҳангӣ ва мавзеъҳои муқаддаси мамлакат даҳҳо нақлу ривоятҳои мардумӣ мавҷуданд. Маҳз ҳамин асарҳои пуррарзиши шифоҳӣ, ки дар давоми қарнҳои зиёд аз даҳон ба даҳон ва аз насл ба насл гузашта то имрӯз миёни мардум маҳбубият пайдо намудаанд, боиси муқаддас гардидан ва овозаву шуҳрат пайдо кардани манзараҳои ғайриоддиву тамошобоби Тоҷикистони биҳиштосо шудаанд. Бинобар ин тасмим гирифта шуд, ки ин ҷо дар бораи ривоятҳои мардумӣ ва мавқеи онҳо дар рушди соҳаи сайёҳӣ маълумот диҳем.

Мусаллам аст, ки як бахши мукаммали матнҳои фолклориро ривоятҳо ташкил мекунанд. Ривоят жанри насрии фолклорӣ мебошад, ки дар он дар бораи шахсиятҳои таърихӣ, мавзеъҳо, ашёву ҷисмҳои ғайриоддӣ, ҷонварон сухан меравад. Аз рӯи таҳлили матни ривоятҳо муайян кардан мумкин аст, ки аксари ривоятҳоро мардум дар доираи фаҳмиш ва муқаддасоти динӣ эҷод намудаанд. Маъмулан ривоятҳо, аз ҷониби шахсиятҳои донишманд – муллоҳо, мутаввалиҳои мазор, эҷод гардидаанд, ки то кунун аксари онҳо аз даҳон ба даҳон гузашта, дар ҳамон қолаби аввалаашон расидаанд. Ба ғайр аз ин, новобаста аз бофтаю ғайриоддӣ будани бисёре аз онҳо аксари мардум ба ҳақиқат буданашон бовар доранд. Зеро, чуноне ки ишора шуд, дар оғоз онҳо аз ҷониби шахсони бонуфуз гуфта шудаанд, ки гапашон дар миёни мардум қобили қабул буд.

Истилоҳи ривоят дар фарҳангномаҳо ҳам ба ҳамин мазмун шарҳ дода шудааст. Чунончи дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ривоят ба ин маъно омадааст: «**Ривоя/ривоят** – нақл кардани сухан ё хабар аз қавли касе, достон қисса, нақл.

Ва ин сухан зиёдат аз се ҳазор сол аст, пас ин ҳиссаро бад-ин ривоят хуш аст. «Таърихи Табарӣ»

Ривоят аз ӯ кун, на аз гул, Камол,

К-аз он сад варақ ин ривоят хуш аст. (Камоли Хуҷандӣ)» [12, с.137].

Дар китоби «Фарҳанги забони тоҷикӣ» аслан ривоят на ҳамчун жанр, балки ба сифати истилоҳ шарҳ дода шудааст. Дар бораи жанри ривоят дар илми фолклоршиносии тоҷик нахустин маротиба аз ҷониби муҳаққиқи соҳа Д. Обидов дар «Энсиклопедияи Советии Тоҷик» маълумоти нисбатан пурра дода шудааст. Аз ҷумла ӯ чунин навиштааст: «Ривоят (ар.-нақл кардани сухан ё хабар аз қавли касе; достон қисса), ҳикояти даҳонакии халқист, ки дар асоси он образи хаёлӣ (фантастикӣ) ва тасаввурот қарор дорад; аз тарафи гӯянда ва шунаванда он ҳақиқӣ шуморида мешавад. Дар ривоятҳо аз рӯйдодҳову воқеоти гузашта, имрӯза ва оянда сухан меравад» [6, с.359].

Ривоят аз рӯи мазмун ва банду баст ба нақл монанд аст. Аз ин рӯ, то кунун аксар миёни ин жанрҳо тафовут гузошта наметавонанд. Ҳатто дар бисёре аз сарчашмаву фарҳангномаҳо муҳаққиқон истилоҳҳои нақлу ривоятро ҳамчун муродиф ба кор бурдаанд. Аломати фарққунандаи нақл аз ривоят дар он аст, ки нақл одатан оид ба ҳодисаҳои нисбатан нав гуфтаву шунида мешавад. Воқеаҳои нақлшуда ҳақиқат мебошанд. Аммо мавзуи ривоятҳо нисбатан дақиқ буда, дар онҳо як андоза ҳодисаҳои ғайриоддӣ ҷой дода шудааст. Аз ҷиҳати дигар, ривоят аз нақл қадиматар аст. Яъне нақл аз номи шахси дар воқеа ё ҳодиса ҳузурдошта баён мешавад. Дар ривоятҳо ҳодисаҳои нисбатан қадимтар нақл карда мешаванд.

Дар бораи жанри ривоят фолклоршинос Д. Раҳимӣ ҳангоми табақабандии жанрҳои насри шифоҳии тоҷик чунин маълумот медиҳад: «Ривоят як навъ матни нимбадеии адабиёти шифоҳӣ буда, дар бораи ин ва ё он ҳодиса, номи маҳал ва мавзеъҳои ҷуғрофӣ, шахсони таърихию асотирӣ ва пайдоиши ашёву растаниҳо ва ҷонварон маълумот медиҳад. Нишонаи асосии ривоятҳо хусусияти иттилоотии онҳост, ки гӯянда ва қисман шунавандагон ба ҳақиқат будани ин маълумот бовар доранд.

Дар бештари ривоятҳо сухан дар бораи ҳамон мавзеъҳо ва шахсоне гуфта мешавад, ки онҳо дар назари мардум ғайримуқаррарӣ менамоянд. Чуноне ки мазорҳо, сангҳо, кӯҳҳо, чашмаҳо, ғорҳо ва дигар ҷисмҳо; шахсиятҳои бузург: аҳли тасаввуф, аҳли дин, шоирону олимон ва ғайра дар ривоятҳо бузург ва ғайриоддӣ тасвир меёбанд. Яъне дар тасвири образи онҳо ягон амал, хусусият ё истеъдоди фавқулодда нишон дода мешавад [9, с.30].

Аз таърифи Д. Раҳимӣ муайян мегардад, ки объекти асосии ривоят ашё, мавзеъ ва ё шахсе мебошад, ки оид ба мавҷудияти он ва ё амалҳояш нишонаҳои ғайриоддию фавқулодда тасвир ёфтааст. Аммо дар жанри нақл чунин хусусиятҳо вуҷуд надоранд ва чуноне ишора шуд, дар нақлҳо хусусияти маъмулии ҳодисаву воқеаҳо дар мавриди муайян гуфта мешаванд.

Оид ба нақл ҳамчун жанри мустақили фолклор Д. Обидов чунин маълумот медиҳад: «Нақл (ар. نقل – аз ҷое ба ҷои дигар бурдан), дар фолклор, як шакли осори насри даҳонакии халқ аст, таърихи қадима дорад. Нақл ҳамчун маҳсули эҷодиёти бадеии халқ муносибат ва назари одамонро дар бораи табиат ва ҳаёти ҷамъиятӣ ифода менамояд. Як хусусияти нақлҳои халқӣ он аст, ки асоси сюжети вай аз воқеаҳои аниқи ҳаётӣ фароҳам меояд. Дар нақл тасвирҳои муболиғадор ва ҳодисаҳои хаёлии аз ақл берун мавқеъ надоранд. Образ ва предметҳои тасвир низ дар нақл конкрет ва реалӣ мебошанд. Сохти композитсионии нақл нисбатан сода аст. Дар нақл тасвирҳои муфассал ва печ дар печи воқеаҳо дида намешаванд. Нақл бо хусусиятҳои жанрии худ ба ривоят хеле наздик аст. Бинобар ин гӯяндагони халқӣ гоҳо ба ҷои нақл истилоҳи «ривоят»-ро ба кор мебаранд. Баъзан ҳам нақл ва ҳам «ривоят» барои ифодаи як мақсад истифода мешавад. Дар гуфтугӯи халқ ба ҷои нақл истеъмоли истилоҳҳои «ҳикоя», «қисса», «достон», «афсона» ва ғайра низ ба назар мерасанд» [5, с. 125].

Чуноне мебинем фолклоршинос Д. Обидов низ бар он назар аст, ки мардум истилоҳҳои ривоят, нақл ҳикоя, достон, қиссаро ҳамчун синоними ҳамдигар ба кор мебаранд. Яъне дар корбурди истилоҳот

байни мардум то кунун чандон тафовуте миёни ин жанрҳо гузошта нашудааст.

Бояд гуфт, ки дар замони Шуравӣ гирдоварӣ, омӯзиш ва таҳқиқи жанри ривоят дар Ҷумҳурии Тоҷикистон камтар анҷом дода шудааст. Чунки мазмуни аксари ривоятҳо динӣ пиндошта мешуданд. Бо шукргузорӣ аз даврони соҳибистиқлолии кишвар дар як муддати кӯтоҳ ҷамъоварӣ ва таҳқиқи жанри ривоят дар қатори дигар жанрҳои фолклор аз ҷониби мардумшиносон ва фолклоршиносон ба таври васеъ сурат гирифтааст. Ривоятҳои тоҷикиро муҳаққиқон аз рӯйи мазмуну мундарича ва банду баст ба чанд гурӯҳ ҷудо намудаанд. Чунончи фолклоршинос Д. Обидов дар ин маврид чунин менависад: “Ривоятҳои халқии тоҷикиро аз ҷиҳати мавзӯъ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1) Ривоятҳои топонимӣ-оид ба бунёди шаҳрҳо ва ном гирифтани онҳо, номи мавзеъҳо, дарёҳо, кӯлҳо, чашмаҳо ва ғ.;

2) Ривоятҳои динӣ оид ба пайдоиши мазорҳо, ғорҳо, пайғамбарон, ҷину аҷина, деву парӣ ва ғ.;

3) Ривоятҳои таърихӣ ва қаҳрамонӣ оид ба шахсони бузурги таърихӣ ва қаҳрамонони асотирӣ (Ҷамшед, Рустам, Афросиёб, Искандар, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Темурмалик ва дигарон);

4) Ривоятҳои иҷтимоии хаёлӣ - дар бораи “асри тиллоӣ”;

5) Ривоятҳо дар бораи ҳайвонот, парранда ва хазандагон;

6) Ривоятҳои космологӣ - дар бораи пайдоиши Замину Осмон, ситорагон ва ғайра” [4, с.31].

Агар ривоятҳое, ки маҳз дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ҷамъоварӣ ва нашр шудаанд, аз нуқтаи назари илмӣ таҳлил карда шаванд боз навъҳои дигари онро ҳам пайдо ва муайян кардан мумкин аст. Оид ба истилоҳи ривоят, хусусиятҳои жанрӣ ва мазмуну мундаричаи онҳо ба таври алоҳида ва дар мавриди дигар ҳарф хоҳем зад. Чун мавзуи асосии баҳси ин мақола мавқеи ривоятҳо дар рушди соҳаи сайёҳӣ мебошад, ин ҷо тасмим гирифта шуд то мазмуни чанде аз ривоятҳоро, ки аз миёни мардум гирдоварӣ шудаанд, таҳлил намуда, аҳамияти онҳоро дар рушди соҳаи сайёҳӣ муайян намоем.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари офтобрӯя ва биҳиштосо барои ҷалби сайёҳон яке аз минтақаҳои мусоид мебошад. Дар дилхоҳ минтақаи кишвар даҳҳо манзараҳои дилфиребу ғайриоддӣ, чашмаву кӯлҳо, қуллаву кӯҳҳои афсонавӣ, сангу дарахтон ва мазорҳои муқаддас, ёдгориҳои қадимаи фарҳангие мавҷуданд, ки дар бораашон ривоятҳои ҷолиб офарида шудаанд. Яъне оид ба манзараҳои дилфиреби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамарӯза ривоятҳои фаровоне гуфтаву шунида мешаванд. Маҳз ҳамин ривоятҳо боиси ҷалби диққати ҳазорҳо сайёҳони дохиливу хориҷӣ гардидааст. Зимни сафарҳои хизматӣ ба минтақаҳои гуногуни кишвар муайян намудем, ки яке аз сабабҳои ташрифи сайёҳон мазмуни ривоятҳо дар бораи мавзеъҳои муқаддас будааст. Мардум пас аз шунидани ривоятҳои ҷолиб ва, чуноне ишора шуд, ғайриоддию ҳайратовар тасмим мегиранд, ки ба тамошо ва ё зиёрати чунин мавзеъҳо сафар намоянд. Албатта, мазмуни баъзе аз ривоятҳо чунин мавзеъҳоро ба тамошогоҳ ва қисми зиёдашонро ба зиёратгоҳ табдил медиҳад. Масалан, зимни сафар аз ноҳияи Сангвори водии Рашт, ки зиёратгоҳу мавзеъҳои таърихӣ-фарҳангии зиёд дорад, ривоятҳои фаровонеро

гирдоварӣ намудем. Ҳангоми омӯзиши матни ривоятҳо дар ноҳияи Сангвор чунин натиҷагирӣ шуд: “Бояд гуфт, ки бештар мавҷуд будани ривоятҳо дар ин ноҳия сабабҳои махсуси худро дорад. Пеш аз ҳама, ноҳияи Сангвор нисбат ба ноҳияҳои дигари водии Рашт дар миёни кӯҳҳои осмонбӯс қарор дошта, теппа ва кӯҳҳое онро иҳота намудаанд, ки шаклан ғайриоддӣ ва дар натиҷаи боришоти зиёди барфу борон, ба вуҷуд омадани сел ва ё тобиши зиёди офтоб шаклҳои аҷиберо пайдо намудаанд. Аз ҷониби дигар, мардуми ноҳия ҳанӯз аз замонҳои қадим дар такя ба нақлу ривоятҳои куҳансолони худ, ки то ҷое донандаи донишҳои суннатӣ будаанд, боварӣ доштаву зиндагонӣ кардаанд. Ҳамаи ин омилҳо боиси ба вуҷуд омадани матни ривоятҳои зиёде дар ин ноҳия гаштааст” [1, с.26].

Ин аст, ки новобаста аз минтақаи кӯҳӣ ва дурдаст будани ин минтақа матни ривоятҳо онро ба як мавзеи сайёҳӣ ва зиёратгоҳу тамошобоб қарор додаанд. Аз ҳама мавзеи таърихӣ ва машҳури ин ноҳия зиёратгоҳи ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ мебошад, ки он дар деҳаи Боршуди ҷамоати деҳоти Ваҳдати миллӣ ҷойгир аст. Новобаста аз дурии роҳ ва аз ҳад зиёд мушкилгузар будани роҳҳои он ҳамасола барои тамошо ва зиёрати ин мавзеъ садҳо зоирон ташриф меоранд. Дар замони соҳибистиқлолии кишвар ҳам мақбараи ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ ва ҳам роҳи он таъмиру тармим гардида, барои қабули сайёҳон хеле муфид гардидааст. Бояд гуфт, ки яке аз сабабҳои асосии ба зиёратгоҳ табдил ёфтани он маҳз ривоятҳо мебошад, ки чанде аз онҳоро мо аз забони сокини ҳамин ноҳия Давлатов Бухорӣ шунида сабт намудем.

Чуноне ки гуфтем, мақбара ё зиёратгоҳи Бурхи Сармасти Валӣ дар деҳаи Боршуд ҷой дорад. Бинобар гуфтаи мардум номи деҳа низ аз ҳаёти Бурхи Валӣ пайдо шудааст, ки матни ривоят чунин аст: «Ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ аз рӯи гуфтаи бобои Айниддин, зодаи деҳаи Лангари ноҳияи Сангвор, аслан дар Сарандеб таваллуд шуда, баъдан бо хоҳиши модараш, ки гӯё ин минтақаҳоро дар хоб дида бошад, барои таблиғи Худои ягона ба Вахё меоянд. Авлоди онҳо дар Сарандеб ба касби бофандагӣ машғул будаанд. Дар роҳ бародараш дар Ироқ ва модараш дар Афғонистон вафот мекунанд. Худи ҳазрат ба водии Вахё омада, чанд муддат, гӯё, дар ноҳияи Ванҷи имрӯза ба бофандагӣ ва ҳамзамон ба таблиғи яктопарастӣ машғул мешавад. Аммо ӯ дар касбаш ба ноадолатиҳо дучор шуда, танҳоиро аз муборизa бо мардум авлотар медонад. Ва ба ин мавзеъ, ки имрӯз мардум онро Боршуд меноманд, омада даруни ғоре ба тоату ибодат ва зикри Худованд машғул мешавад. Дар он солҳо дар ин мавзеъ тахминан 400 хоҷагӣ зиндагонӣ менамудаанд, ки зиндагонии фақирона доштаанд. Бо шарофати пойи қадами Бурхи Сармасти Валӣ макон серҳосил ва шароити зиндагонии мардум рӯз ба рӯз беҳ мешавад. Аммо ҳазрат худашро ошкор намекунад. Рӯзе як марди худотарсу пок, ки аз ҷабри зани бад ба дод омада буд, барои ҷамъоварии ҳезум ба ҳамон ғор меояд. Ӯ ҳезумро аз як дарахти буттамонанде, ки то ҳол болои қабри ҳазрат мавҷуд аст (дарахти чатқал) бо табар задан мегирад. Мард ба он аҳамият намедиҳад, ки бораш барои бурдан алакай кифоя шудааст. Ва боз ҳезум заданро идома медиҳад. Нохост ба гӯшаш садои «бор шуд» мерасад. Ӯ гумон мекунад, ки касе аз деҳа пештар аз ӯ барои ҳезум омадааст ва боз саросема шуда, ҳезум шикастан мегирад. Боз садои «бор шуд» шунида мешавад. Мард ба ҳар тараф нигоҳ мекунад, ки касе нест. Ҳезумҷамъкуниро давом медиҳад.

Маротибаи сеюм таъкид мешавад, ки «бор шуд». Чашмаш ба тахтасанги миёни буттаҳо меафтад. Онро як тараф карда мӯйсафеди нурониеро мебинад ва аз ҳуш меравад. Пас аз ба ҳуш омадан мехоҳад, ки тахтасангро пӯшонад. Аммо ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ мегӯяд, ки акнун маро ошкор кардӣ. Ман он қадар умри зиёде надорам. Мурдаи маро дар ҳамин ҷо дафн мекунӣ. Дар ҳамин ҷо мақбара месозӣ. Мардуми зиёдеро барои сохтани мақбара даъват мекунӣ. Онҳоро мехӯронӣ, то корро сари вақт анҷом диҳанд. Мард мегӯяд, ки ман ҳамагӣ як сатил гандум дорам. Дар хонаам ҳатто буз ё гӯсфанде надорам, ки таом пухта, мардумро сер кунам. Ва ман хиштро барои сохтани мақбара аз куҷо мегирам? Дигар ин ки мардуми зиёдро чи хел даъват мекунам? Ҳазрат мегӯяд, ки ҳамон як сатил гандумро бурда ба осиёб рез, чи қадар ки хоҳӣ, орд баромадан мегирад. Фақат ба даруни дӯл нигоҳ набояд кунӣ. Дар мавриди гӯшт ҳам фикр накун, бузи кӯҳӣ худаш омада дар ҳамин ҷо барои забҳ кардан мехобад. Дар мавриди даъвати мардуми зиёд низ фикр накун. Ту чашмонатро пӯшида, «Мардум ҷамъ шавед мақбара месозем» бигӯ. Мардумони беҳисобе омадан мегиранд. Хиштро бошад аз Сангвор даст ба даст карда меоранд.

Мард аз рӯи гуфтаи ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ гандумро ба осиёб бурда, ба дӯл мерезед. Бе ҳисоб орд баромадан мегирад. Мард ордро бурда ба кулии хонааш рехтан мегирад. Ҳисси кунҷкобии зан боло меравад, ки ин қадар орд аз куҷо бошад. Пинҳонӣ аз шавҳар рафта, даруни дӯлро мебинад. Дар ҳамин вақт осиёб аз гардиш мемонад ва аз даруни дӯл ду кабутар парвоз карда мераванд. Мард ба назди ҳазрат рафта, ҳодисаро шарҳ медиҳад. Ҳазрат мегӯяд, ки ҳамин қадар орд кифоя аст. Хости Худо ҳамин қадар будааст. Акнун аз пайи даъвати мардум ва сохтани мақбара шав. Мард чашмонашро пӯшида, мардумро даъват мекунад. Чашмонашро кушода мебинад, ки анбуҳи аз ҳад зиёди одамон омада истодаанд. Бузи кӯҳӣ ҳам омада, дар ҷойи мақбара мехобад. Зуд онро забҳ мекунанд. Ҳама мардум ба серӣ нону таом мехӯранд. Аммо боз ҳам аз ҳама зиёдатӣ мекунад. Мардум аз деҳаи Сангвор, ки дуриаш то деҳаи Боршуд тахминан 25 км аст, даст ба даст хишт меоранд ва мақбараро дар ҳамон як рӯз месозанд. Номи деҳа бошад маҳз аз ҳамон ибораи таъкиднамудаи ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ ба вуҷуд омадааст».[1]

Аз мазмуни ин ривоят чанд маъниро пайдо кардан мумкин аст. Аввал ин ки этимологияи деҳаи Боршудро маҳз ба ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ нисбат медиҳанд ва онро на танҳо ҳамчун деҳа, балки ҳамчун мавзеи таърихию зиёратӣ муаррифӣ менамоянд. Дуюм, ба Худованд рост будану каромот доштани Ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ тавассути ин ривоят инъикос мегардад. Сеюм, ба осон гардидани ҳама гуна мушкилӣ тавассути ҳашар ва ё дастҷамъӣ мардумро талқин менамоянд. Ниҳоят аз ҳама нуқтаи муҳим матни ривоят боиси ба зиёратгоҳ ва ё минтақаи сайёҳӣ мубаддал гардидани ҳамин деҳа гаштааст.

Дар бораи боиси ҷалби сайёҳон гардидани ривоятҳо муҳаққиқ З.Холмуродов чунин ибрози андеша намудааст: “Чуноне зикр шуд, дар бораи об ва пайдоиши чашмаҳо нақлу ривоятҳо хеле зиёданд, махсусан

[1] Гӯянда Давлатов Бухорӣ, сокини деҳаи Ёзғанд, ҷ.д. Тавилдара соли тав. 1970.

дар бораи чашмаҳое, ки аз ҷониби мардум муқаддас шуморида мешаванду мавриди арҷгузорӣ қарор доранд. Аксари чунин чашмаҳо ба зиёратгоҳу мазорҳо табдил ёфтаанд. Таҳлилҳо собит намуданд, ки омили ба мавзеъҳои муқаддас табдил ёфтани чашмаву рудҳо бовару эътиқоди мардум мебошад. Одатан чунин зиёратгоҳҳо дар навоҳии дурдаст ва мавзеъҳои кӯҳистони кишвар ҷойгир шудаанд ва табиист, ки мардуми кӯҳистон ба суннатҳои аҷдодӣ ва гуфтаву шунидаҳои мардумӣ, махсусан ходимони динӣ бо назари эҳтиром ва боварии махсус аҳамият медиҳанд. Аз ҷониби дигар, пайдоишу густариши ривоятҳо дар атрофи чунин мавзеъҳои муқаддас метавонад барои ҷалби сайёҳон ба кишвар бевосита мусоидат кунад” [13, с.26].

Андешаҳои Холмуродов Зафарро мо низ ҷонибдорӣ менамоем. Зеро ҳангоми сафар ба ноҳияи Ховалинг ва зиёрати мазори Ҳазрати Султони Увайси Қаранӣ дар бораи ҳақиқатан воқеъ будани қабри Султон дар ноҳияи Ховалинг ва пайдоиши чашмаҳои муқаддаси зиёратгоҳ мо низ чунин ривоятҳоро сабт намудем. Яке аз он ривоятҳо ин аст:

«Вақте ки Султон Увайсӣ бемор мешавад васият менамояд, ки пас аз маргаш панҷ тобут омода намуда, ҷасадашро дар яке аз онҳо ҷой диҳанд ва сипас ҳамаи тобутҳоро ба болои шутуре савор намуда, шутурҳоро ба ихтиёри худашон раҳсипор намоянд. Ҳар шутур дар кадом мавзеъе, ки қарор гирифт ҳамон ҷо мақбарае бисозанд ва зиёратгоҳи Султон Увайси Қаранӣ ҳамчун дӯсти пайғомбар номгузорӣ намоянд. Инчунин, ҳатман он ҷойҳо мавзеъи табобатӣ хоҳанд, шуд ки бо амри Худованд ихлосмандони зиёде шифо хоҳанд ёфт. Ҳамин тариқ, имрӯз дар панҷ минтақаи олам, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон мақбараи Султон Увайси Қаранӣ мавҷуд аст. Гӯё касе намедонад, ки ӯ дар кадоме аз онҳо дафн шудааст. Сабаби чунин васият намудани Султон дар он аст, ки ӯ мехостааст ба ин восита дини исломро ташвиқ намуда, ихлосмандонашро зиёд намояд» [11, с. 144-145].

Ривояти мазкур далели он мебошад, ки дар бораи дар воқеъ мавҷуд будани қабри воқеии Ҳазрати Султон дар ноҳияи Ховалинг маълумоти дақиқ нест. Аммо аз нуқтаи назари дигар касе рад карда наметавонад, ки ин ҷо ҷасади вай вуҷуд надорад. Ба ҳар сурат матни ривоят боиси ба зиёратгоҳ табдил ёфтани ҳамин минтақа гардидааст.

Оид ба хусусияти табобатӣ доштани ин мавзеъ низ баъзе ривоятҳо мавҷуданд. Вобаста ба мавзеи ҷойгиршавӣ Мазори Ҳазрати Султон дар минтақаи зебое ҷойгир аст, ки чашмаҳои мусаффо дорад. Дар ҳама фасли сол ин минтақа сабзу хуррам ва салқин буда, ҳарорати ҳавояш ба ҳар инсон форам аст. Аммо барои боз ҳам диққатҷалбкунанда гардидани он ривоятҳои махсус офаридаанд. Оид ба чашмаҳои дохили зиёратгоҳ низ ривоятҳо мавҷуданд, ки пайдоиши чашмаҳоро низ мансуб ба Ҳазрати Султон медонанд. Чунончи: «Вақте ки уштури дар болояш тобутдошта ба ҳамин ҷо мерасад, қарор гирифта дар ҷояш меғелад. Мардум зуд қабр канда тобутро накушода онро мегӯронанд. Чанд лаҳза пас аз ҷои хоби уштур, аниқтараш аз панҷ ҷойи асосии ба замин расидаи ӯ – ҷои чор зону ё пойи он ва ҷои фуки уштур чашмаҳо мебароянд. Ин чашмаҳо номҳои махсус дошта, ҳар кадом ба худ хусусияти хоси табобатӣ доранд. Номи

онҳо чунин аст: 1. Чашмаи мағфират. 2. Чашмаи раҳмат. 3. Чашмаи мурод. 4. Чашмаи ҳикмат. 5. Чашмаи шифо»[2].

Аз нақлҳои гӯяндагон ва матни ривояти боло маълум гардид, ки ба ин мавзеъ шахсони дардманду эҳтиёҷманд, алалхусус, беморони рӯдаю меъда, беморони сардард, гулӯдард, гӯшдард, шахсони ба мушкилиҳо гирифторшуда, инчунин, духтароне, ки дер боз ба шавҳар набаромадаанд, барои рафъи мушкилиҳояшон аз тамоми гушаву канори ҷумҳурӣ ва ҳатто аз ҷумҳуриҳои ҳамсоя меоянд. Ҳатто бисёриҳо дар зарфҳои махсус аз оби ин чашмаҳо барои наздикону пайвандонашон мебаранд. Ҳамин аст, ки аллакай дар ин мавзеъ фурӯши зарфҳои пластикӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон дар қатори ихлосмандони дохилӣ хориҷиён низ ҳам барои тамошо ва ҳам барои муолиҷа ба мазори Ҳазрати Султон ташриф меоранд.

Ҳамин тавр ба хулосае омадан мумкин аст, ки ривоятҳои дар атрофи мавзеъҳои таърихӣ ба вуҷудомада, новобаста аз илман асоснок будани онҳо яке аз сабабҳои асосии ҷалби сайёҳон ба ин ва ё он минтақа гардидаанд. Метавон нақши ривоятро ҳамчун як жанри фолклорӣ дар таблиғи ақидаҳои ахлоқӣ мувофиқ ҳисобид. Ба монанди чанд ривояти дар боло овардашуда садҳо матни ривоятҳои боиси ба зиёратгоҳу маконҳои саёҳатӣ табдил ёфтани қуллаву кӯҳҳо, чашмаву кӯлҳо, ёдгориҳои таърихию фарҳангиро дар манотиқи кишвар дучор омадан мумкин аст. Ривоятҳо дар бораи «Кӯли Сарез» дар водии Бартанги ВМКБ, мавзеи «Чилучорашма»-и ноҳияи Носири Хусрав, кӯҳи «Чилдухтарон»-и ноҳияи Муъминобод, «Искандаркӯл» дар ноҳияи Айнӣ ва боз даҳҳо ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ ва мавзеъҳои муқаддасро ёдова шудан мумкин, аст, ки дар тӯли қарнҳо боиси ҷалби оммаи васеи сайёҳони дохиливу хориҷӣ гардидаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таблиғу ташвиқ ва муаррифии манзараҳои дилфиреби кишварамон дар шароити кунунӣ ҳоло ҳам ба таври бояду шояд ба роҳ монда нашудааст. Имрӯз метавонад аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллии ҳар як шаҳру ноҳия буклету албомҳои ранга бо овардани матни ривоятҳо дар атрофи мавзеъҳои сайёҳии минтақаашон ба роҳ монда шавад. Инчунин тавассути наворҳои таблиғотӣ матни ривоятҳо бояд бо забонҳои байналмилалӣ сабт ва дар сомонаҳои иҷтимоӣ мавриди гузошта шаванд. Инчунин нашри маҷмуаи ривоятҳо доир ба ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва мавзеъҳои муқаддас ҳамчун омили ҷалби сайёҳон амри саривақтист.

Адабиёт

1. Аминов, А. Ривоятҳо дар бораи мавзеъҳои муқаддас ва шахсиятҳои таърихӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик: Натиҷаҳои экспедитсияҳои мардумшиносӣ ва санъатшиносии кормандони ПИТФИ аз навоҳии минтақаи Рашт / Мураттиб, муаллифи пешгуфтор ва хулоса Д. Раҳимов (Шумораи 6). – Душанбе: Аржанг, 2018. – С. 25-38.

2. Аминов, А. Кӯли Сарез дар ривоятҳои мардумӣ // Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик: Натиҷаҳои экспедитсияҳои мардумшиносӣ ва санъатшиносии кормандони ПИТФИ аз ноҳияи Рӯшони ВМКБ

[2] Гӯянда Ҷалилов Саид. с.т. 1968 зодаи ноҳияи Ёвон. (барои табобат омадааст).

/Мураттиб, муаллифи пешгуфтор ва хулоса З. Холмуродов. Шумораи 7. – Душанбе: Аржанг, 2019. – С. 167-178.

3. Асрорӣ, В. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик / В. Асрорӣ, Р. Амонов. – Душанбе: Маориф, 1980. – 304 с.

4. Обидов, Д. Андешаҳо перомуни ривоятҳои тоҷикӣ // Фолклор, адабиёт, забон. – Душанбе: ЭР-граф, 2004. – с. 29-51.

5. Обидов, Д. Нақл / Энсиклопедияи Советии тоҷик, ҷилди 4. – Душанбе: Сарредаксияи Энсиклопедияи Советии тоҷик – 1984. – С. 125.

6. Обидов, Д. Ривоят / Энсиклопедияи Советии тоҷик, ҷилди 6. – Душанеб: Сарредаксияи Энсиклопедияи Советии тоҷик – 1986 с. – С. 359.

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ш. Душанбе, 22 декабри соли 2017. – Душанбе: Шарқи озод, 2017. – 48 с.

8. Раҳимов, Д. Фолклори тоҷик (дастурномаи таълимӣ) /Д. Раҳимӣ – Душанбе: Эҷод, 2009. – 264 с.

9. Раҳимов, Д. Масъалаи табақабандии жанрҳои насри шифоҳии тоҷик // Паёмномаи Фарҳанг.–2013.– № 23.– С. 26-34.

10. Раҳимӣ Д. Ривоятҳои халқӣ дар бораи ҷойҳои муқаддас // Паёмномаи фарҳанг. – 2022. – №3 (59). – С. 28-37.

11. Фарҳанги ғайримоддии халқи тоҷик: Натиҷаҳои экспедитсияҳои мардумшиносӣ ва санъатшиносии кормандони ПИТФИ аз минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон / Мураттиб, муаллифи пешгуфтор ва хулоса Д. Раҳимов. Шумораи 4. – Душанбе: Аржанг, 2018. – С. 25-38.

12. Фарҳанги забони тоҷикӣ.– Москва: Нашриёти Энсиклопедияи советии тоҷик. – Ҷ.2. – 1969. – С. 137.

13. Холмуродов, З. Тавсифи об дар ривоятҳои халқии тоҷикӣ // Паёмномаи Фарҳанг.– 2021.–№ 2 (54).– С.24-31.

Аминов Абдулфаттох

НАРОДНЫЕ ПРЕДАНИЯ И ИХ РОЛЬ В РАЗВИТИИ ТУРИЗМА

В статье исследуются народные предания и их роль в развитии сферы туризма. В соответствии с требованиями времени внимание к сфере туризма постепенно возрастает. Прекрасные пейзажи Республики Таджикистан, особенно памятники истории и культуры, притягательные горные вершины, родники, озера и другие священные места привлекают тысячи иностранных туристов.

Предание как самостоятельный жанр в фольклористике имеет специфический сюжет, содержание и стиль, в нем приводятся устные народные сведения об исторических личностях, местах, необычных предметах и объектах, родниках, озерах, реках, животных и т.п. Одним из культурных элементов, привлекающих туристов, считаются легенды о том или ином историческом и святом месте, которые искренне создавались народом на протяжении веков и передавались из уст в уста.

Содержание всех преданий связано с необычными свойствами вещей и предметов, привлекающими внимание слушателя. Поэтому необходимо собирать, анализировать и публиковать текст таджикских легенд, особенно легенд о священных местах и памятниках истории и культуры. Потому что, как было отмечено выше, помимо прочих мер,

организация инфраструктур, ремонт и содержание объектов и дорог туристических зон, сбор и публикация легенд также оказывают влияние на популяризацию туристических зон.

Ключевые слова: предание, фольклор, текст, содержание, достопримечательность, туризм, место, святыня, историко-культурные памятники, родник, озеро, вершина, объект.

Aminov Abdulfattoh

FOLK LEGENDS AND THEIR ROLE IN THE DEVELOPMENT OF TOURISM

The article examines folk legends about cultural and natural sites and their role in the development of tourism in the Republic of Tajikistan. In accordance with the requirements of the time, attention to the tourism sector is gradually increasing. The beautiful landscapes of the country, especially historical and cultural monuments, beautiful mountains and peaks, springs and lakes and other sacred places attract thousands of foreign tourists.

Legend as an independent genre in folklore studies has a specific plot, content and style, it provides information about historical figures, places, unusual objects and nature, springs, lakes, rivers, animals, etc. One of the cultural elements that attract tourists are considered legends about a particular historical and holy place that were sincerely created by people have been passing it from mouth to mouth for centuries.

The content of all the legends is connected with the unusual properties of things and objects that attract the attention of the listener. Therefore, it is necessary to collect, analyze and publish the text of Tajik legends, especially legends about sacred places and monuments of history and culture. Because, among other measures, the organization of infrastructures, repair and maintenance of objects and roads of tourist zones, the collection and publication of legends also have an impact on the popularization of tourist zones.

Keywords: legend, folklore, text, content, attraction, tourism, place, shrine, historical and cultural monuments, spring, lake, peak, object.

ТДУ: 37тоҷик+008+398тоҷик+298+17+15+9тоҷик

Пиров Сироҷиддин

ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХИВУ АХЛОҚИИ МАЗОРҲО

Дар ин мақола роҷеъ ба маъно ва моҳияти мазору зиёратгоҳҳо сухан рафтааст. Қайд шудааст, ки мардум на ҳар қабрро мазор меҳисобанду ба зиёрати он мераванд. Одатан гӯрҳои ашхоси муътабар монанди анбиёву авлиё, шаҳидону ғарибони порсо ва орифону олимон ба зиёратгоҳ табдил меёбанд.

Дар ҳудуди Тоҷикистон зиёратгоҳҳое мавҷуданд, ки таърихи пайдоиш ва ҳақиқати онҳо барои мардум равшан нест. Мазори воқеӣ онест, ки одамон аз таърихи пайдоиш ва шахсияти дар он мадфун огоҳӣ доранд. Муаррихон аз рӯйи аниқ набудани ашхоси мадфун, соли таваллуд ё

вафоти онҳо, бо номҳои гуногун машҳур будани мазор, дар маконҳои мутаъадид як ном доштани мазорҳо зиёратгоҳҳоро тақсимбандӣ карда, баъзеи онҳоро мазори воқеӣ (дар он ҷо будани ҷасади шахсияти бузургвор), баъзеро мазор – қадамҷой ва баъзеи дигарро мазори файзи осор номидаанд.

Чун бештари мазорҳоро бинову иморатҳои махсус иҳота кардаанд, аз ин рӯ муҳаққиқону муаррихон ба таҳқиқу омӯзиши онҳо таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Дар мақола омилҳои хурофот, зиёдаравӣ дар зиёрати мазорҳо низ матраҳ гардида, ба қайд гирифтани мазору зиёратгоҳҳо зарур ҳисобида шудааст. Ин амал дар бартарафсозии амалҳои хурофотӣ ва зиёдаравӣ дар зиёрати мазорҳо мусоид мекунад.

Дар мақола ҳамчунин орову афкори баъзе ашхос оид ба мазорҳо ва амволи вақфӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар умум мазорҳо ҷузъи амокини таърихию саёҳии кишвар ва бозгӯкунандаи фарҳангу маданияти халқ буда, истифодаи ҳадафноки онҳо ба манфиати кишвар хоҳад буд.

***Калидвожаҳо**: мазор, мазори воқеӣ, қадамҷой, мазори файзи осор, мақбара, гӯр, зиёрат, мадфун, вақф, хурофот.*

Мазорҳо ҷузъи объектҳои таърихӣ маҳсуб ёфта, аз қадим то кунун макони дидан ва зиёрати одамон қарор доранд. Худи вожаи мазор маҳал ё ҷои зиёратро ифода мекунад. “Мазор – ҷои зиёрат; аксар итлоқи ин лафз бар қабр кунанд” [3, с. 257]. Гарчанде мардум қабрро мазор гӯянд ҳам, вале на ҳар гуна қабр мазор аст. Одатан гӯрҳои ашхоси муътабар монанди анбиёву авлиё, шаҳидону ғарибони порсо ва орифону олимон ба зиёратгоҳ табдил меёбанд, яъне мадфуншудагон ҳамон обрӯю эътибор ва мақомеро, ки дар ҳоли зиндагии худ доштанд, баъд аз марг низ дар миёни мардум боқӣ мегузоранд. Гоҳо ба ҷои мазор калимаи марқад, ки маънои хобгоҳро ифода мекунад [12, с. 586]., истифода мегардад.

Атрофи аксар мазор ё марқадҳоро биноҳо иҳота карда, болои баъзеи онҳо ҳар гуна нишонаву аломатҳо насб шудаанд. Ба таври мисол солҳои пеш болои мазоре, ки дар миёни деҳаи Зарафшон (собиқ деҳаи Ҳоҷиқатағани ш. Вахдат) воқеъ аст, чубе дорои тасвири даст ё панҷаи одамӣ насб шуда буд ва он бо номи “мазори даст” шинохта мешуд. Ҳоло тасвири мазкур дар ин мазор вуҷуд надорад, шояд аз таъсири қувваҳои табиат он аломат афтода бошад ва дигар касе ҳам онро нав накардааст, чунки мазор мутаваллӣ надорад. Имрӯзҳо бошад, бештар рӯи қабрҳо санге мегузоранд, ки дорои нақши нимамоҳу ситора ва ё дигар навиштаҷоти ба он мавзеъ муносиб аст.

Ҳамзахон Камолов дар мақолааштасвири ҳилоли моҳ бо ситораро рамзи ислом ва аз мафохири фарҳангии мардумони эронӣ дониста, аз таърихи пайдоиши он чунин овардааст: “Ба ҳар сурат ҳилоли моҳ бо ситора чун рамзи динӣ барои масҷидҳо ва мазорҳо аҳамият пайдо кард, ҳамчуноне, ки салиб барои калисои исавиҳо. Аммо ин рамз аз доираи исломи Туркияи исломӣ берун нарафт ва хориҷ аз билоди онҳо густариши умумиро касб накард. Чуноне ки В.В. Бартолд шаҳодат медиҳад, ҳилол дар фарози “масҷидҳои Туркистон то тасхири русҳо ба назар намерасид”... Пас дар садаҳои миёна ва пасин намоди ҳилоли моҳ бо ситораро дар амокини мазҳабии Мовароуннаҳр ва Хуросон наметавон суроғ кард. Имрӯзҳо дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна дар гунбади масҷидҳо ва мазорҳо ҳилоли моҳ бо ситораи насбгашта ба назар мерасад ва ҳатто дар сангҳои мармарии қабрҳо

низ ҳаккокӣ намудани нимамоҳ бо ситора, ки пиромунаш “калимаи шаҳодат” ҳакк шудааст, ба ҳукми суннат даромадааст. Ин таъсири робитаи мустақим пайдо кардани ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, аз он ҷумла Тоҷикистон бо Туркия аст, ки меросбари Туркияи Усмонӣ мебошад” [4, с. 25].

Дар воқеъ тайи солҳои охир насби санге, ки дорои навиштаҷот, аз қабили ному насаб, санаи таваллуду вафоти шахси фавтида, баъзан ашъори пандомез ва тасвири нимамоҳу ситора буда, бо номи “санги мазор” машҳур гаштааст, дар деҳот низ расм шудааст. Солҳои хурдиам, ин амал, яъне насби “санги мазор” бо навиштаҷотро рӯи қабрҳои ашхоси муътабар, монанди кормандони давлатӣ, аъзоёни ҳизби коммунист, зиёиён (шоирон, нависандагон) мушоҳида мекардам. Ҳоло ин амал, ҳатто дар деҳот умумӣ шуда, аксари ворисони фавтида мехоҳанд, то гузашти чил рӯз ё як сол назди гӯри шахси наздикашон “санги мазор” насб кунанд, ҳатто дар баъзеи онҳо аз ҷониби кӣ насб шудани санг китобат шудааст, ба мисли “... аз фарзандон” , “... аз бародарон” ва ғайра. Аз рӯи мушоҳида солҳои пеш одатан назди қабрҳо санги одӣ гузошта, ягон дарахти бесамар мешинониданд, вале таҷрибаҳо нишон доданд, ки дар пайи чунин амал бештари гӯристонҳо бинобар бе аҳаммиятӣ қариб ба “ҷангалзор” табдил шуданд, гарчи аз нигоҳи шаръ вуҷуди растании зинда (сабз) барои аҳли қубур судманд аст. Аз Абдулло ибни Аббос чунин ривоят омадааст: “Муҳаммад (с) аз канори ду қабр гузашта гуфт: соҳибони ин ду қабр гирифтори азобанд, яке ба хотири суханчинӣ, дигаре аз рӯи нодуруст бавл (пешоб) кардан. Сипас, чӯби тареро ду пора карда, болои қабрҳо халонида гуфт: умед аст, ки то хушк шудани чӯбҳо азобашон сабук мегардад” [2, с. 248].

Соли 1997, вақте ки донишҷӯи курси дувуми Донишгоҳии исломии Тоҷикистон ба номи Имом Тирмизӣ (ҳоло Донишкадаи исломии Тоҷиикстон ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа) будам, нафаре аз ман хоҳиш кард, ки барои омода кардани “санги мазор” номи модарашро бо хатти форсӣ дар варақ нависам, то устои “санги мазор” аз он нусха бардошта, онро бо дастгоҳи махсус рӯи санг китобат намояд. Ман дархости ӯро иҷро кардам. Баъд аз он ки “санги мазор” бо навиштаҷоти мазкур омода ва рӯи қабр насб мегардад, яке аз ходимони дин ин амалро танқид карда гуфтааст, ки чунин санггузорӣ тариқи суннат нест, бояд санги оддӣ гузошта мешуд... Вақте ки ман дар синфи ҳафтум мехондам, бо сабаби як садаи нақлиётӣ яке аз хонадони мо ҳалок гардтд. Рӯзи дуввум ё сваввум ҳамроҳи падарам барои дуъо ба сари қабри марҳума рафтем. Падарам ду санги одиро бо худ гирифт ва якеро аз ҷониби боло (сари майит) ва дигариро аз ҷониби пойин (пойи майит) назди қабр гузошт, ки то ҳол он ду санг истодаанд. Бо вуҷуди ин баъд аз гузашти солҳои зиёд (33 сол) бародари хурдии ман “санги мазор”-еро бо навиштаҷоти ному насаб ва таърихи таваллуду марги марҳума назди қабраш насб кард. Аз диди ман ин амал кори дуруст аст, чунки бо гузашти солҳо гӯристонҳо калон шуда, қабрҳо зиёд мешаванд ва наслҳои баъдӣ онҳоро ба воситаи “санги мазор” ва аломатҳои мазкур зудтару хубтар шинохта метавонанд. Паёмбари ислом Муҳаммад (с) низ ҳамин нуктаро иброз дошта, пас аз дафни Усмон ибни Мазъун сангеро ҷиҳати аломатгузорию шиносой назди қабри ӯ ниҳода буд. “Вақте ки Усмон ибни Мазъун вафот кард ва ба гӯристон дафн гардид, Паёмбар (с) мардеро амр кард, то санге биёрад. Он мард натавонист сангро бардорад. Паёмбар (с) остин боло зад ва тарафи

санг рафт. Ровӣ мегӯяд: Касе, ки ин ҷараёнро аз Паёмбар (с) барои ман нақл кард, мегуфт: Ин ҷараён чунон дар хотири ман ҳифз шудааст, ки гӯё ҳозир остинро боло зада, сангро мебардорад. Баъд Паёмбар (с) сангро бардошт ва дар тарафи сари майит гузошта, фармуд: Бо гузоштани ин санг гӯри бародарамро аломатгузорӣ мекунам ва агар аз наздиконам касе бимирад, ӯро дар назд ва канораш дафн мекунам" [14, с.288].

Чуноне ки дар боло зикр кардем канори бештари мазорҳоро биноҳое иҳота кардаан, ки шаклу намуди гуногун доранд. Бо вуҷуди ин аз нигоҳи аввал тарзи махсуси сохти биноҳо ба мазор ва зиёратгоҳ буданашон далолат мекунанд. "Аксари мазорҳо дар қабристон (ё бинои мазор) дар байни дигар иморатҳо бо дабдабанокӣ, ҳашамати худ ва дигар аломатҳо – меҳҳои дароз - дарози чӯбӣ, ки дар сари онҳо тасвири филизии ҳилол, дасти одамӣ, як даста думи асп ва ғ. ҳастанд, фарқ мекунанд. Бинобар "муқаддас" будан дар байни ёдгориҳои меъмории замонҳои гуногун мазорҳо бештар боқӣ мондаанд, зеро ҳеч кас (аз ҷумла истилогар) ҷуръат намекард, ки онро хароб созад, аҳолии маҳаллӣ бошад мазорро таъмир менамуд ва аз вайроншавӣ эмин медошт" [10, с. 72].

Ҳарчанд бештари мазорҳо аз ҳуҷуми бегонагон эмин монда бошанд, аммо бархе аз онҳо дар натиҷаи таъсири офатҳои табиӣ ва ё ҷангу задухӯрдҳо куллан ё қисмати вайрон шудаанд ва баъдан аз тарафи ашхоси савобҷӯй таъмир ва ё азнавсозӣ гардидаанд. Барои мисол аз гузаштаи мазори Фахруддини Розӣ ёдовар мешавем: "Ба гуфтаи муаррихон пеш аз давраи Темуриён бар мазори Фахруддини Розӣ мақбарае вуҷуд доштааст, ки бо мурури замон вайрон гардидааст. Чуноне ки аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд бо сабаби ҷангу низоъ ва задухӯрдҳои низомӣ, амокини ободу зебо, аз ҷумла мақбараи Фахруддини Розӣ чандин бор вайрону боз аз сари нав тармим гардидааст... Дар замони Темуриён бо кӯшиши Алишери Навоӣ мақбараву манораи олие бар мазори Имом Фахруддини Розӣ сохтаанд, ки баъдан аз ҳамлаҳои Шайбониёну Сафавиҳо вайрон гаштааст. Дар китоби «Ҷуғрофияи умумии Ҳирот» навиштаи Расули Пуён омадааст: Дар замони султон Ҳусейни Бойқаро иморате бар мазори Фахруддини Розӣ обод мешавад, вале дар ҷараёни даргирие, ки миёни шайбониён ва сафавиён рух медиҳад, он мақбара вайрон мегардад. Дар соли 1328 (ҳиҷрии шамсӣ) айвони кӯчаке бо саъю кӯшиши шахсе бо номи Ҳоҷӣ Одамхон ва баъзе мардуми хайрхоҳу савобҷӯй, обод мегардад ва лавҳе бар сари мазори Фахруддини Розӣ насб мегардад. Дар солҳои аввали ҳукумати Зоиршоҳ дар соли 1320 ш. замоне, ки Абдуллохони Маликёр волии Ҳирот будааст, айвони бузурге дар муқобили оромгоҳи Фахри Розӣ сохта мешавад, ки то замони таҷовузи Шуравӣ ба Афғонистон по бар ҷой будааст. Замоне бо талоши мардумони хайрхоҳу ободкор дар назди оромгоҳи Фахруддини Розӣ китобхонае бунёд мегардад, аммо дере нагузашта бар асари ҷангҳову ҳуҷумҳои пароканда он бино дубора харобу вайрон мегардад. Бо идомаи даргириҳо миёни неруҳои Шуравӣ ва афғон мазори Фахруддини Розӣ ба тадриҷ бар асари оташи ҷанг вайрон мешавад. Пас, аз таҳаввулоти ахир дар Афғонистон, дар соли 1374 ш. мазори Фахруддини Розӣ тавассути яке аз тоҷирони Ҳиротӣ аз нав обод мегардад. Дар ҳоли ҳозир оромгоҳи Фахруддини Розӣ дар шаҳри Ҳирот яке аз биноҳои бузурги таърихии ин шаҳр шумурда шуда, зиёратгоҳи хосу оми мардум гаштааст" [11, с. 25].

Мазорҳое ҳам вуҷуд доранд, ки дар ҳавои кушод, яъне бе иҳотаи бино қарор гирифтаанд, бо ин ҳол одамон онро зиёрат мекунанд. Масалан, дар канори деҳаи мо (Гулистон, ҷамоати Баҳори ш. Ваҳдат) мазорест, ки одатан рӯзҳои чоршанбе одамон ба зиёрати он мераванд. Атрофи он фақат ба хотири ҳимоят ва аз замини одӣ фарқ кардан бо хандақ бардошта, канораш санге гузошта шудааст. Ҳеҷ кас ҳам аз таърихи пайдоиш ва шахсияти дар он ҷо мадфуншуда хабар надорад. Бузургони деҳа мегуфтанд, ки аз қадим мардум ба ин макон ба зиёрат меомаданд. Чунин мазорҳо дар ҷумҳурӣ хеле зиёданд, аммо одамон аз рӯи ихлосу эҳтироми ба зиёрати онҳо мераванд.

Муаррихон аз рӯйи аниқ набудани ашхоси мадфуншуда, соли таваллуд ё вафоти онҳо, бо номҳои гуногун машҳур будани мазор, дар маконҳои мутаъадид як ном доштани мазорҳо зиёратгоҳҳоро тақсимбандӣ карда, баъзеи онҳоро мазори воқеӣ (дар он ҷо будани ҷасади шахсияти бузургвор), баъзеро мазор – қадамҷой ва баъзеи дигарро мазори файзи осор номидаанд.

Аз қадим мазорҳо мавриди таваҷҷуҳи муаррихону муҳаққиқон ва омӯзишу пажуҳиши онҳо қарор гирифтаанд. Номи аксари мазорҳо ва таърихи бинои онҳо дар лавҳаҳо, пештоқи биноҳо ва ё рисолаҳо дарҷ гардидааст. Ҳамзахон Камолов дар мақолаи дигараш, ки роҷеъ ба баъзе маросиму анъаноти мардуми Мовароуннаҳр аз “Сафарнома”-и Ибни Батута қисса мекунад, чунин гуфтааст: “Дар “Сафарнома”-и Ибни Батута аз анъанаи катибанависӣ дар санги мазори шахсиятҳои бузург дар шаҳрҳои Мовароуннаҳр ба некӣ ёд мешавад. Дар як маврид муаллиф ишора мекунад, ки ёддоштҳое аз бархе сангнавиштаҳои оромгоҳҳои уламои Мовароуннаҳр бардошта буд, ки он дар ҷараёни ҳаводисе, ки дар Ҳинд ба сари ӯ омада буд, ба боди ғорат рафта, зоеъ шудааст: “... ба зиёрати қабри имоми донишманд шайхулмуслимин Абуабдуллоҳи Бухорӣ мусаннифи “Ҷомеи саҳеҳ” разияллоҳу анҳу ноил шудам. Бар қабри вай навиштае ҳаст бад-ин мазмун: “Ин қабри Муҳаммад ибни Исмоил ал-Бухорӣ аст ва китоби фалону фалонро тасниф кардааст”. Бар қабри ҳар як аз уламои дигар ҳам, ки дар Бухоро воқеъ аст, исми соҳиби қабр бо мусаннифоте, ки дошта, сабт гардидааст ва ман бисёре аз ононро ёддошт карда будам, ки баъдҳо ҷузви ашёе, ки куффори Ҳинд дар дарё ба ғорат бурданд, аз даст додам” [5, с. 21].

Аз сарчашмаҳо бармеояд, ки аз тарафи ҳокимони давр низ баъзе мазорҳо ба қайд гирифта мешуданд. Ба таври мисол: “Мувофиқи маълумоти соли 1895 ба рӯйхати ёдгориҳои қадимии уезди Хуҷанд мазорҳои зерин дохил карда шуданд:

1. Мазори Мирзоиброҳим дар қисми Раззоқи ш. Хуҷанд (дар маҳаллаи Миршукур), бунёдаш соли 1745.
2. Мазори гумбазшакл дар маҳаллаи Хоҷа Боқирғон, бунёдаш соли 1195.
3. Мазори гумбазшакл дар маҳаллаи Масҷиди сурх, бунёдаш соли 1115.
4. Мазорҳои гумбазшакл дар маҳаллаҳои Савр (бунёдаш соли 1005) ва Чорчироқ (бунёдаш соли 1025).
5. Мазори гумбазшакл дар маҳаллаи Чуқурак, бунёдаш соли 1395.
6. Мазори гумбазшакл дар маҳаллаи Хоҷа Моҳрӯии қисми Раззоқи ш. Хуҷанд,бунёдаш соли 1075.
7. Мазори шайх Муслиҳиддин, бунёдаш соли 1092.
8. Мазор дар маҳаллаи Хиштин, бунёдаш соли 1070.

Ин мазорҳо диққати шарқшиносони русро, ки борҳо ба Хуҷанд омада буданд, чун ёдгории меъморӣ ба худ ҷалб намуданд” [6, с. 7].

Албатта, қайд ва ба рӯихат гирифтани мазорҳо, маълумот дар бораи онҳо кори хуб ва барои наслҳои оянда судманд аст, чунки бо шинохти дурусти мазорҳо одамон метавонанд аз хурофоту зиёдаравӣ дар зиёрати мазорҳо эмин монанд.

Ҳоло дар миқёси Тоҷикистон мазорҳои зиёд вуҷуд доранд, ки аз ҷониби мутахассисон раддабандӣ шудаанд, лекин шумори ками онҳо ҳамчун ёдгориҳои меъморию таърихӣ ва маконҳои диданӣ ба қайди Вазорати фарҳанг даромадаанд. Чунончи С. Саидов кайд намудааст “Айни замон дар ҳудуди ҷумҳурӣ 133 адад (НТҶ - 26, Бохтар - 8, Кӯлоб - 16, Суғд - 52, ВМКБ - 22, Рашт - 9) зиёратгоҳ, мазор ва мақбараҳои ба ном «муқаддас» мавҷуд буда, ҳамагӣ 16 адади онҳо ҳамчун ёдгории таърихӣ аз ҷониби Вазорати фарҳанги ҶТ ба қайд гирифта шудааст” [14]. Дар замони соҳибистиқлолии кишвар аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “... барои пешгирии равандҳои номатлуб дар фаъолияти фарҳангӣ ва хусусан дар масъалаи ҳифзу арзишҳои фарҳангӣ ва ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ як зумра қонуну қарорҳои зарурӣ, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикситон “Дар бораи берун баровардан ва ворид кардани сарватҳои таърихию фарҳангӣ”, аз 6. 08. 2001, №42; “Дар бораи ҳифз ва истифодаи мероси таърихию фарҳангӣ”аз 3. 03. 2006, №178 ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикситон “Дар бораи таъсиси мавзеъҳои муҳофизатии объектҳои ғайриманқули мероси таърихию фарҳангӣ”, аз 30. 05. 2004, №274; “Дар бораи қоидаҳои ташкил ва низоми нигоҳдории ҳудудҳои таърихию фарҳангии махсус ҳифзшаванда”, аз 30. 05. 2004, №262; “Дар бораи қоидаҳои низоми нигаҳдории мавзеъҳои муҳофизатии объектҳои ғайриманқули мероси таърихию фарҳангӣ”, аз 31. 12. 2008, 664 ... қабул гардиданд, ки исботи сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифз, таҳқиқ ва барқарорсозии объектҳои таърихию фарҳангӣ ба шумор мераванд.

Самти дигари сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанги маънавӣ ин таъмир, тармим ва бозсозии ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикситон ба шумор меравад. Маврид ба зикр аст, ки дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикситон 43 ёдгорӣ (24 мақбара, 3 осорхона, 5 масҷиди таърихӣ, 7 қалъа, 2 мадраса, 1 хумдон) аз нав таъмир ва тармим шуд, ки дар 70 соли Иттиҳоди Шуравӣ чунин миқдори ёдгориҳо таъмир нагардида буданд. Танҳо зикр кардани ёдгориҳои мақбараи Рӯдакӣ, Саразм (шаҳри Панҷакент), мақбараи Шайх Маслиҳиддин, Шайх Абдулқосими Гургонӣ (ноҳияи Айнӣ), масҷидҳои Ҳавзи Сангин, Савристон, Абдулқодири Ҷелонӣ (шаҳри Истаравшан), мақбараи Ҳулбук, Девор ва дарвозаи Қалъаи Ҳулбук (ноҳияи Восеъ), мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Осорхонаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Сағонаи асри XII (шаҳри Кӯлоб), мақбараи Хоҷ Қутбиддин (ноҳияи Балҷувон), мақбараи Мавлоно Тоҷиддин, мавлоно Обиддин, Хоҷаи Заррин (ноҳияи Данғара), мақбараи Хоҷаи Нур, Қалъаи Муъминобод, Шоҳи Хомӯш (ноҳияи Муъминонбод), мақбараи Ҳазрати Султон (ноҳияи Ховалинг), мақбараи Хоҷа Дурбод” [1, с. 25] кофист барои гуфтаҳои боло.

Чи гунае, ки маълум мегардад, хушбахтона ба шарофати истиқлоли миллӣ осори таърихию фарҳангӣ на танҳо ҳифзу нигоҳдорӣ, балки таъмиру тармим мегардад, баръакси айёми шуравӣ, ки мутаассифона ба хотири аз

байн бурдани унсурҳои буржуазӣ-феодалӣ бисёр осори моддию маънавӣ, миллию фарҳангӣ хароб ва нобуд шуд.

Дар радабандии мазорҳо баъзе чашмамазорон, дарахтмазорон ва сангмазоронро низ дохил кардаанд. Маврид ба зикр аст, ки аз нигоҳи шариъат рафтан ба чашмамазорон, дарахтмазорон ва сангмазорон на "зиёрат" балки сайру саёҳат ҳисоб мегардад. Дар чанд ҷои "Қуръон", аз ҷумла дар ояти 20-уми сураи "Анкабут" омадааст: "Бигӯ: Дар замин сайр кунед, пас дарнигаред, ки чӣ гуна аз бори аввал офаринишро пайдо кард". Инчунин аз ривоят бармеояд, ки халифаи дуввуми мусулмонон ҳазрати Умар зиёрати дарахтро манъ карда буд. "Ибни Аби Шайба аз Нофеъ ривоят кардааст, ки гуфт: "Ба Умар (рз) дар даврони хилофаташ хабар расид, ки касоне аз мардум ба зиёрати ҳамон дарахте, ки дар зери он бо Расули Акрам (с) байъат анҷом гирифт, мераванд. Пас Умар дастур дод, то он дарахтро қатъ намуданд, то заминаи инҳироф ва ширк барчида шавад" [8, с. 603].

Замоне ихлос ва эҳтироми баъзе одамон нисбат ба мазорҳо то ҷое будааст, ки ҳангоми мурур аз назди мазори шахсияти бузургвор аз маркаби худ пиёда шуда, дар ҳаққи ӯ дуову фотиҳа хонда, сипас ҳаракаташонро идома медодаанд. "Мусулмоне аз назди мазор гузашта истода, мебоист аз асп ё хар фаромада ҷилави онҳоро ба даст мегирифт ва ба мазор таъзим намуда, пиёда аз назди он мегузашт" [6, с. 35]. Албатта, ин гуна амалҳо на аз рӯи шаръ, балки мувофиқи дарку фаҳм ва боварии худи одамон сурат мегирад.

Роҷеъ ба мазор ва масъалаҳои марбут ба он ашхоси гуногун сухан гуфтаву изҳори андеша кардаанд. Баъзе одамон мазорҳоро ғайр аз дидану зиёрат макони парастиш, талабу дархости одамон ва василаи истисмору манбаи даромади руҳониён маънидод кардаанд. "Муътақидии аҳолиро ба мазорҳо дар тӯли асрҳо муллоҳо, муфтиҳо, эшонҳо, дарвешҳо, фолбинҳо ва дигар намояндагони дин ба фоидаи худ истифода мебурданд. Ходимони муассисаҳои динӣ мазорҳоро нигаҳбонӣ карда, аз ҳисоби моликияти онҳо ва назру ниёзи диндорон бой мегардиданд" [6, с. 6].

Дар гузашта масъалаи вақфи мазорҳо низ, мавриди танқиду мазаммати интиқодгарой қарор дошт. Аз нигоҳи интиқодгарон вақфи мазорҳо низ восита ё манбаи дигари судҷӯии руҳониён ва муассисаҳои онҳо маҳсуб мегашт. "Молу мулке, ки ба нияти хайр вақф карда мешуд, ба ихтиёри муассисаҳои динӣ – мазорҳо, масҷидҳо, мадрасаҳо, хонақоҳҳо, мақбараҳо, оромгоҳи ашхоси муқаддас ва шоҳон, муассисаҳои фоидабахш (барои кофтани чоҳҳо, чашмаҳо ва ғайра) мегузашт. Молу мулки вақфшуда ба ҳамон муассисае ворид мегардид, ки васиқа ба номи вай навишта шуда бошад. Танҳо ҳамон муассиса даромади аз вақф бадастомадаро истифода карда метавонист. Молу мулки вақфшударо харидан ё фурӯхтан, ба гарав мондан, туҳфа намудан ва ё ба ихтиёри ашхоси алоҳида вогузоштан мумкин набуд... Аксарияти мазорҳо вақф доштанд. Ба ғайр аз даромади вақф мазорҳо аз аҳолӣ мунтазам назру ниёз мегирифтанд. Шайхҳои аксарияти мазорҳо худро аз авлоди ашхоси дар ин ё он мазор мадфун эълон карда, муассисаҳои диниро барои боз ҳам бойтар гардидани худ истифода мебурданд" [6, с. 7, 11]. Аммо ин "воситаи даромад" бо таъсиси Ҳукумати Шуравӣ аз миён бардошта шуд. Чуноне ки аз манбаъҳои таърихӣ бармеояд, системаи вақфдорӣ пас аз ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русияи подшоҳӣ рӯз то рӯз танг шуда, зери фишор қарор гирифт ва ниҳоят дар замони шуравӣ комилан барҳам хӯрд, зеро пас аз ташкили Иттиҳоди Ҷумҳуриятҳои

Шуравӣ на танҳо ашё ва заминҳои вақфӣ, балки молу амвол ва заминҳои сарватмандон ба меҳнаткашон тақсим гардида, сипас ба ихтиёри давлат гузашт ва ниҳоят коллективӣ (умумӣ) гардид. “Муборизаи байни ин се тоифа, асосан зиддияти ду тоифаи маҳаллӣ, яъне феодалҳои калону ҳомиёни дини ислом зидди зӯроварии намояндагони ҳукумати подшоҳӣ буд. Гарчанде дар ин мубориза баъзан дасти ҳукумати подшоҳии Россия боло мешуд, вале вай ҳам ягон кори дуруст карда натавонист. Баъзе маҳдудкуниҳои системаи вақф натиҷаи дилхоҳ надод ва ин моҷаро то худи ғалабаи Инқилоб давом карда, баъди Инқилоб системаи вақф ҳам бекор карда шуд” [7, с. 135].

“Дар тӯли таърих ба хотири манфиатҷӯй дар баробари қабри шахсони воқеӣ садҳо қабри сохтаву бофта ҳамчун мазор ба вуҷуд омадааст ва ҳар яке он то имрӯз мутаваллӣ ва андозғундори худро дорад” [14].

Доир ба пайдоиш ё сохтани мазорҳо ба мақсади ба даст овардани даромад дар сари роҳ ва ё сероҳаву чорроҳаҳо метавон гуфт, ки ҳар амали бад, ба хусус мардумфиребию судхӯрӣ ҷазои худро дорад, вале аз рӯи гуфтаи пиронсолон пайдо шудани мазор ва ё баъзе қабрҳо дар наздикии роҳ ё сероҳаву чорроҳаҳо сабаб доштааст. Масалан, дар поёни деҳаи мо (Гулистон, ҷамоати Баҳори ш. Ваҳдат), ки қаблан сероҳаи асосӣ будааст, мазоре ҳаст, ки одамон маҳз ба зиёрати он намераванд, вале ҳангоми гузаштан аз назди он даст ба рӯй кашида, дуо мекунанд. Мувофиқи нақли пиронсолон шахсияти онҷо мадфуншуда аз деҳаи аз мо болотар будааст. Ӯ пеш аз марг ба наздиконаш васият кардааст, ки баъд аз вафот ӯро на дар қабристони маҳалла, балки дар ин сероҳа дафн кунанд, то ҳар роҳгузар дар ҳаққаш дуо хонад.

Баъзе ашхос зиёрати мазорҳоро ноҷоиз, баъзе дар чорчубаи қонуни шариат раво гуфта, иддае мазорҳоро ҳамчун амокини таърихию сайёҳӣ ҳисобидаанд ва бархе онҳоро воситаи таъсири идеологӣ низ маънидод кардаанд. “Арабҳо баъди ҷорӣ намудани дини ислом бо зӯри шамшер дар қаламрави тасарруфшуда барои дар зеҳни мардум таъсири идеологӣ расонидан аз мазорпарастӣ кор гирифтанд” [14]. Ғайр аз ин дигар афкору андешаҳое зиёде оид ба мазор ва пайдоиши онҳо вуҷуд доранд. Албатта, баъзе эродҳо аз рафтору кирдори нодурусти мардум гирифт шудааст. Масалан, то чанд сол пеш бархе одамон ба зиёрати мазор рафта, “ба мурод” атрофи он мегаштанд (тавоф мекарданд), ҳол он ки ба иҷмоъи улуми ислом тавоф хоси каъба буда, амали он атрофи чизи дигар ҷоиз нест. Маврид ба зикр аст, ки дар оғози ислом миёни мардум хурофот ва амалҳои ғайришаръӣ хеле зиёд ва роиҷ буд, то ҷое ки ду қабила аз рӯи миқдори қабрҳои гузаштагонашон бо ҳам зиёдаталабию фахрфурӯшӣ кардаанд. Чунончи дар сабаби нозил шудани сураи “Такосур” омадааст: “Ин сура дар бораи ду қабила аз қабоили ансор, яъне қабоили Бани Ҳориса ва Бани Ҳорис нозил гардид, ки ба бисёрии касони худ ба якдигар фахрфурӯшӣ карданд. Пас дар оғоз зиндагонро баршумурданд, сипас гуфтанд: биёед ба сӯи гӯристон биравем то бубинем, ки чи касе аз мо ду гурӯҳ дар шумор бештар аст? Лизо ба гӯристон рафта, ба шумурдани қабрҳои якдигар пардохтанд, ҳамон буд, ки Худованд ин сураро нозил фармуд” [9, с. 707].

Ҳамчунин дар гӯристон суханҳои беҳуда гуфтан, ҷониби қабр ибодат кардан, чароғ афрӯхтан болои он ва дигар амалҳои зидди шаръӣ роиҷ буд,

ки Паёмбари Худо Муҳаммад (с) дар ибтидои ислом зиёрати қабрро манъ кард, вале баъдан бо мурури замон, дар натиҷаи дуруст шудани ақоиди мардум ва барои расидан ба зуҳду тақво зиёрати қубурро иҷозат дод: “Шуморо аз зиёрати қабрҳо манъ карда будам, вале акнун зиёрат кунед, зеро он сабаби зуҳди дунё ва ба ёд овардани охират мегардад” [16, с. 153].

Ғайр аз ин, дар зиёрат кардани қабри наздикон, ба вижа зиёрати қабри падару модар нисбати онҳо иззату эҳтиром эҳсос мегардад. Имом Муслим ривоят мекунад, ки Абуҳурайра гуфт: “Паёмбар Муҳаммад (с) қабри модарашро зиёрат карда, ба гиря афтод ва ҳозирон низ гиристанд. Сипас фармуд: “аз Парвардигорам иҷозат хостам, то барои модарам дуъои мағфират кунам, ба ман иҷозат надод. Онгоҳ зиёрати қабри модарамро хостам, ба ман иҷозат дод...” [16, с. 153].

Дар зиёрати қабр зоҳиран дигар фоидаҳо низ вуҷуд дорад, ба хусус баъд аз рӯзҳои аввали дафни майит, ки наздикон аз ҳолати қабр огоҳ мегарданд, зеро баъзан бо сабаби омилҳои берунӣ (нуқсон дар кандани қабр, боду борон, зарари ҳайвонот ва ғ.) қабр метавонад нуқсон пайдо кунад. Мувофиқи нақли одамон ҳолатҳое будаанд, ки пас аз гуронидан майит “зинда”, яъне ба ҳуш омадааст. Дар ин гуна ҳолат зиёрати наздикон хеле судманд аст.

Албатта, зиёрати қубур коида ва одоби махсус дорад, ки фақеҳон дар асоси гуфтору рафтори Паёмбар (с) ва ёрону пайрвони онҳо дастур додаанд.

Чуноне ки аз гуфтаҳои боло маълум гардид, ҳадафи аслӣ аз зиёрати қубур дуову фотиҳа ба гузаштагон ва тафаккуру ёди охират аст, аммо ончи аз мазор ва зиёрати онҳо хилофи шаръ анҷом меёбад, вобаста ба амали хилофкорон аст, ки дар пай ҷазои бад хоҳад дошт.

«Мардум кӯшиш мекунад, таърихи гузаштагони худ ва арзишҳои иҷтимоию маънавии хешро донад ва арҷгузорӣ намояд. Аз ин хотир ривоят як пораи таърихи шифоҳист, ки гӯянда онро бо эътимоду эҳтиром ва ифтихор ҳамчун маълумоти муҳиме ба дигарон нақл мекунад ва он ҳамчун сарчашмаи муътамади маълумот дар бораи ин ё он объект ё шахсият барои мардум арзиши калон дорад» [12, с. 35].

Илова бар ин, мазорҳо ҷузъи маконҳои таърихӣ ва саёҳии кишвари азизамон мебошанд, ки бо сохт, шакл ва ҳунарҳои миллиашон (чӯбкорӣ, кандакорӣ, гачкорӣ ва ғ.) таваҷҷуҳи бинандаро ба худ мекашанд ва аз фарҳангу маданияти қадимии мардуми мо дарак медиҳанд.

Адабиёт

1. Амиров, Р. Сиёсати давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2018. – №2 (42). – С. 23-28.

2. Бухорӣ, Муҳаммад ибни Исмоил. Саҳеҳу-л-Бухорӣ. – Бейрут, 2001. – 1390 с. Ҳадиси 1378.

3. Ғиёсуддин, М. Ғиёсу-л-луғот. Ҷ.2. / Муҳаммад Ғиёсуддин – Душанбе, 1988. – 416 с.

4. Камолов, Ҳ. Ҳилоли моҳ бо ситора намоде аз фарҳанги бостон// Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2020. – №4 (52). – С. 18-27.

5. Камолов, Ҳ. Зикри баъзе маросиму анъаноти мардумӣ ва дарбории Мовароуннаҳри нимаи аввали садаи XIV дар “Сафарнома”-и Ибни Батута // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2021. – №3 (55). – 128 с.

6. Қушматов, А. Пайдоиш ва моҳияти мазорҳо / Абдувалӣ Қушматов. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 40 с.

7. Қушматов, А. Вақф / Абдувалӣ Қушматов. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 192 с.

8. Мухлис, А. Анвору-л-Қуръон. Ҷ. 5 / Абдурауф Мухлис. – Турбати Ҷом, 1380 ш. – 715 с.

9. Мухлис, А. Анвору-л-Қуръон. Ҷ. 6 / Абдурауф Мухлис. – Турбати Ҷом, 1380 ш. – 770 с.

10. Мухтаров, А. Позднесредневековый Балх: материалы к исторической топографии города в XVI - XVIII вв. / Ахрор Мухторов Душанбе: Дониш, 1980. – 123 с.

11. Пиров, С. Фахруддини Розӣ ва андешаҳои ахлоқиву тарбиявии ӯ / Сироҷиддин Пиров. – Душанбе: Аржанг, 2015. – 320 с.

12. Раҳимӣ Д. Ривоятҳои халқӣ дар бораи ҷойҳои муқаддас // Паёмномаи фарҳанг. – 2022. – №3 (59). – С. 28-37.

13. Сайёҳ, А. Фарҳанги бузурги ҷомеъи навин (тарҷумаи Мунҷид). Ҷ. 1 / Аҳмад Сайёҳ. – Теҳрон, 1996. – 938 с.

14. Саидов, С. Мазор ва зиёратгоҳҳо дар ҳудуди ҷумҳурӣ / Сафарҳӯҷа Саидов. – http://www.tguk.tj.>siyosi (захираи электронӣ)

15. Сиҷистонӣ, А. Сунани Абудовуд. Ҷ. 3 / Абудовуд Сиҷистонӣ Сулаймон ибни Ашъас. – Қоҳира, 1950. – 517 с.

16. Табрезӣ, В. Мишкоту-л-масобеҳ / Валиюддин Муҳаммад ибни Абдуллоҳ Табрезӣ. – Деҳлӣ: Мактабату-л-ҳабиб, 1350 ҳ. қ. – 627 с.

Пиров Сироджиддин

ИСТОРИЧЕСКИЕ И ЭТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ГРОБНИЦ

В данной статье рассказывается о значении и сущности гробниц и усыпальниц. Отмечается, что люди не каждую могилу считают священным местом захоронения и ходят навестить ее. Обычно могилы уважаемых людей, таких как пророки и святые, мученики, благочестивые странники, ученые и мыслители, после их смерти становятся усыпальницами.

На территории Таджикистана есть святыни, история, происхождение и правда которых незнакома народу. Настоящая святыня та, о которой люди знают об истории происхождения и личности, погребенной в ней. Историки, в связи с неопределенностью личностей людей, захороненных в гробнице, года их рождения или смерти, тем, что мавзолей известен под несколькими именами, тем, что в нескольких местах находятся гробницы с одинаковым именем, разделили святыни, некоторые из них - мавзолеи (где находится тело великого человека), некоторые - усыпальницы, а некоторые другие были названы гробницами благодати трудов.

Так как большинство гробниц окружено специальными постройками, именно поэтому исследователи и историки уделили внимание их исследованию и изучению. Также была поднята тема суеверий, чрезмерного посещения могил, считается необходимым регистрировать гробницы и

святыни. Эта практика помогает в искоренении суеверий и чрезмерного посещения святынь.

В статье также обсуждались мнения некоторых людей относительно гробниц и их имущества. В целом гробницы являются частью исторических и туристических достопримечательностей страны и рассказывают о культуре народа, а их целевое использование будет направлено на благо страны.

Ключевые слова: гробница, мавзолей, место паломничества, гробница благодати трудов, погребение, могила, паломничество, пожертвование, суеверие.

Pirov Sirojiddin

HISTORICAL AND ETHICAL ASPECTS OF TOMBS

This article talks about the meaning and essence of shrines and sanctuaries. It is noted that people do not consider every grave a grave and go to visit it. Usually the graves of respected people, such as prophets and saints, martyrs, pious wanderers, scholars and scholars, become shrines after death.

There are shrines in the country, the history, origin and truth of which are incomprehensible to the people. A real shrine in order for people to know about the history of origin and the person buried in it. Historians, due to the uncertainty of the people buried in the mausoleum, the year of their birth or death, the fact that the mausoleum is known by several names, the fact that there are mausoleums with the same name in several places, divided the shrines, some of them are mausoleums with the body of the great man, and some are mausoleums, and some others have been called tombs of the grace of works.

Since most of the tombs are surrounded by special buildings, that is why researchers and historians have paid attention to their research and study. The topic of superstitions, excesses in visiting graves was also raised, and the author presented his recommendation to the reader. In particular, he assessed the registration and decoration of tombs and shrines as a meritorious act and considered a favorable factor in the eradication of superstition and excessive visitation of shrines. These issues are discussed in the article.

The opinions and opinions of some people regarding the tombs were also discussed, and opinions were expressed on them.

Since in the past, that is, before the October Revolution, some of the graves of the country had foundations, the author also followed this topic.

At the end, the main purpose of visiting the tombs was mentioned, and the tombs themselves were interpreted as part of the historical and tourist attractions of the country and representative of the culture of the people.

Keywords: tomb, mausoleum, grave, pilgrimage, buried, donation, action, superstition.

ТДУ: 9тоҷик+001+02+023+024/026+03+01+016(575.3)

Комилзода Шариф,
Шарифзода Фирдавс

НАҚШИ ПИТФИ ДАР ТАҲҚИҚИ МАСОИЛИ КИТОБДОРИИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

Дар мақола саҳми ходимони илмии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот дар омӯзиши масъалаҳои мубрами соҳаи китобдорӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ба андешаи муаллифон бештари осори ба соҳаи китобдорӣ бахшидашуда дар заминаи экспедитсияҳои илмӣ ва таҳқиқотҳои сотсиологии анҷомдодаи муҳаққиқони ПИТФИ таҳия шуда, имкон фароҳам овард, ки мазмуни фаъолияти китобдорӣ дар асоси назарияи муосири илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирад. Илова бар ин, мутобиқ ба талаботи «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» аз ҷониби ходимони илмии ПИТФИ як силсила барномаву дарсномаҳо ва маводи дигари таълимӣ таҳия ва чоп шуданд. Бахусус натиҷаҳои таҳқиқоти иҷрошуда, ки асосан мавзуъҳои муҳими соҳаи китобдориро инъикос мекунанд, дар силсиламаҷмуаи илмии «Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон» (китобҳои I-IX) ба табъ расидаанд.

Бозёфту дастовардҳои илмиву таҳқиқотии ходимони илмии пажӯҳишгоҳ, ки тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар маҷмуаҳои илмӣ, рисолаву мақолаҳои таҳқиқотӣ интишор гардидаанд, аз ҷониби мутахассисони соҳа ҳамчун таълифотҳои боарзиши илмӣ истифода мегарданд. Зеро ин таҳқиқот, ки фарогири маводи фаровони илмии ҷанбаҳои назариявӣ ва таҳлили натиҷаҳои таҷрибаҳои амалианд, ҷиҳати омӯзиши масъалаҳои мубрами соҳаи китобдорӣ барои олимону мутахассисон, кормандони китобхонаву марказҳои библиографӣ, донишҷӯёни факултаву шуъбаҳои китобдорӣ ва иттилоотшиносии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии кишвар метавонанд ҳамчун сарчашмаи боэътимоди иттиллотӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

Ҳамзамон дар мақола ишора шудааст, ки яке аз дастоварди назарраси библиографияи миллии даврони истиқлол ин нашри китобномаи ҳаштҷилдаи «Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон» мебошад, ки аз ҷониби ходимони илмии пажӯҳишгоҳ таҳия шудааст.

Калидвожаҳо: *ПИТФИ, таҳқиқ, фаъолияти китобдорӣ, ходимони илмӣ, барнома, дарснома, рисола, маҷмуаи илмӣ, китобнома, дастури библиографӣ, истиқлолият.*

Дар даврони истиқлол Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот (минбаъд ПИТФИ) тавассути ташкил ва баргузории экспедитсияҳои илмӣ ва таҳқиқоти сотсиологӣ дар омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои муҳимми соҳаи китобдории тоҷик саҳми назаррас гузоштааст. Бо ташаббуси олимони ПИТФИ дар заминаи таҳқиқоти анҷомдодашуда теъдоди муайяни барномаву китобҳои дарсӣ, маводи таълимию методӣ, маҷмуаҳои илмӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва мутахассисони соҳаи китобдорӣ омодаву нашр шуданд. Ин ҷо, қабл аз ҳама, иҷрои нақшаву барномаҳои илмӣ ва татбиқи лоиҳаву мавзуъҳои

илмии ПИТФИ имкон фароҳам овард, ки олимон доир ба масъалаҳои мубрами соҳаи китобдорӣ асару мақолаҳо эҷод намоянд. Аз ҷумла, аз ҷониби олимони соҳа доир ба илмҳои китобшиносӣ, китобхонашиносӣ ва библиографияшиносии тоҷик чунин асару маҷмуаҳои илмӣ: «Услубҳои китобдорӣ ва иттилоотии тарғиби китоб» [23], «Таърих, тамоюл ва рушди фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон» [26], «Китоб дар масири таърих» [9], «Самтҳои асосии маълумоти китобдорӣ дар Тоҷикистон» [2], «Фаъолияти китобдорӣ. Фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ: назария, услубҳо, амалия» [35], «Китобдории кӯдакону наврасони Тоҷикистон» [10], «Таърихи библиографияи кишоварзӣ», «Таърихи библиографияи тоҷик (аз замонҳои қадим то ибтидои асри XXI)», «История возникновения и развития сельскохозяйственной библиографии», «История таджикской библиографии (с древнейших времён до конца 80-х гг. XX века)» [6] ба табъ расиданд.

Ходимони илмии ПИТФИ зарурати мувофиқу мутобиқ намудани фаъолияти муассисаҳои китобдориро ба талаботҳои даврони соҳибистиқлолӣ ва ниёзҳои ҷомеаи нав ба инобат гирифта, кӯшиш намуданд, ки барои кормандони соҳа тавсияномаҳо, дастурҳои методӣ ва методӣ-библиографӣ низ таҳия намоянд. Дар ин робита, дастурҳои амалӣ-методӣ ва методӣ-библиографии «Менеҷмент ва маркетинги фаъолияти китобдорӣ» [14], «Хизматрасонии ғайримуқимии китобхонавӣ – иттилоотӣ» [31], «Технологияи бунёд ва истифодаи захираҳои китобдорӣ – иттилоотӣ» [28] чоп шуданд.

Мутобиқ ба талаботи барномаҳои давлатии соҳаи китобдорӣ аз ҷониби ходимони илмии ПИТФИ як силсила барномаву дарсномаҳо ва маводи дигари таълимӣ таҳия ва чоп шуданд. Масалан дар доираи иҷрои «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» маводи зерин: «Менеҷмент ва маркетинги фаъолияти китобдорӣ» мактуби методӣ ба китобдор [15]; «Менеҷменти фаъолияти китобдорӣ ва иттилоърасонӣ»: китоби таълимӣ [25]; «Ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти китобдорӣ»: маълумотнома [32]; «Таърихи номаҳои Аҷам»: дарснома; «Библиографияи адабии тоҷик»: китоби дарсӣ [33]; «Библиографияи адабиёт барои кӯдакон ва наврасон» барномаи таълимӣ ва мавод барои омӯзиши фан; «Асосҳои дониши китобдорӣ-библиографӣ»: барномаи таълимӣ; «Китобхонаи миллии Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз»: дастури таълимӣ [3]; «Библиографияи адабиёти кишоварзӣ»: барнома барои донишҷуёни факултаи китобдорӣ; «Библиографияи адабиёти табиатшиносӣ ва техникӣ»: барномаи таълимӣ; «Библиографияи кишоварзии тоҷик»: мавод барои омӯзиши фан [4]; «Фаъолияти библиографӣ дар китобхонаҳо»: китоби дарсӣ [1]; «Библиографияи Тоҷикистон»: барномаи таълимӣ [5]; «Китобхонаҳои электронӣ»: маводи таълимӣ; «Китобхонашиносӣ»: китоби дарсӣ; «Таърихи китобдории кишварҳои хориҷӣ»: китоби дарсӣ; «Фарҳанги китобдорӣ»: маводи таълимӣ; [24]; «Махзани маърифат»: маълумотнома [12]; «Библиографияи кишваршиносии Тоҷикистон (замони шӯравӣ)»: китоби дарсӣ [18] таҳияву чоп шуданд.

Силсилакитоби «Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон», ки то имрӯз 9 ҷилди он [30] нашр шудааст, ҷиҳати муаррифӣ ва инъикоси воқеии натиҷаи таҳқиқоти илмии олимони ПИТФИ ва мутахассисони соҳаи китобдорӣ нақши муҳим дорад. Дар ин силсилакитоб масъалаҳои

назариявӣ, методӣ ва амалии марбут ба китобу китобдорӣ, таърихи китобу интишорот, китобшиносиву китобхонашиносии муосир, библиографияи миллӣ, фаъолияти марказҳои библиографӣ ва иттилоотӣ, инноватсия дар соҳаи китобдорӣ, бунёди китобхонаҳои анъанавӣ ва маҷозии электронӣ, ташкили фонд ва феҳристҳои электронӣ, истифодаи технологияи нави иттилоотию иртиботӣ дар фаъолияти китобхонаҳо, таъмини китобхонаҳо ва кормандони онҳо бо таваққуфгоҳҳои худкори корӣ, моҳият ва мундариҷаи маркетинги китобдорӣ, омӯзиш ва тарғиби донишҳои китобдорӣ-библиографӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шудаанд.

Масоили марбут ба назария ва амалияи равандҳои инноватсионӣ дар фаъолияти китобдорӣ, ки дар аҳди муосир дар соҳаи китобдорӣ низ таҳозои замон гардидаанд, аз маркази таваҷҷуҳи илмии олимони ПИТФИ ва мутахассисони соҳа дар канор намондаанд. Ин манзурро комёбиҳои илмии тайи панҷ соли охир дар ин самт ба даст овардаи онҳо собит менамояд. Таври мисол, теъдоди таълифотҳои маҷмуии олимони соҳа дар самти равандҳои инноватсионӣ дар фаъолияти китобдорӣ ва умуман инноватикаи китобдорӣ беш аз 100 номгӯйро ташкил медиҳанд. Дар радифи ин навофариҳои илмӣ, бахусус рисолаи мукаммали илмии «Инноватикаи китобдорӣ» (муаллиф С. Шосаидзода) [34], ҷойи махсус дорад. Зеро дар ин китоб бори нахуст дар илми китобдории тоҷик муаллиф кӯшидааст, ки доир ба пайдоиши мафҳуми инноватика, аҳаммият, вазифаҳо ва самтҳои рушди он, ояндаи ташаккули ин навгонӣ дар фаъолияти китобдорӣ-иттилоотшиносӣ, менеҷменти инноватсионӣ дар китобхонаҳо маълумот дода, масъалаҳои истифодаи самараноки нерӯи инноватсионии китобхонаҳоро таҳлилу тафсир намояд.

Рисолаи боарзиши дигаре, ки фарогири мавзуи равандҳои инноватсионӣ дар фаъолияти китобдорӣ мебошад, зери унвони «Равандҳои инноватсионӣ дар фаъолияти библиографии китобхонаҳо» (муаллиф Г.Маҳмудов) [13] интишор гардидааст. Дар ин рисола муаллиф масоили муҳимми назариявӣ ва амалии библиографияшиносии тоҷикро бо дарназардошти татбиқи навгониҳои технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти библиографии китобхонаҳо ва марказҳои иттилоотӣ-библиографӣ, мавриди арзёбӣ карор додааст.

Илова ба ин, маҷмуаи мақолаҳои илмии олимони соҳаи китобдорӣ таҳти унвони «Фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи китобдорӣ» [29] интишор гардид, ки дар он 25 таҳқиқи боарзиши муҳаққиқони соҳаи китобдории тоҷик, ки фарогири ҷанбаи инноватсияи китобдорӣ мебошанд, ҷой дода шудааст. Маҷмуаи мазкур вобаста ба самти фарогирии раванди инноватсониаш дар фаъолияти китобдорӣ ба 3 фасл таҳсимбандӣ карда шудаанд. Аз ҷумла, дар фасли якум мақолаҳои марбут ба масъалаи муҳимми замони муосир «Таҳқиқи фаъолияти инноватсионӣ дар китобхонаҳо» инъикос гардидаанд. Таҳқиқоти суратгирифтаи ин самт, асосан ҷанбаи назариявӣ дошта, дар онҳо воридшавии равандҳои гуногуни инноватсионӣ дар фаъолияти китобхонаҳои ҷумҳурӣ мавриди арзёбии илмӣ қарор дода шудааст. Фасли дуюми маҷмуа таҳти унвони «Китобхонаҳои электронӣ ва ташаккули пойгоҳҳои рақамӣ дар Тоҷикистон» – шакл гирифта, дар он таълифоти илмӣ, натиҷаи таҳқиқоти назариву амалии ташаккули захираҳои рақамӣ дар ҷумҳурӣ арзёбӣ шудааст. Қариб ҳамаи таҳқиқоти дар ин фасл ҷойдодашуда, масоили

мубрами замони муосир, амсоли бунёд ва тарғиби захоири рақамӣ тавассути шабакаи Интернет, созмондиҳии сомонаҳои китобхонаҳо ва ҷараёнҳои гуногуни хадамоти иттилоотию библиографиро фаро гирифтаанд. Мақолаҳои дар фасли сеюми маҷмуа нашршуда раванди татбиқи инноватсияи китобдорӣ ва ояндаи рушди онро инъикос мекунанд. Барои такмили бойгонии иттилооти илмӣ оид ба соҳаи китобдорӣ ва бунёди манобеи библиографии чопӣ ва электронии марбут ба корномаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, санаҳои муҳими таърихӣ ва ҷашнвораҳо силсилаи китобномаҳо таҳияву интишор шуданд. Аз ҷумла, маротибаи аввал номгӯи беш аз ду ҳазор осори назмиву насрии адибони тоҷик бахшида ба корномаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ шуда, дар шакли феҳрист омода гардид ва таҳти унвони «Эмомалӣ Раҳмон дар адабиёти бадеӣ» [36] интишор ёфт. Ҳамзамон олимони ПИТФИ бо мақсади омӯзишу бақайдгирӣ, таҳқиқу коркард, гурӯҳбандиву феҳристнигорӣ ва тарғиби ҳамаҷонибаи осори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва адабиёт доир ба зиндагинома ва корномаҳои ӯ тибқи лоиҳаи «Бунёди манобеи библиографии чопӣ ва электронии «Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон» барои солҳои 2017 – 2019», китобномаи 8 ҷилдаи «Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон»-ро [21] таҳия ва чоп намуданд. Дар 8 ҷилд 16395 навиштаҷоти библиографӣ ҷамъоварию гурӯҳбандӣ шудааст. Аз ҷумла, дар ҷилди 1-ум 2339 номгӯйи маводи солҳои 2012-2013, дар ҷилди 2-юм 2139 номгӯйи маводи солҳои 2014-2015, дар ҷилди 3-юм 1645 номгӯйи маводи соли 2016, дар ҷилди 4-ум 1538 номгӯйи маводи соли 2017, дар ҷилди 5-ум 2131 номгӯйи маводи соли 2018, дар ҷилди 6-ум 2042 номгӯйи маводи соли 2019, дар ҷилди 7-ум 3013 номгӯйи маводи солҳои 2012-2019 ва ҳамчунин дар ҷилди 8-ум 1548 номгӯйи маводи солҳои 2012-2019 нашршуда инъикос ёфтааст.

Ба ифтихори 700-солагии донишманди маъруф, шоир, мутафаккири барҷастаи Шарқ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ феҳристи осор ва адабиёт доир ба ӯ [17] таҳияву нашр шуд. Бахшида ба 150-солагии шоири ширинкалом ва суханвари машҳури тоҷик Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ нишондиҳандаи шарҳиҳолию библиографии ӯ [20] низ аз чоп баромад. Ҳамзамон ба муносибати 100-солагии устоди рақс, Ҳунарпешаи халқии ИҶШС Ғаффор Валаматзода ва фарҳангшиноси маъруфи тоҷик, Ходими хизматнишондодаи санъати Тоҷикистон Меҳрубон Назаров китобномаҳои шарҳиҳолӣ таҳти унвонҳои «Ғаффор Валаматзода – асосгузори хореографияи тоҷик» [8] ва «Меҳрубон Назаров» [16] интишор ёфтанд. Ин навъи дастурҳои библиографӣ бахшида ба зиндагинома, фаъолияти эҷодӣ ва илмию таҳқиқотии олимони соҳаи фарҳангу санъат ва матбуоти тоҷик, аз қабили «Ҷӯраев Ислом Акрамович», «Темур Атахонов», «Сафар Сулаймонӣ», «Сафар Шосаидов», «Авгонов Қурбон Ғуломович», «Иродатманд» («Мурод Муродӣ»), «Орифи санъат» («Ҷӯрахон Обидпур») низ таҳияву нашр шуданд.

Теъдоди зиёди асару мақолаҳо оид ба масоили таҳқиқи назарияву услуб, созмондиҳию идораи фаъолияти китобхонаҳо, истифодаи технологияи муосири иттилоотию иртиботӣ дар кори китобхонаҳо, хизматрасонии китобдорӣ ба аҳолӣ ва дигар масоили марбут ба фаъолияти китобдорӣ дар феҳристи «Китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол» номнавис шудаанд. Феҳристи мазкур аз пешгуфтор, 7

қисм, 12 зерқисм, кӯмакфехристҳои алифбоии асарҳо ва ашхос иборат буда, 1382 номгӯи адабиёти чопию электронии ба забонҳои тоҷикӣ ва русии дар солҳои 1991 – 2016 интишорёфтаро фаро гирифтааст [11].

Соли 2017 ба ифтихори 20-солагии таҷлили Рӯзи Ваҳдати миллӣ шумораи дуюми китобномаи «Ваҳдати миллӣ» бо фарогирии 1254 номгӯи адабиёт чоп шуд. Ҳамзамон дар ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашри мукаммали китобнома ба ифтихори 25-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ [7] интишор ёфт, ки фарогири 3831 навиштаҷоти библиографӣ мебошад.

Чиҳати татбиқи банди 3 ва 4-и иҷроии Қатъномаи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид оид ба «Рӯзи байналмилалии Наврӯз», ки дар он давлатҳои аъзоро даъват кардааст, ки сатҳи огаҳии худро дар бораи Наврӯз баланд бардошта, бо мақсади интишори донишҳои марбут ба мероси Наврӯз дар ҷомеаи байналмилалӣ таърихи пайдоиш ва суннатҳои онро мавриди омӯзиш қарор диҳанд, шумораи дуюм ва сеюми дастури библиографии «Наврӯз» [19] таҳия ва ба табъ расид.

Фаъолияти 20-солаи илмию таҳқиқотии ПИТФИ дар китобномаи «Таҳқиқи фарҳанги миллӣ дар осори олимони ПИТФИ» [27] таҳлил шуда, 209 номгӯи осори чопшуда мавриди таҳқиқи библиографӣ қарор гирифтааст.

Барои омӯзиш ва муайян намудани тамоюлҳои рушди фарҳанги миллӣ дар даврони истиқлол тибқи талаботи лоиҳаи илмии ПИТФИ «Таҳқиқи вежагиҳои рушди фарҳанги миллӣ дар даврони истиқлол» (2021-2025) китобномаи «Рушди фарҳанги миллӣ дар даврони истиқлол» иборат аз 2 ҷилд [22] таҳия ва нашр шуд, ки фарогири 5015 навиштаҷоти библиографӣ мебошад.

Ҳамзамон аз ҷониби ходимони илмии ПИТФИ дастурҳои библиографии «Китоби сол: китобшиносии ҷории фарҳангу ҳунари Тоҷикистон» (№1, 2, 3), «Таҳвими арбобони барҷастаи фарҳангу санъати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010, 2011-2012, 2013-1214, 2015», «Таҳвими ҷашн ва санаҳои муҳими фарҳангу ҳунар ва матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017, 2018, 2019, 2020, 2021», «Библиографияи фолклоршиносии тоҷик (солҳои 1969-2005)» таҳия шуда, аз чоп баромаданд.

Ҳамин тавр, омӯзиши мавзуъ нишон дод, ки дар даврони истиқлол олимони ПИТФИ ҷиҳати ҳаллу фасли масъалаҳои назариявӣ, методӣ, амалӣ ва таърихии соҳаи китобдорӣ саъю кушиш намуда, тавассути эҷоди асару мақолаҳо ва таҳияи барномаву дарсномаҳои таълимӣ дар рушди соҳаҳои китобшиносӣ, китобхонашиносӣ ва библиографияшиносии тоҷик саҳми муносиб гузоштанд. Илова бар ин, аз ҷониби ходимони илмии ПИТФИ силсилаи дастурҳои библиографӣ доир ба мавзуъҳои мубрами замона ва марбут ба зиндагиномаю фаъолияти гуногунпаҳлуи чеҳраҳои шинохтаи таърихӣ, арбобони давлатӣ, ходимони фарҳангу санъат таҳияву нашр шуданд, ки то имрӯз барои муаррифӣ ва тарғиби осори онҳо мусоидат мекунанд.

Адабиёт

1. Авғонов, Қ., Маҳмудов, Г. Фаъолияти библиографӣ дар китобхонаҳо [Матн]: китоби дарсӣ / ВФ ҶТ, ПИТФИ; муҳаррир М. Юсупова; зери назари Қ. Бӯриев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012. – 185 с.

2. Авғонов, Қ. Самтҳои асосии маълумоти китобдорӣ дар Тоҷикистон [Матн] / ВФ ҶТ, ПИТФИ; муҳаррири масъул Қ. Бӯриев. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 180 с.

3. Библиографияи адабиёт барои кӯдакон ва наврасон [Матн]: барномаи таълимӣ ва нишондоди услубӣ оид ба омӯзиши фан барои донишҷӯёни факултаи китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ, ихтисоси 05.27.00 – "Китобдор, библиограф-омӯзгор" / ВФ ҶТ, ПИТФИ, ДДСТ ба номи М. Турсунзода; мураттиб Ш. Комилзода; муҳаррир Қ. Бӯриев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – 40 с.; Комилзода, Ш. Библиографияи адабиёт барои кӯдакон ва наврасон [Матн]: мавод барои омӯзиши фан / ВФ ҶТ, ПИТФИ; зери назари Қ. Бӯриев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – 128 с.; Асосҳои дониши китобдорӣ-библиографӣ [Матн]: барномаи таълимӣ барои толибилмони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб Ш. Комилзода; муҳаррир Қ. Бӯриев. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 40 с.; Комилзода, Ш. Китобхонаи миллии Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз [Матн]: дастури таълимӣ барои мактабҳои олӣ / ВФ ҶТ, ПИТФИ; муҳаррир Қ. Бӯриев. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 196 с.

4. Библиографияи адабиёти кишоварзӣ [Матн]: барнома барои донишҷӯёни факултаи китобдорӣ / мураттиб Қ. Бӯриев; муҳаррир Ш. Тошев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – 28 с.; Библиографияи адабиёти табиатшиносӣ ва техникӣ [Матн]: барнома барои донишҷӯёни факултаи китобдорӣ / ВФ ҶТ, ПИТФИ, ДДСТ ба номи М. Турсунзода; мураттиб Қ. Бӯриев; зери назари Ш. Комилзода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – 28 с.; Бӯриев, Қ. Библиографияи кишоварзии тоҷик [Матн]: мавод барои омӯзиши фан / ВФ ҶТ, ПИТФИ; муҳаррир С. Шосаидов. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – 160 с.

5. Библиографияи Тоҷикистон [Матн]: барномаи таълимӣ ва нишондоди услубӣ оид ба омӯзиши фан барои донишҷӯёни факултаи китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ: ихтисоси 05.27.00. – «Китобдор, библиограф – омӯзгор» / мураттиб Г. Маҳмудов; муҳаррир Қ. Бӯриев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012. – 16 с.

6. Бӯриев, Қ. Таърихи библиографияи кишоварзӣ [Матн] / ВФ ҶТ, ПИТФИ; зери назари: Н. Неъматов; муҳаррир Ш. Тошев. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 176 с.; Бӯриев, Қ. Таърихи библиографияи тоҷик (аз замонҳои қадим то ибтидои асри XXI) [Матн] / ВФ ҶТ, ПИТФИ; муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 260 с.; Буриев, К. Б. История возникновения и развития сельскохозяйственной библиографии [Текст] / МК РТ, НИИКИ; под общей редакцией Н. Негматова. – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2010. – 128 с.; Буриев, К. Б. История таджикской библиографии (с древнейших времён до конца 80-х гг. XX века) [Текст]: монография / МК РТ, НИИКИ; под общей ред. С. Р. Мухидинова. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 176 с.

7. Ваҳдати миллӣ [Матн]: феҳристи адабиёт / КМТ, ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб Ш. Комилзода; зери назари Ҷ. Файзализода. – Душанбе: Меҳроҷ-Граф, 2022. – 634 с.

8. Ғаффор Валаматзода – асосгузори хореографияи тоҷик [Матн]: китобномаи шарҳиҳолӣ / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб Ш. Комилзода; зери назари А. Рачабов. – Душанбе: Дониш, 2016. – 152 с.

9. Икромӣ, С. Китоб дар масири таърих: ҳунари таҳия, оройиш ва нашр [Матн] / муҳаррири масъул Қ. Бӯриев. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 208 с.

10. Китобдории кӯдакону наврасони Тоҷикистон [Матн]: маҷмуаи мақолаҳо / таҳияи Қ. Б. Бӯриев, Қ. Ғ. Авгонов; муҳаррир Қ. Хоҷаев. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – 200 с.

11. Китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол [Матн]: феҳристи адабиёт / ВФ ҶТ, ПИТФИ, КМТ; мураттиб М. Комилов; зери назари Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2016. – 312 с.

12. Махзани маърифат [Матн]: маълумотнома дар бораи факултаи китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ / ВФ ҶТ, ПИТФИ, ДДСТ ба номи М. Турсунзода; мураттибон: Б. С. Холов, Г. Б. Маҳмудов; муҳаррир С. Ҳ. Шосаидов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 64 с.

13. Маҳмудов, Г. Равандҳои инноватсионӣ дар фаъолияти библиографии китобхонаҳо [Матн] / ВФ ҶТ, ПИТФИ; муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2018. – 240 с.

14. Менеҷмент ва маркетинги фаъолияти китобдорӣ [Матн]: дастури методӣ-амалӣ / ВФ ҶТ, ПИТФИ; таҳияи С. Шосаидов, Ш. Тошев; муҳаррир Ҷ. Шерматов. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 112 с.

15. Менеҷмент ва маркетинги фаъолияти китобдорӣ [Матн]: мактуби методӣ / ВФ ҶТ, ПИТФИ; таҳияи Ҷ. Шерматов, С. Шосаидов; муҳаррир О. Шодӣ. – Душанбе: Эҷод, 2008. – 28 с.

16. Меҳрубон Назаров [Матн]: китобномаи шарҳиҳолӣ / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб Ш. Комилзода; муҳаррир Д. Раҳимӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2022. – 160 с.

17. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ [Матн]: феҳристи осор ва адабиёт доир ба ӯ / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттибон: Ш. Комилзода, С. Иброҳимова; муҳаррир Қ. Бӯриев. – Душанбе: Аржанг, 2015. – 128 с.

18. Муҳидинов, С. Библиографияи кишваршиносии Тоҷикистон (замони Шӯравӣ) [Матн]: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи китобдорӣ ва иттилоотшиносии ДДСТ ба номи М. Турсунзода / ВФ ҶТ, ПИТФИ; муҳаррир Қ Бӯриев. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 160 с.

19. Наврӯзнома [Матн]: феҳристи адабиёт / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб Ш. Комилзода; муҳаррир Қ. Бӯриев. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 174 с.; Наврӯз [Матн]: феҳристи адабиёт / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб Ш. Комилзода; муҳаррир Д. Раҳимов. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 280 с.

20. Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ [Матн]: нишондиҳандаи шарҳиҳолию библиографӣ / КМТ, ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттибон: Ш. Комилзода, Г. Қудратова; зери назари А. Раҳмонзода. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 112 с.

21. Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: китобнома. Иборат аз 8 ҷилд / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб Ш. Комилзода; муаллифи мақолаи муқаддимавӣ А. Раҳмонзода; муҳаррир М. Акобирова; зери назари А. Раҳмонзода. – Ҷилди 1 (солҳои 2012-2013). – Душанбе: Ирфон, 2018. – 500

с.; Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: китобнома. Иборат аз 8 ҷилд / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб Ш. Комилзода; муҳаррир М. Акобирова; зери назари А. Раҳмонзода. – Ҷилди 2 (солҳои 2014-2015). – Душанбе: Ирфон, 2018. – 480 с.; Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: китобнома. Иборат аз 8 ҷилд / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб Ш. Комилзода; муҳаррир М. Акобирова; зери назари А. Раҳмонзода. – Ҷилди 3 (соли 2016). – Душанбе: Ирфон, 2019. – 440 с.; Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: китобнома. Иборат аз 8 ҷилд / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб Ш. Комилзода; муҳаррир М. Акобирова; зери назари А. Раҳмонзода. – Ҷилди 4 (соли 2017). – Душанбе: Ирфон, 2019. – 416 с.; Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: китобнома. Иборат аз 8 ҷилд / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб Ш. Комилзода; муҳаррир М. Акобирова; зери назари А. Раҳмонзода. – Ҷилди 5 (соли 2018). – Душанбе: Ирфон, 2019. – 508 с.; Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: китобнома. Иборат аз 8 ҷилд / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб Ш. Комилзода; муҳаррир М. Акобирова; зери назари А. Раҳмонзода. – Ҷилди 6 (соли 2019). – Душанбе: Ирфон, 2019. – 496 с.; Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: китобнома. Иборат аз 8 ҷилд / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб Ш. Комилзода; муҳаррир М. Акобирова; зери назари А. Раҳмонзода. – Ҷилди 7. (адабиёт ба забонҳои русӣ ва ӯзбекӣ, солҳои 2012-2019). – Душанбе: Ирфон, 2019. – 612 с. – Матн ба забонҳои русӣ, ӯзбекӣ.; Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: китобнома. Иборат аз 8 ҷилд / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб Ш. Комилзода; муҳаррир М. Акобирова; зери назари А. Раҳмонзода. – Ҷилди 8. Адабиёти бадеӣ (солҳои 2012-2019). – Душанбе: Ирфон, 2019. – 340 с. – Матн ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ.

22. Рушди фарҳанги миллӣ дар даврони истиқлол [Матн]: китобнома / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Ф. Шарифзода; муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Истеъдод, 2021. – Ҷилди 1. – 320 с.; Рушди фарҳанги миллӣ дар даврони истиқлол [Матн]: китобнома / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Ф. Шарифзода; муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Истеъдод, 2022. – Ҷилди 2. – 320 с.

23. Сулаймонӣ, С., Абдураҳмонова, Ш. Услубҳои китобдорӣ ва иттилоотии тарғиби китоб (ва ё андешаҳо перомуни соҳаҳои мухталифи китоб ва китобдорӣ [Матн]. – Душанбе: Недра, 2008. – 156 с.

24. Сулаймонӣ, С. Китобхонаҳои электронӣ [Матн]: маводи таълимӣ барои донишҷӯён ва китобдорон / ВФ ҶТ, ПИТФИ; муҳаррири масъул Ҷ. Шерматов. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 104 с.; Сулаймонӣ, С. Китобхонашиносӣ [Матн]: китоби дарсӣ барои донишҷӯён / муҳаррири масъул С. Камолзода. – Нашри дувум бо такмил ва иловаҳо. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012. – 148 с.; Сулаймонӣ, С. Таърихи китобдории кишварҳои хориҷӣ [Матн]: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ / муҳаррирон: Б. Холов, С. Камолзода, Д. Ҷалолов. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 256 с.; Сулаймонӣ, С. Фарҳанги китобдорӣ [Матн]: маводи таълимӣ барои донишҷӯён / муҳаррир А. Каримов; муҳаррири масъул Қ. Бӯриев. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 140 с.

25. Сулаймонӣ, С., Шерматов, Ҷ. Менеҷменти фаъолиятҳои китобдорӣ ва иттилоърасонӣ [Матн]: китоби таълимӣ / Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва иттилоот; таҳрири С. Сулаймонӣ. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 168 с.

26. Сулаймонӣ, С., Шерматов, Ҷ. Таърих, тамоюл ва рушди фаъолиятҳои китобдорӣ дар Тоҷикистон (аз оғоз то ибтидои садаи XX) [Матн] / ПИТФИ; муҳаррир С. Сулаймонӣ. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 160 с.

27. Таҳқиқи фарҳанги миллӣ дар осори олимони ПИТФИ [Матн]: китобнома / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб ва муаллифони мақолаи муқаддимавӣ Ш. Комилзода, Ф. Шарифзода; муҳаррир М. Акобирова. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 296 с.

28. Технологияи бунёд ва истифодаи захираҳои китобдорӣ-иттилоотӣ [Матн]: дастури амалӣ-методӣ / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб Ҳ. Муҳаммадҷонов. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 160 с.

29. Фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи китобдорӣ [Матн]: маҷмуаи мақолаҳо / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб ва муаллифи пешгуфтор: Қ. Бӯризода; муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2018. – 332 с.

30. Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон [Матн]: хрестоматия / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттибон С. Ҳ. Шосаидов, Қ. Б. Бӯриев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – 200 с.; Фаъолияти китобдорӣ дар замони истиқлолият [Матн] / ВФ ҶТ, ПИТФИ; таҳияи Қ. Бӯриев; муҳаррир С. Шосаидов. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012. – 225 с.; Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон [Матн]: маҷмуаи мақолаҳо / ВФ ҶТ, ПИТФИ; таҳияи Қ. Бӯриев / муҳаррирон: С. Ҳ. Шосаидов, Б. С. Холов.– Душанбе: Ирфон, 2013. – Китоби III. – 172 с.; Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон [Матн]: маҷмуаи мақолаҳо / ВФ ҶТ, ПИТФИ; таҳияи Қ. Бӯриев / муҳаррир С. Ҳ. Шосаидов. – Душанбе: Истеъдод, 2013. – Китоби IV. – 184 с.; Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон [Матн]: маҷмуаи мақолаҳо / ВФ ҶТ, ПИТФИ; таҳияи Қ. Бӯриев / муҳаррир С. Ҳ. Шосаидов. – Душанбе: Ирфон, 2013. – Китоби V. – 240 с.; Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон [Матн]: маҷмуаи мақолаҳо / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Қ. Бӯриев; муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2017. – Китоби VI. – 640 с.; Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон [Матн]: маҷмуаи мақолаҳо / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Қ. Бӯриев; муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2018. – Китоби VII. – 480 с.; Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон [Матн]: маҷмуаи мақолаҳо / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Қ. Буризода; муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2019. – Китоби VIII. – 636 с.; Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон [Матн]: маҷмуаи мақолаҳо / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Қ. Абдураҳимзода; муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2020. – Китоби IX. – 480 с.

31. Хизматрасонии ғайримуқимии китобхонавӣ-иттилоотӣ [Матн]: дастури методӣ-библиографӣ / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб С. Шосаидов; муҳаррир О. Шодиев. – Душанбе: Эҷод, 2008. – 144 с.

32. Ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти китобдорӣ [Матн]: маълумотнома ва тавсияҳои методӣ / мураттиб С. Шосаидов; муҳаррир А. Раҷабов. – Душанбе: Недра, 2008. – 152 с.

33. Шарофзода, Р. Таърихи номаҳои Аҷам [Матн]: дарснома. Нашри дуюм / муҳаррир Қ. Б. Бӯриев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – 216 с.; Шарофов, Р. Библиографияи адабии тоҷик [Матн]: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи китобдорӣ ва иттилоотшиносии

ДДСТ ба номи М. Турсунзода. – Нашри дуюм бо иловаҳо. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 240 с.

34. Шосаидзода, С. Инноватикаи китобдорӣ [Матн] / ВФ ҶТ, ПИТФИ; муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2019. – 248 с.

35. Шосаидов, С. Фаъолияти китобдорӣ, фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ: назария, услубҳо, амалия [Матн]: маҷмуаи мақолаҳо / ВФ ҶТ, ПИТФИ; таҳияи Қ. Бӯриев. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 240 с.

36. Эмомалӣ Раҳмон дар адабиёти бадеӣ [Матн]: китобнома / ВФ ҶТ, ПИТФИ; мураттиб: Ш. Комилзода; зери назари академик А. Раҳмонзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 224 с.

Комилзода Шариф,
Шарифзода Фирдавс

РОЛЬ НИИКИ В ИССЛЕДОВАНИИ БИБЛИОТЕЧНОЙ ПРОБЛЕМЫ ПЕРИОДА НЕЗАВИСИМОСТИ

В статье проанализирован вклад научных сотрудников НИИ культуры и информации в изучение актуальных вопросов в области библиотечного дела. По мнению авторов, большинство работ, посвященных библиотечной сфере, были разработаны на основе научных экспедиций и социологических исследований, проведенных учеными НИИ культуры и информации, что позволило изучить содержание деятельности библиотечного дела, основанной на современной научной теории. Кроме того, в соответствии с требованиями «Программы развития библиотечного дела в Республике Таджикистан на 2006-2015 годы», научными сотрудниками НИИ культуры и информации были подготовлены и изданы серии программ, учебников и других учебных пособий. В частности, результаты выполненных исследований, которые в основном отражают актуальные темы в области библиотечного дела, были опубликованы в научной серии сборника «Библиотечное дело в Таджикистане» (книги I-IX).

Научно-исследовательские достижения научных сотрудников НИИ культуры и информации, опубликованные в научных сборниках, монографиях и научных статьях за годы независимости, используются специалистами в данной области как ценные научные труды. Потому что эти исследования, включающие в себя богатый научный материал теоретических аспектов и анализ результатов практических экспериментов, в плане изучения актуальных вопросов в области библиотечного дела для ученых и специалистов в данной области, сотрудников библиотек и библиографических центров, студентов библиотечно-информационных факультетов и кафедрах высших и средних профессиональных учебных заведений страны, могут быть использованы как надежные источники информации и источники повышения отраслевых знаний.

В то же время в статье упоминается, что одним из значительных достижений отечественной библиографии эпохи независимости является издание восьмитомной библиографии «Лидер нации – Эмомали Рахмон», подготовленной научными сотрудниками НИИ культуры и информации.

Ключевые слова: НИИКИ, исследования, библиотечная деятельность, научные сотрудники, программа, учебник, монография, научный сборник, биобиблиография, библиографический указатель, независимость.

Komilzoda Sharif,
Sharifzoda Firdavs

THE ROLE OF RICI IN THE STUDY OF THE LIBRARY PROBLEM INDEPENDENCE PERIOD

The article highlightes the contribution of researchers of the Research Institute of Culture and Information (RICI) to the study of topical issues in the field of library studies. According to the authors, most of the works devoted to the librarianship were developed on the basis of scientific expeditions and sociological research conducted by scientists from the Research Institute of Culture and Information, which made it possible to study the content of librarianship based on modern scientific theory. In addition, in accordance with the requirements of the "Program for the development of librarianship in the Republic of Tajikistan for 2006-2015", researchers from the Research Institute of Culture and Information prepared and published a series of programs, textbooks and other teaching aids. In particular, the results of the performed research, which mainly reflect current topics in the field of librarianship, were published in the scientific series of the collection "Library Studies in Tajikistan" (volumes I-IX).

Research achievements of the researchers of the Research Institute of Culture and Information, published in scientific collections, monographs and scientific articles over the years of independence, are used by specialists in this field as valuable scientific works. Because these studies, which include rich scientific material of theoretical aspects and analysis of the results of practical experiments, in terms of studying topical issues in the field of librarianship for scientists and specialists in this field, employees of libraries and bibliographic centers, students of library and information faculties and departments of higher and secondary vocational schools of the country, can be used as a reliable source of information and sources of increasing industry knowledge.

At the same time, the article mentions that one of the significant achievements of the domestic bibliography of the independence period is the publication of the eight-volume bibliography "The Leader of the Nation - Emomali Rahmon", prepared by researchers of RICI.

Keywords: RICI, research, library activities, researchers, program, textbook, monograph, scientific collection, bibliography, bibliographic index, independence.

ТДУ:37тоҷик+008+655.4./5+655.413:087.5(575.3)
Наимов Саломудин

АЗ ТАШАККУЛИ «НАШРИЁТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН»
(аз оғози фаъолият то солҳои 50-уми асри XX)

Дар пажуҳиш оид ба фаъолияти аввалин муассисаи табъу нашр дар Ҷумҳурӣ – «Нашриёти давлатии Тоҷикистон» сухан меравад. Ҳарчанд дар нимаи дуюми асри XV дар Аврупо ба шарофати ихтирои олими немис Иоҳанн Гуттенберг чопи китоб имконпазир ва илму дониш ба мардум бештар дастрас гардид, то даҳаи дуюми асри XX мардуми мо аз имконоти ин ихтироъ бенасиб буд.

Барои соҳиб шудан ба илму дониш на танҳо кӯшишу заҳмат, балки хароҷоти зиёд низ лозим буд, зеро барои дар шакли дастнавис омода кардани як дона китоб ҳам вақт ва ҳам меҳнати зиёд сарф мешуд. Аз ин рӯ таъсиси «Нашриёти давлатии Тоҷикистон»-ро метавон воқеаи муҳимми фарҳангии солҳои 20-уми асри XX ҳисобид. Дар таъсису ба роҳ мондани кори нашриёт саҳми шоири инқилобии Шарқ Абулқосим Лоҳутӣ ва таъсиси нахустматбаа дар пойтахти Тоҷикистон саҳми Ғайфулло Нурмуҳаммадови тотор ниҳоят муҳим аст. Ҳамчунин дар ба роҳ мондан ва ташаккули фаъолияти табъу нашр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши ноширони ленинградӣ бориз аст.

Дар мақола дар бораи давраҳои фаъолияти «Нашриёти давлатии Тоҷикистон» то солҳои 60-уми асри XX ба таври мухтасар маълумот дода шуда, давра ба давра афзун гардидани иқтидори он зикр мегардад.

Калидвожаҳо: *нашриёт, китоб, дониш, донишманд, маърифат, ихтироъ, дастнавис, хаттот, дарки ҳақиқати ҳаёт, мактаб, матбаа, чопи китоб, машинаи чопӣ, чопи ранга, фаъолияти табъу нашр, муассисаи фарҳангӣ, тачриба, корҳои таълифу таҳрир.*

Бомаърифат будан ҳамеша аз ормонҳои неки инсоният буд ва амалӣ гардидани ин орзу ба боистиҳо алоқамандӣ дошт. Ба даст овардани илму дониш дар гузашта кори душвор буд, зеро ба китоб, ки сарчашмаи дониш ба ҳисоб меравад, на ҳама дастрасӣ дошт. Аз ин рӯ ҳам китоб ва ҳам шахсони донишманд азизу муътабар ба ҳисоб мерафтанд. Ҳарчанд дар нимаи дуюми асри XV дар Аврупо ба шарофати ихтирои олими немис Иоҳанн Гуттенберг чопи китоб имконпазир ва илму дониш ба мардум бештар дастрас гардид, «то даҳаи дуюми асри XX мардуми мо аз имконоти ин ихтироъ бенасиб буд» [1, с. 12]. Барои соҳиб шудан ба илму дониш на танҳо кӯшишу заҳмат, балки хароҷоти зиёд низ лозим буд, зеро барои дар шакли дастнавис омода кардани як дона китоб ҳам вақт ва ҳам меҳнати зиёд сарф мешуд. Табиист, ки аз ин ҳисоб арзиши аслии китоб ҳамчун навъи маҳсулот ниҳоят гарон буд ва на ҳама имкони дастрас намудани онро дошт. Хулоса, бидуни маърифат дарки ҳақиқати ҳаёт душвор ва донистани мақсади зиндагӣ низ аз имкон берун буд.

Аз тарафи дигар, мактабҳои диние, ки дар сарзамини аҷдодии мо амал мекарданд, барномаву китоби дарсии муайян надоштанд, дар онҳо донишҳои дунявӣ омӯзонда намешуданд. Аксари мардум аз илму маърифат бебаҳра буд. Дуруст аст, ки дар асри XIX қисме аз китобҳои адибону мутафаккирони тоҷик дар чопхонаҳои шаҳрҳои Калкутта, Лакҳнав, Пешовар, Карочии Ҳиндустон ва Истанбул, Анқара, Қустантанияи Туркия дар дастгоҳҳои литографӣ (ба истилоҳ чопи сангӣ) чоп гардида, ба воситаи тоҷирон ба Осиёи Миёна интиқол дода мешуданду дар нимаи дуюми ҳамин садсола дар шаҳрҳои Тошканду Самарқанд, Алмаатову Когон ва дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна матбааҳои хусусӣ таъсис ёфта буданд [7, с. 13], вале, азбаски дар сарзамини аҷдодии мо заминаи чопи китоб вуҷуд надошт, аксар китобҳо аз тарафи хаттотони хушнавис китобат ва нусхабардорӣ мешуданд.

Ба андешаи муҳаққиқон, танҳо баъди пирӯзии инқилоби Октябр (соли 1917) ва таъсиси Ҷумҳурии Мухтории Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (соли 1924) дар қаламрави имрӯзаи кишвари мо барои чопи китоб шароити мусоид фароҳам омад [7, с. 13; 6, с. 16]. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки фаъолияти табъу нашр дар Ҷумурии Тоҷикистон мероси замони шуравӣ аст.

Мувофиқи маълумоте, ки дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» дарҷ гардидааст, баъди инқилоби Октябр дар Осиёи Миёна давраи нави инкишоф китобу китобнигорӣ сар мешавад [13, с. 331]. Маҳз дар ҳамин давра чопи китоб бо забонҳои миллии халқҳои Осиёи Миёна ба роҳ монда шудааст. Агар ба маълумоти китоби «Фурӯғи сухан» бовар кунем, соли 1920 ба забонҳои миллии тобеи Россия назар ба соли 1913 ду маротиба бештар китоб чоп шудааст. Ба ақидаи Фарҳоди Карим «ноширону матбаачиёни шуравӣ маҳз ба табъу нашри китобҳои оммавӣ эътибори калон медоданд. Китоб тадричан ба аслиҳаи пурзӯри мафкуравӣ табдил меёфт. Дар китобу ҷузваҳо бузургии комёбиҳои халқи шуравӣ дар муборизa баҳри бунёди ҷомеаи нав, музаффариятҳои калони инқилоби фарҳангӣ ва амсоли инҳо инъикос мегардиданд» [6, с. 16]. Муфовиқи маълумотҳо, дар солҳои ҳокимияти шуравӣ бо 151 забон, аз ҷумла бо 89 забони халқҳои ИҶШС китобу ҷузва (брошюра) ба табъ мерасид.

Бешубҳа, таъсиси «Нашриёти давлатии Тоҷикистон»-ро метавон воқеаи муҳимми фарҳангии солҳои 20-ум ҳисобид. Ин муассисаи фарҳангӣ бо Қарори Раёсати Кумитаи Инқилобии Ҷумҳурии Мухтории Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (минбаъд ҶМШС) аз 7 октябри соли 1925 таъсис дода шудааст. Дар ташкилу ба роҳ мондани кори «Нашриёти давлатии Тоҷикистон» самҳи шоири инқилобии Шарқ Абулқосим Лоҳутӣ беназир аст. Устод Абулқосим Лоҳутӣ, ки ҳамагӣ се-чор моҳ пеш аз Маскав ба Душанбе омада буд, ба фаъолияти табъу нашр хуб ошно буд, зеро ӯ қаблан дар Маскав дар «Нашриёти марказии халқҳои ИҶШС» ба сифати ҳуруфчин ва ходими адабӣ фаъолият намуда, таҷриба ҳосил карда буд [4, с. 2]. Аз ин рӯ роҳбарии нахустнашриёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи ӯ вогузошта шуд.

Агар дар таъсису роҳандозии фаъолияти нашриёт устод Лоҳутӣ саҳми назаррас гузошта бошад, дар ташкили корхонаи полиграфӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти табъу нашр дар ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми

Ғайфулло Нурмуҳаммадови тотор ниоят калон мебошад. Номбурда соли 1923 курси ҳуруфчиниро дар Бухоро тамом карда буд ва, азбаски забони тоҷикиро хуб медонист, тобистони соли 1924 бо хоҳиши «Нашриёти давлатии Бухоро» ба Тоҷикистон фиристода мешавад. Ӯ ба воситаи корвони аспу шутур таҷҳизоти полиграфиеро, ки аз як машинаи чопии тамғаи «Либерти» ва 10 сандуқ ҳуруфи сурбӣ иборат буд, ба Душанбе оварда, матбааи нахустинро ташкил медиҳад [7, с. 86; 3, с. 7]. Албатта, матбаае, ки Ғайфулло Нурмуҳаммадов ташкил дода буд, иқтидори зиёд надошт ва маҳсулоти чопии ҳаҷман хурд мебаровард, вале барои таъсиси корхонаҳои калони полиграфӣ заминаи мусоид гузошт.

Ҳарчанд дар сарчашмаҳо таъкид гардидааст, ки «Нашриёти давлатии Тоҷикистон» дар соли аввали фаъолияти худ 8 номгӯй китобро бо теъдоди 15 ҳазор нусха ба табъ расонд, номи мушаххаси ин китобҳо ба пуррагӣ маълум нест. Аз ҷумла яке аз собиқадорони нашриёт, нависанда, тарҷумон ва адабиётшинос Раҳим Ҳошим китобҳои дарсии «Дарсҳои ҳисоб», «Роҳбари бесаводон», «Ҳисоб», «Соли нахустин»-ро аз дастовардҳои аввалини «Нашриёти давлатии Тоҷикистон» меҳисобад [11, с. 4.]. Дар маҷмуаи «Издательству «Ирфон» 50 лет» китоби «Ҳар корманди ба сафи ВКП(б) дохилшуда чиро бояд донад?», маҷмуаи шеърҳои Лоҳутӣ ва 4 номгӯй китоби дарсӣ аз китобҳои соли аввал чопнамудаи «Нашриёти давлатии Тоҷикистон» дониста шудаанд [4, с. 4].

Аз қиёс бармеояд, ки дар соли 1925 фаъолияти «Нашриёти давлатии Тоҷикистон» чандон назаррас набудааст. Аз ин рӯ Кумитаи инқилобии ҶМШС моҳи апрели соли 1926 «Дар бораи азнавсозии “Нашриёти давлатии Тоҷикистон» қарор қабул менамояд. Метавон гуфт, ки ин қарори Кумитаи инқилобӣ барои то андозае пурсамар ва мувофиқи мақсад гардидани фаъолияти «Нашриёти давлатии Тоҷикистон» мусоидат менамояд. Аз ҷумла мувофиқи муқаррароти қарор мебоист дар Самарқанд ё Тошканд филиали нашриёт ташкил карда мешуд. Аз ин рӯ устод Лоҳутӣ аз рӯйи салоҳияти ба зиммааш гузошташуда ба шаҳри Самарқанд сафар намуда, дар ин ҷо кори шуъбаи самарқандии нашриётро ба роҳ мемонад. Сармуҳарририи шуъбаи самарқандии «Нашриёти давлатии Тоҷикистон» ба зиммаи устод Садриддин Айнӣ вогузор карда мешавад. Устод Айнӣ дар як муддати кӯтоҳ шахсони боистеъдоду соҳибтаҷриба, аз қабили Ҳ. Ирфон, С. Манофзода, И. Раҳматуллозода, С. Ализода, Т. Зеҳнӣ, Р. Ҳошим, Н. Муҳаммадовро ба кори шуъбаи самарқандии нашриёт ҷалб карда тавонист. Сафи кормандони шуъбаи самарқандии нашриёт инчунин аз ҳисоби ҷавонони лаёқатманд, ки ба корҳои таълифу таҳрир ва тарҷума ҷалб карда мешуданд, пурра мегардид.

«Нашриёти давлатии Тоҷикистон» соли 1927 дар қатори повести устод Айнӣ «Саргузашти як тоҷики камбағал ё ки Одина» ва маҷмуаи шеърҳои Абулқосим Лоҳутӣ чанд асари дигари бадеиро ба табъ расонд. Соли 1931 аз тарфи нашриёт дар матбааи шаҳри Қазон нахустромани устод Айнӣ «Дохунда» ба табъ мерасад, ки он дастоварди муҳимми адабиёти навини тоҷик ба ҳисоб меравад.

Дар солҳои 30-юми асри гузашта фаъолияти «Нашриёти давлатии Тоҷикистон» равнаҚи тоза касб менамояд. Масалан, мувофиқи

маълумотҳо «соли 1930 нашриёт 148 номгӯй китобу ҷузва ва дигар маводи чопӣ интишор намудааст, ки теъдоди умумии онҳо ба 636 ҳазор нусха мерасид» [12, с. 7], ё мувофиқи маълумоти яке аз собиқадорони нашриёт Раҳим Ҳошим агар он дар «соли аввали таъсиси худ ҳамагӣ 8 номгӯй китоб, аз инҳо 4 номгӯй китоби дарсӣ бароварда бошад, дар муддати даҳ соли баъд – соли 1935 номгӯйи китобҳои нашркардаи он ба 266 расидааст» [8, с. 4]. Аз муқоисаи рақамҳо бармеояд, ки дар давоми 6 сол иқтидори «Нашриёти давлатии Тоҷикистон» аз рӯйи номгӯйи чопи асарҳо 18,5 баробар ва дар давоми 10 сол беш аз 33 маротиба афзудааст. Албатта, ҳарчанд ин миқдор китоб талаботи афзояндаи ҷумурии ҷавони Тоҷикистонро ба пуррагӣ қонеъ гардонда наметавонист, вале онро метавон комёбии бузург арзёбӣ намуд, яъне агар ба таърихи 10-солаи нашриёт назар афканем, равшан эҳсос мекунем, ки муассисаи табъу нашр тӯли андак муддат ба комёбиву дастовардҳои назаррас ноил гардидааст.

Дастоварди дигари соҳаи табъу нашри ҷумҳурӣ дар солҳои сиюми асри ХХ дар он аст, ки дар ин давра дар матбааи № 1 чопи ранга ба роҳ монда мешавад. Ин амал ба шарофати заҳмати Р. Табаченко, ки соли 1931 баъди хатми Донишкадаи полиграфии Маскав ба Душанбе омада буд, имконпазир мегардад ва «аввалин китобе, ки бо муқоваи ранга (дақиқтараш муқоваи ин асар бо 4 ранг оро дода шуда буд) аз чоп баромадааст, «Индия» мебошад» [4, с. 9].

Дастоварди дигари муҳимми «Нашриёти давлатии Тоҷикистон» дар охири солҳои 20-ум ва аввали солҳои 30-юми асри гузашта омода ва чоп намудани аввалин луғати нисбатан мукаммали русӣ-тоҷикӣ мебошад. Ин кори муҳим соли 1929 дар шуъбаи самарқандии нашриёт бо ташаббус ва роҳбарии бевоситаи устод Айнӣ оғоз мегардад ва он соли 1934 дар Ленинград аз чоп мебарояд. Дар таҳияву омода намудани луғат донишмандони тоҷик С. Ализода, А. Исмоилзода, М. Юсуфов, Р. Ҳошим ва олимони машҳури рус Вяткин ва Анучкин фаъолона иштирок намудаанд.

Соли 1933 аз тарафи нашриёт китоби дарсии Ҳилол Каримов «Алифбо» барои хонандагони синфҳои якум интишор мегардад. Бешубҳа чопи ин китоби дарсӣ падидаи фараҳбахши фарҳангию маърифатӣ ба ҳисоб меравад. Хотирнишон бояд кард, ки «Алифбо»-и Ҳилол Каримов зиёда аз панҷоҳ сол (то нимаи дуюми солҳои 80-уми асри ХХ) барои саводомӯзӣ ва маърифатандӯзии хонандагон хидмати шоиста кардааст. Дар ин давра ҳамчунин повести «Мактаби кӯҳна»-и устод С. Айнӣ ва манзумаи «Мо аз Помир омадем»-и М. Миршакар аз тарафи нашриёт чоп гардиданд, ки барои хонандагони синни хурд ва миёнаи мактабӣ асарҳои ниҳоят муҳимму хонданӣ ба ҳисоб мераванд [7, с. 27].

Лозим ба ёдоварист, ки пеш аз огози ҷанги хонумонсӯз, соли 1940, нашриёт беш аз 360 унвон китобу ҷузва ва дигар маводи чопиро ба табъ расонд, ки теъдоди умумии онҳо 1,4 миллион нусхаро ташкил мекард. Бо вуҷуди ин чунин ба назар мерасид, ки ин миқдор китоб талабу дархост ва ниёзи рӯзафзуни мардуми ташнаи китобро комилан қонеъ гардонда наметавонист.

Бояд гуфт, ки соли 1930 бо таҷозои замон идораи марказии «Нашриёти давлатии Тоҷикистон» ба Тошканд интиқол дода мешавад ва Абулқосим Лоҳутӣ бори дигар директори нашриёт таъйин гардида, «дар як муддати кӯтоҳ мутахассисону эҷодкоронро аз Тошканду Самарқанд ва Бухоро ҷамъ меоварад ва эшонро ба таълифу тарҷума ва таҳрири китобҳои дарсӣ, бадеӣ ва сиёсиву илмӣ сафарбар менамояд» [10, с. 95]. Аз соли 1931 идораи марказии Нашриёт дар шаҳри Душанбе (он замон Сталинобод) фаъолият менамояд. Шуъбаи самарқандии «Нашриёти давлатии Тоҷикистон» то соли 1937 фаъолият менамояд ва баъди беҳтар гардидани шароити чопи китоб дар пойтахти Ҷумурии Тоҷикистон он барҳам дода мешавад.

Барои пурсамар гардидани фаъолияти «Нашриёти давлатии Тоҷикистон» дар солҳои 30-юми асри XX саҳми ноширони шаҳри Ленинград ниоят муҳим аст, зеро дар ин давра нашриёти «Ленгиз»-и Ленинград «Нашриёти давлатии Тоҷикистон»-ро ба шефӣ гирифта буд. Кормандони соҳибтаҷрибаи ин муассисаи табъу нашри Ленинград барои ёрӣ расондан ба ҳамтоёни тоҷики худ ба Душанбе меомаданду кормандони «Нашриёти давлатии Тоҷикистон» барои андӯхтани таҷриба ва баланд бардоштани дараҷаи тахассуси худ ба Ленинград фиристода мешуданд [5, с.7]. Ҳамчунин дар ин шаҳр шуъбаи ленинградии «Нашриёти давлатии Тоҷикистон» амал мекард. Ин шуъба то соли 1942 амал намуда, фаъолияти он дар давраи муҳосираи Ленинград аз тарафи фашистони олмон қатъ мегардад [9, с. 64].

Умуман, то ибтидои солҳои 40-уми асри XX фаъолияти «Нашриёти давлатии Тоҷикистон» ба таври назаррас пеш меравад. Мувофиқи маълумотҳои ҳисоботӣ соли 1941 нашриёт 1460 ҷузъи чопӣ, 19,5 миллион оттиск (нусхаи чопӣ матбаавӣ) китобу маҳсулоти чопӣ ба табъ мерасонад, ки ба 3 миллиону 600 ҳазор нусха баробар буд [2]. Агар инро ба маҳсулоти дар аввали солҳои 30-юм интишорнамудаи нашриёт муқоиса кунем, беш аз 6,6 маротиба зиёд мебошад.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ фаъолияти табъу нашр дар нашриёт як андоза коҳиш ёфта бошад ҳам, пурра қатъ нагардид. «Асарҳои «Чингизи асри XX» ва «Деви ҳафтсар»-и устод Айнӣ, «Ғалабаи Таня»-и Лоҳутӣ ва «Писари Ватан»-и М. Турсунзода аз ҷумлаи асарҳои дар ин давра интишорнамуаи нашриёт ба ҳисоб мераванд, ки саршори руҳияи ватандӯстӣ мебошанд» [6, с. 18].

Баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо вуҷуди он ки дар шаҳри Душанбе матбааҳои пуриқтидор набуд, фаъолияти «Нашриёти давлатии Тоҷикистон» равнақи тоза касб менамояд. Дар ин давра адабиёти навини тоҷик ҳам ба марҳилаи нави рушд ворид мегардад. Он адибоне, ки дар ибтидои солҳои 30-юм ба майдони адабиёт омада буданд, дар ин давра ба камолоти эҷодӣ расиданд ва нашриёт дар табъу нашри асарҳои онҳо ҳиссаи арзанда гузошт. Аз ҷумла «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ, «Парии бахт»-и Абулқосим Лоҳутӣ, «Қиссаи Ҳиндустон»-и М. Турсунзода, «Қишлоқи тиллой»-и М. Миршакар, «Навобод»-и С. Улуғзода, «Шодӣ»-и Ҷ. Икромӣ, «Одамони ҷовид»-и Раҳим Ҷалил, «Вафо»-и Ф. Ниёзӣ аз ҷумлаи асарҳои дар нимаи дуюми солҳои 40-ум ва аввали солҳои 50-ум интишорнамудаи нашриёт ба

ҳисоб мераванд. Ҳамзамон дар солҳои 50-уми асри XX шуъбаи адабиёти бадеии нашриёт ба интишори асарҳои бадеии адибони классик ва чопи китобу рисолаҳои илмию таҳқиқотӣ шуруъ менамояд» [6, с. 18-18]. Ин имкон фароҳам овард, ки осори гаронбаҳои классикони адабиёти тоҷик ба хонандагони имрӯза дастрас гардад. Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки фаъолияти «Нашриёти давлатии Тоҷикистон» то солҳои 50-уми асри XX давра ба давра густариш ёфта, барои қонеъ гардондани талаботи хонандагон ба китоб ва баланд бардоштани сатҳи маърифати мардум нигаронида шудааст.

Адабиёт

1. Акопов, А. И. Общий курс издательского дело / А. И. Акопов. – Воронеж, 2004. – 218 с.
2. Бойгонии марказии Душанбе, 1581. Оп. 1, ед. хр.17. л.116.- л. 116.
3. Зайниддинов, М. Назаре ба саргаҳи матбуоти тоҷик / М. Зайниддинов // Адабиёт ва санъат. – 2014. – 6 март.
4. Издательству «Ирфон» 50 лет. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 25 с.
5. Издательство «Ирфон»-60. Душанбе: Ирфон, 1985. – 212 с.
6. Карим, Ф. Фурӯғи сухан/Ф. Карим.–Душанбе: Адиб, 2007.–152 с.
7. Олимов, А. Рукни боэътимоди фарҳанг / А. Олимов. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 146 с.
8. Пулатов, С. Книгоиздателъство Таджикистана / С. Пулатов. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 176 с.
9. Улуғзода, С. Некии фаромӯшношуданӣ / С. Улуғзода // Садои Шарқ. – 2015. – № 5. – С. 63-66.
10. Ҳошим, Р. Сухан аз устодон ва дӯстон / Р. Ҳошим. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 272 с.
11. Ҳошим, Р. Аввалин маркази илмӣ / Р. Ҳошим. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 24 с.
12. Ҷашн муборак. Ҷашнномаи нашриёти «Ирфон» бахшида ба шастсолагии он. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 124 с.
13. Энциклопедияи советии тоҷик. – Душанбе: СИЭСТ, 1981. – Ҷ. 3. – С. 331.

Наимов Саломудин

ОБ СТАНОВЛЕНИИ «ГОСУДАРСТВЕННОГО ИЗДАТЕЛЬСТВА ТАДЖИКИСТАНА»
(от начала деятельности до 50-х годов XX века)

В исследовании рассказывается о деятельности первого издательского учреждения в республике – «Государственном издательстве Таджикистана». По мнению автора, хотя во второй половине XV века в Европе, благодаря изобретению немецкого ученого Иоганна Гуттенберга, стало возможным книгопечатание и наука и знания стали более доступными для людей, до второго десятилетия XX века наш народ не пользовался возможностями этого изобретения. Для приобретения научных знаний требовалось не только много сил и упорного труда, но и большие затраты, ведь требовалось много

времени, чтобы подготовить книгу в виде рукописи. Поэтому создание «Государственного издательства Таджикистана» можно считать важным культурным событием 20-х годов XX века. Чрезвычайно важным в становлении издательской деятельности исследователь считает вклад поэта-революционера Востока Абулкасима Лохути и татарского деятеля Гайфулло Нурмухаммадова в создание первой типографии того времени в столице Таджикистана. Опираясь на существующие источники, упоминаются некоторые произведения, изданные в первые годы деятельности издательства. В становлении и развитии издательской деятельности в Республике Таджикистан высоко оценивается роль ленинградских издательств. Даётся краткая информация о «Государственном издательстве Таджикистана» от начала становления до 50-х годов XX века, от периода к периоду отмечается повышение активизации деятельности.

Ключевые слова: издательство, книга, знание, ученый, просвещение, изобретение, рукопись, каллиграфия, понимание правды жизни, школа, типография, книгопечатание, полиграфическая машина, цветная печать, издательская деятельность, учреждение культуры, опыт, написание и редактирование работ.

Naimov Salomudin

ON THE FORMATION OF THE STATE PUBLISHING HOUSE OF TAJIKISTAN
(from the beginning of activity to the 50s of the twentieth century)

The article describes the activities of the first publishing house in the country - the "State Publishing House of Tajikistan". According to the author, although in the second half of the 15th century in Europe, thanks to the invention of the German scientist Johannes Gutenberg, printing became possible and science and knowledge became more accessible to people, until the second decade of the 20th century, our people did not use the possibilities of this invention. Acquiring scientific knowledge required not only a lot of effort and hard work, but also great expenses, because it took a long time to prepare a book in the form of a manuscript. Therefore, the creation of the "State Publishing House of Tajikistan" can be considered an important cultural event of the 20s of the twentieth century. The author considers the contribution of the Tajik poet Abulkasim Lohuti and the Tatar activist Gaifullo Nurmuhammadov to the creation of the first printing house of that time in the capital of Tajikistan to be extremely important in the development of publishing activity. Based on existing sources, some works published in the early years of the publishing house are mentioned. The role of Leningrad publishing houses is highly appreciated in the formation and development of publishing activity in the Republic of Tajikistan. Brief information is given about the "State Publishing House of Tajikistan" from the beginning of its formation to the 50s of the twentieth century, from period to period there is an increase in the revitalization of activities.

Keywords: State Publishing House of Tajikistan, book, knowledge, scientist, invention, manuscript, calligraphy, school, printing machine, publishing.

ТДУ:78тоҷик+82тоҷик+8тоҷик+008+398

Обидпур Ҷӯрахон

РУБОӢ АЗ НИГОҲИ МУСИҚИШИНОСӢ

Дар мақола шакл ва эҷоди жанри рубоӣ таҳлил гардида, мундариҷаи рубои ошкор ва ритми он муайян карда шудааст.

Жанри рубоӣ дар эҷодиёти шоирони классик ва муосири форсу тоҷик пеш аз ихтирои арӯзи араб (низоми вазни эҷоди шеъри тоҷикиву форсӣ, дар асри VIII) дар байни мардуми Аҷам паҳн гардидааст.

Рубоӣ аз рӯйи моҳият ритми дақиқ дорад. Вай дар ритми андозаи оҳанги шаш ҳаштякӣ иншо мегардад ва мисраъ ба як ҳиҷои дарози безадаи пештақтӣ огоз мешавад, ки аз се тақт иборат аст. Нақшаи шакли аслии рубоӣ чунин аст: – / – V V – / – V V – / – V V – /. Яъне мисраи он аз 13 ҳиҷо: 7 ҳиҷои дароз ва 6 ҳиҷои кӯтоҳ иборат аст. (Ниг. ба рубоии «Номат шунавам»-и устод Рудакӣ).

Метавон хулоса кард, ки рубоӣ то ба адабиёти хаттӣ ворид шуданаш, дар байни халқ маъмул будааст, бахусус ритми он.

Шояд дар давлатдории Аҷам мо шоиреро пайдо карда натавонем, ки якчанд рубоӣ насароида бошад. Ин аз он далолат мекунад, ки дар барои шоирони классик ва муосири халқҳои тоҷику форс рубоӣ яке аз жанрҳои дӯстдоштатарин маҳсуб меёфтааст.

Калидвожаҳо: *рубоӣ, жанр, шоирон, классикон ва муосирон, устод Рудакӣ, Саъдӣ, ритм, тақт, нақша, арӯз, думбра (сози мусиқӣ).*

Рубоӣ дар эҷодиёти шоирони классик ва муосири тоҷику форс мавқеи босазо дорад. Дар байни шоирон рубоиёти устод Рӯдакӣ бо маъниҳои ҳакимона ва ошиқона, бо зебоиву ҳаётдӯстӣ хонандаро мафтун месозанд. Шоирони баъдӣ низ дар эҷоди рубоӣ ба устод Рӯдакӣ пайравӣ кардаанд. Рубоиро мо, дар эҷодиёти шоирони классик бо ҷилои тоза, мазмуну ғояи баланд дучор меоем. Рубоиҳои шоирони классик аз қабили устод Рӯдакӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Умари Хайём, Мирзо Бедил, Соиби Табрезӣ, Нозими Ҳиротӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Убайди Зоконӣ, Ҳоҷуи Кирмонӣ, Бадриддин Ҳилолӣ ва чанд тани дигар бо равониву пурмазмунӣ, ғояи баланди бадеӣ ба дили хонандагон роҳ ёфтаанд. Қобил ба зикр аст, ки Умари Хайём рубоиро ба авҷи аъло расонид ва маҳз ба туфайли рубоиёташ ӯ шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кард.

Мавзуи рубоиёти шоирони классик асосан ниёзи руҳии мардуми одӣ будааст. Рубоии зери устод Рӯдакӣ яке аз чунин навъи ин жанр буда, дар шакли қофиябандии **ааба** суруда шудааст, ки чунин мебошад:

Гар бар сари нафси худ **амирӣ**, мардӣ,
Бар куру кар ар нукта **нагирӣ,** мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае **бигирӣ,** мардӣ [13, с. 12].

Рубоии мазкур дар қиёс бо рубоии аслӣ, ҳар як мисраи он аз 12 ҳиҷо иборат буда, тақтҳои дувуму севум аз ҷиҳати шакли қолаби ритмӣ

тафовут доранд. Мо, ду мисраъро аз рубоии мазкур таҳлили ритмӣ мекунем.

Тақти мисраъ:

Гар / бàр сари наф / сѝ худ ами / рӣ, мардӣ,

Нақша ва тақт:

– / – V V – / V – V – / – – – //



Таваҷҷуҳ кунед ба тақтҳои дувуму севум, дар ин тақтҳо нақшаи ритм аз нақшаи ритми рубоии аслӣ тафовут дорад.

Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино дар мавзуъҳои иҷтимоӣ ва фалсафӣ рубоӣ эҷод кардааст. Дар рубоии зери ӯ гуфта мешавад, ки агар дӯсти ман бо душманон бисёр бишинад ва сирри маро бо ӯ бигӯяд, аз чунин дӯст дур будан лозим аст. Рубоӣ:

Бо душмани ман, чу дӯст бисёр нишаст,
Бо дӯст набоядам дигар бор нишаст.
Парҳез аз он шакар, ки бо заҳр омехт,
Бигрез аз он магас, ки бар мор нишаст [3, с. 18].

Рубоии зери Хоҷа Ҳофиз дар мавзуи шикоят аз фалак, аз толеъ ва душман гаштани дӯст эҷод шудааст. Мисраи рубоии мазкур аз 11 ҳиҷо иборат буда, он дар ритми навъи дигари рубоӣ суруда шудааст, ки ин бошад:

Умре зи паи мурод **зоеъ** дорам,
В-аз даври фалак чист, ки **нофеъ** дорам.
Бо ҳар ки бигуфтам, ки туро дӯст шудам,
Шуд душмани ман, вах ки чӣ **толеъ** дорам [22, с. 552].

Тақти мисраъ:

Ум / рѐ зи паи / мỳрод зо / ѐъ дорам,

Нақша ва тақт:

Мисраи як: — / – V V– / V ~ – / – – – //

Мисраи ду: — / – V V– / ~ V – / – – – //

Нақшаи ритми оҳанг:



Дар ин байт талаффузи мисраи аввал аз мисраи дувум фарқ дорад. Ин тафовут ба сабаби он ки ҳиҷои «род» аз мисраи аввал ва вожаи «чист» аз мисраи дувум, ки ҳар кадоми онҳо дар ҳаҷми як ҳиҷои дароз (–)

ва як ҳиҷои кӯтоҳ (V) кашиши овозӣ доранд, рух додааст. Ин тафовут ритми умумии байт (рубоӣ)-ро халалдор насохтааст.

Рубоии зери Умари Хайём, ки навъи дигари жанри мазкур аст, дар тавсифи табиат буда, ҳамчунин аз бевафоии дунё дарак медиҳад. Мисраи рубоии мазкур аз 12 ҳиҷо таркиб ёфта, дар ритм (вазн) дақиқу бенуқсон аст. Вале талаффузи мисраъҳо дар ритм тафовут доранд. Аз ин рӯ, мо нақша ва ритми ин байтро дар алоҳидагӣ нишон медиҳем. Чунончи, рубоӣ (**ааба**):

Абр омаду боз бар сари сабза гирист,
Бе бодаи арғувон намебояд зист.
Ин сабза, ки имрӯз тамошогаҳи мост,
То сабзаи хоки мо тамошогаҳи кист? [12, с. 39].

Тақти мисраъ:
Абр / òмаду боз / бàр сари / сàбза гирист,
Нақша ва тақт:
Мисраи як: — / – V V– / + V – V– / – V V – //
Мисраи ду: — / – V V– / V – V– / – – – //



Чунонки дар нақшаи ритми оҳанги рубоии мазкур ба назар мерасад, тақти севуми мисраи якуми он аз чор ҳиҷо (ду ҳиҷои дароз ва ду ҳиҷои кӯтоҳ) таркиб ёфтааст. Аммо тақти севуми мисраи дувум бо се ҳиҷои дароз тақт шудааст. Чунин тафовут ритми умумии рубоиро коста намесозад. Рубоии мазкур дар оҳанг бисёр равону хушоҳанг мебошад.

Рубоии зери мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ саросар панд ва андарз аст. Вай касро ба покиза будану илм омӯхтан ҳидоят мекунад. Мисраи рубоӣ аз 12 ҳиҷо иборат буда, яке аз навъҳои дигари ин жанр ба шумор меравад. Чунончи, рубоӣ (**ааба**):

Хоҳӣ, ки ҳамеша шоду **бардам** бошӣ,
Ҳар ҷо, ки равӣ, азизу **хуррам** бошӣ.
Покиза шаву рост бизӣ, илм омӯз,
То тоҷи наберагони **Одам** бошӣ [4, с. 227].

Тақти мисраъ:
Хо / ҳӣ, ки ҳаме / шà шоду бар / дàм бошӣ,
Нақша ва тақт: – / – VV – / V – V – / – – – //
Нақшаи ритми оҳанг:



Нозими Ҳиротӣ дар рубоии худ шоирони бузурги форс-тоҷик Саъдии Шерозӣ ва Ҳофизи Шерозиро васф намуда, ононро шуҳрати Шероз номидааст. Мисраи аввали рубоӣ аз даҳ ҳиҷо ва мисраи дувуми он аз ёздаҳ ҳиҷо иборат мебошад. Аммо қироати байт дар ритми умумии рубоӣ дақиқ буда, мавриди сурудан ҳеҷ сактае эҳсос намешавад. Чунончи, рубоӣ (**аааба**):

Саъдӣ шоҳест, дар хаташ ҳафт **савод,**
Ҳофиз моҳе, тофта бар сабъи **шадод.**
Шуҳрияти Шероз бувад з-ин ду бузург,
Мулки бадан аз дилу димоғ аст **обод** [19, с.101].

Азбаски ҳаҷми ҳиҷоҳо дар байт тафовут ва қироати хоси худро доранд, мо мисраъҳоро дар алоҳидагӣ тақт мекунем.

Тақти мисраъ:

Саъ / дӣ шоҳест, / дàр хаташ / ҳàфт савод,

Нақша ва тақт:

Мисраи як: — / – – – / + V – V – / ~ V – //

Мисраи ду: – / – – – / – – – / – VV – //

Нақшаи ритми оҳанг:



Шоири ғазалсарои тоҷик Бадриддин Ҳилолӣ низ рубоӣ эҷод кардааст. Дар рубоии зери ӯ доимо шоду хурсанд набудани касро дар дунёи бевафо васф намудааст. Шахсе, ки дар зиндагиаш ғам надорад, «Ё одам нест ё аз ин олам нест», – гуфтааст Ҳилолӣ. Рубоӣ, дар шакли **аааа**:

Дар олами бевафо касе **хуррам** нест,
Шодию нишот дар бани **одам** нест.
Он кас, ки дар ин замона ӯро **ғам** нест,
Ё одам нест ё аз ин **олам** нест [18, с. 299].

Мо, як байтро аз ин рубоӣ мавриди таҳлили ритмӣ қарор медиҳем.

Тақти мисраъ:

Дар / òлами бе / вàфо касе / хỳррам нест,

Нақша ва тақт:

– / – V V – / V– V– / – – – //

Нақшаи ритми оҳанг:



Рубоии мазкур яке аз навъҳои муқаррарии ин жанр мебошад, вале миқдори ҳиҷоҳо дар мисраъҳои он тафовут дорад: мисраъҳои якуму сеюм 12 ҳиҷоӣ, мисраи дувум 11 ҳиҷо ва мисраи чорум бо 10 ҳиҷо таркиб ёфтаанд. Чунин тафовутҳо ритм (вазн)-и умумии рубоиро коста насохтааст. Бо чунин тафовутҳо рубоии мазкур дар ритми оҳанги андозаи шаш ҳаштякӣ ва ё оҳанги фалакии андозаи панҷ ҳаштякӣ дақиқ суруда мешавад.

Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайни Кангуртӣ рубоиҳои зиёде таълиф намудааст. Ӯ дар рубоии зери худ нишастанро бо аҳли ҳунар ва шахси доно маслиҳат медиҳад. Бо ноаҳлон ва касони ҷоҳил суҳбат намуданро раво намебинад. Чунончи, рубоӣ **(ааба):**

Бо аҳли ҳунар нишину шахси **доно,**
Гар заҳр диҳад, бихӯр чу шаҳду **ҳалво.**
В-аз суҳбати ноаҳлу касони ҷоҳил,
Пайванд агар бувад, табарро **бинмо** [7, с.396].

Калимаи “заҳр” аз мисраи дувум ба дарозии як ҳиҷои дароз (–) ва як ҳиҷои кӯтоҳ (V) кашиши овозӣ дорад. Мисраи аввали рубоии мазкур аз 12 ва мисраи дувум аз 11 ҳиҷо иборат буда, ин яке аз навъҳои дигари жанри мазкур ҳисобида мешавад.

Ритм (вазн)-и умумии жанри рубоӣ хеле хуб риоя гардидааст, гарчанде миқдори ҳиҷоҳои мисраъҳо баробар нестанд.

Байтеро аз рубоии мазкур ритмбардорӣ мекунем.

Тақти мисраъ:

Бо / а̀ҳли ҳунар / нѝшину шах / сѝ доно,

Нақша ва тақт:

Мисраи як: – / – V V – / V– V– / – – – //
Мисраи ду: – / ~ V – / V– V– / – – – //

Нақшаи ритми оҳанг:



Шоирони адабиёти навини тоҷик низ дар эҷоди рубоӣ анъанаи шоирони классикро идома дода, рубоиҳои латиф сурудаанд. Рубоиҳои эшон дар мавзӯҳои иҷтимоӣ ва лирикӣ тараннум шудаанд.

Рубоиҳои Абулқосим Лоҳутӣ дар мавзуи ишқ хеле зиёданд. Ӯ дар рубоиёташ вожаҳои “ишқ”, “дил”, “муҳаббат” ва амсоли инҳоро васеъ истифода бурдааст. Рубоии зери устод Лоҳутӣ лирикӣ буда, ба ишқ бахшида шудааст. Чунончи, рубоӣ **(ааба):**

Имшаб бо манат ҳавои **ҷанг** аст магар?
Дил мешиканӣ, дили ту **санг** аст магар?
Ҳар дам зи барам гурехтан мехоҳӣ,

Дар синаи ман ҷои ту **танг** аст магар? [8, с. 201].

Тақти мисраъ:

Им / шàб бо манат / ҳàвои ҷанг / àст магар?

Нақша ва тақт:

– / – V V – / V– V– / ~ V – //

Нақшаи ритми оҳанг:



Дар рубоии мазкур мисраъҳо асосан бо 12 ҳиҷо (ба истиснои мисраи севум, ки дар он тақтҳои дувуму севум пурра бо ҳиҷоҳои дароз: / – – – / – – – / корбурд шудаанд) таркиб ёфтаанд. Вожаи “аст” дар се мисраъ ба дарозии як ҳиҷои дароз (–) ва як ҳиҷои кӯтоҳ (V) кашиши овозӣ дорад.

Шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ рубоиёти зиёд эҷод намуда, онҳоро “Ҷоми Хайём” номидааст. Забони иншои рубоиёташ бисёр сода, равон ва оммафаҳм аст. Рубоиёти ӯ дар мавзуъҳои гуногун: иҷтимоӣ, панд ва ҳикмат, фалсафа ва ишқу муҳаббат эҷод шудаанд. Чунончи:

То кай ту бо гузаштагон **менозӣ,**
Бо Рӯдакию ба Ҳофизи **Шерозӣ.**
Вақт аст, сари минбари озоди сухан,
Хайёми дигар, Ҳофизи дигар **созӣ** [21, с. 443].

Ё ин ки:

Бар ростравон низ **хатар** меояд,
Бар нафъарасон низ **зарар** меояд.
Гоҳ-гаҳ ба некӣ носипос аст ҳаёт,
Бар гардани хам низ **табар** меояд (Ҳамон ҷо).

Мисраи рубоии аввал аз 11 ҳиҷо ва се мисраи дигар бо 12 ҳиҷоӣ таълиф шудаанд, ки он ба яке аз навъҳои дигари рубоӣ шабоҳат дорад. Рубоии дувумро навъи дигари жанри мазкур номидан саҳеҳ аст. Мисраъҳои якум ва дувум ин рубоӣ ба 10 ҳиҷоӣ ва ду мисраи дигари он бо 11 ҳиҷоӣ таркиб ёфтаанд. Аз ҷиҳати шакл низ ин ду рубоӣ ғайримуқаррарӣ мебошанд. Бо чунин тафовутҳо, ин ду рубоӣ дар ритми оҳанги андозаи шаш ҳаштякӣ ва ё оҳанги фалакии андозаи панҷ ҳаштякӣ дақиқ суруда мешаванд.

Шоири зиндаёд Ҳабибулло Файзулло шеърҳои шевою хотирмон дорад. Ҳамчунин ӯ рубоию дубайтиҳои равону дилчасп низ эҷод намудааст. Рубоии зери Ҳабибулло дар васфи дӯст суруда шудааст. Ба андешаи ӯ дӯстон метавонанд мисли либос куҳна шаванд, дар ҳолате, ки онҳо дӯстони ҷонӣ набошанд. Агар ба чунин дӯстҳо муҳтоҷ шавӣ, дар гумон аст, ки онҳо ба ту дӯст мешаванд ё на?

Ин рубоӣ аз они ӯст:

Монанди либос дӯстон **кухна** шаванд,
Имрӯз қарин пагоҳ **бегона** шаванд.
Муҳтоҷ шаванд, агар ба ту **муҳтоҷанд,**
Муҳтоҷ шавӣ, дӯст шаванд ё **нашаванд?** [16, с. 318].

Рубоии мазкур дар шакли **аабб** таълиф шуда, мисраъҳо бо 11 ҳиҷоӣ таркиб ёфтаанд. Ин рубоиро низ аз яке навъҳои ин жанр номидан ҷоиз аст.

Шоири халқии Тоҷикистон Аскар Ҳаким рубоиҳои зиёде дар мавзуъҳои гуногун эҷод намудааст. Рубоиҳояш соли 2012 дар китоби “Ба саломи шукуфаҳо” ба табъ расидаанд. Шоир дар рубоии зер шахсе, ки дарунаш ҳамчун духул холист, вале гардунро айби гунаҳ меиҳад, мазаммат намудааст. Рубоӣ:

Ту айбу гунаҳ чӣ меиҳӣ **гардунро?**
Ту дарси вафо чӣ медиҳӣ **Маҷнунро?**
Холӣ, ки бувад даруни ту ҳамчу духул,
Овози ту ларза медиҳад **берунро** [17, с. 234].

Рубоӣ дар шакли **ааба** таълиф шуда, мисраъҳо бо 12 ҳиҷоӣ (ба истиснои мисраи сеюм, ки аз 13 ҳиҷо иборат аст) таркиб ёфтаанд. Рубоии мазкур яке аз навъҳои ин жанри адабӣ ба ҳисоб меравад.

Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб яке аз он шоирони муосирест, ки ашъораш писанди ҳамагон аст. Композиторон ба шеърҳои зиёди ӯ оҳанг бастаанд ва ҳофизон онҳоро иҷро мекунанд. Рубоӣ офаридан дар фаъолияти эҷодии Муҳамад Ғоиб мавқеи босазое дорад. Рубоӣ ва дубайтиҳояш соли 2020 дар шакли китоб бо номи “Оҳи ашк” ба табъ расид. Рубоиёташ дар мавзуъҳои гуногун эҷод шудаанд. Ӯ дар як рубоиаш дунёталабонро мазаммат кардааст. Чунончи:

Дунёбалабон иморати **нав** хоҳанд,
Бар қасри умеди хеш **партав** хоҳанд.
Аз хирмани зиндагиву саҳрои ҳаёт,
Гандум ба худу ба дигарон **ҷав** хоҳанд [5, с.157].

Рубоии мазкур яке аз навъҳои дигари ин жанр ба ҳисоб рафта, дар шакли **ааба** таълиф шудааст. Ин рубоӣ яке аз он навъҳоест, ки дар се мисраи он миқдори ҳиҷоҳо тафовут доранд. Мисраъҳои якуму чорум бо 12 ҳиҷоӣ, мисраи дувум бо 11 ҳиҷо ва мисраи севум бо 13 ҳиҷо таркиб ёфтаанд. Чунин тафовути ҳиҷоии мисраъҳо ритми умумии рубоиро бо оҳанг халалдор намесозад.

Шоири халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғоиб, ки думбура (дутори бепарда)-ро хеле моҳирона менавозад, ашъораш дар худ баъзе ритмҳои мусиқиро ниҳон медоранд. Ӯ рубоиҳои зиёде дар мавзуъҳои гуногун эҷод намудааст. Дар рубоии зераш Ҳақназар Ғоиб халқи тоҷикро пайванди замонҳо ва зиндашуда зи куштаҷонҳо тавсиф намудааст. Чунончи:

Эй ҳалқаи пайванди **замонҳо,** тоҷик,
Эй шуҳравари ҳама **ҷаҳонҳо,** тоҷик.
Бо дини худошиносият худ бишинос,
Эй зиндашуда зи **куштаҷонҳо,** тоҷик [6, с. 301].

Рубоии мазкур як навъи рубоии муқаррарӣ буда, дар шакли **ааба** таълиф шудааст. Мисраъҳо асосан бо 12 ҳиҷоӣ (мисраи сеюм 13 ҳиҷо) таркиб ёфтаанд.

Шоири халқии Тоҷикистон Муҳтарам Ҳотам рубоиҳои зиёде эҷод намуда, рубоиёташро соли 2020 дар шакли китоб бо номи “Дафтари рубоӣ” ба табъ расондааст. Ӯ дар рубоиҳояш васфи Ватан, Ваҳдат, Истиқлол ва масъалаҳои иҷтимоиро тараннум намудааст. Рубоии зери ӯ дар васфи Ватан ва Истиқлол суруда шудааст. Чунончи:

Парвози **баланди** мо туӣ, Истиқлол,
Эъҷози **писанди** мо туӣ, Истиқлол.
Дар роҳи Ватан саъй дучандон бояд,
Ин саъйи **дучанди** мо туӣ, Истиқлол [20, с.11].

Рубоии мазкур дар шакли **ааба** иншо шудааст. вижаҳои “баланди”, “писанди” ва “дучанди” қофия буда, ибораи “мо туӣ, Истиқлол”, ки дар охири се мисраъ корбаст шудааст, радиф мебошанд. Ин рубоӣ низ дар яке аз навъҳои он эҷод шудааст.

Шоири халқии Тоҷикистон Камол Насрулло рубоӣ ва дубайтиҳои зиёде дорад. Ӯ гулчини рубоӣ ва дубайтиҳои худро соли 2020 дар китоби “Оинаи ломакон” ба табъ расонид. Рубоию дубайтиҳои Камол Насрулло саршор аз самимияту муҳаббат, ғояҳои баланди инсонӣ, фалсафаи хайрхоҳиву некманишӣ, тасвири мушоҳида ва андешаҳои фитрии ӯ мебошанд. Рубоии зер аз они ӯст:

Чун ҷони ту дард **кард,** “модар” гӯӣ,
Дар мушкилу дар **набард,** “модар” гӯӣ.
Дар базму тараб надорӣ ёд аз модар,
Дар ҳаҷр ба рӯи **зард,** “модар” гӯӣ [10, с.170].

Дар рубоии мазкур миқдори ҳиҷоҳо ғайримуқаррарӣ мебошанд. Мисраҳои якуму чорум бо 10 ҳиҷоӣ, мисраи дувум бо 11 ҳиҷо ва мисраи севум бо 12 ҳиҷо таркиб ёфтаанд. Вижаҳои “кард”, “набард” ва “зард” дар рубоӣ қофия буда, ибораи “модар” гӯӣ”, ки дар охири се мисраъ корбаст шудаанд, радиф номида мешавад.

Шоири шинохта Сафар Амирхон дар мавзуъҳои гуногун рубоиёти зиёде дорад. Ӯ дар рубоии зераш “Истиқлол”-ро васф намудааст. Чунончи:

Садрангии **навбаҳор** Истиқлол аст,
Лабхандаи **рӯзгор** Истиқлол аст.
Осуда канори ёру дар хоки Ватан,
Шукронаю **ифтихор** Истиқлол аст [1, с. 146].

Рубоии мазкур дар шакли қолаби ритмии **ааба** иншо шудааст. Дар рубоӣ вижаҳои “навбаҳор”, “рӯзгор” ва “ифтихор” қофия буда, ибораи “Истиқлол аст” ки дар охири се мисраъ корбаст шудаанд, радиф мебошанд.

Шоири шинохтаи тоҷик Давлат Сафар, ки думбура (дутори бепарда)-ро хеле хуб менавозад ва эҷоди рубоию дубайтиҳои равону

шевояш бо ин ҳунари волояш тавъам аст. Алалхусус рубоиеро, ки дар вай ҳунарпешаи мумтоз, шодравон Одина Ҳошим тавсиф ёфтааст, андешаҳояш бисёр самимист ва ҳақиқат дорад. Мо низ албатта, ба гуфтаҳои шоир ҳамфикр ҳастем. Рубоӣ:

Ғам дар дили савдозадаҳо **ғамкаҳакаст,**
Бар дасти дуо ҳамеша чашми **малакаст.**
То ҳаст ҷаҳон Одина Ҳошим бар мо,
Пайғамбари охирини савти **фалакаст** [14, с.196].

Рубоии мазкур дар қолаби ритми аслии ин жанр (ба истиснои мисраи сеюм, ки иборат аз 11 ҳиҷост, се мисраи рубоӣ бо 13 ҳиҷоӣ таркиб ёфтаанд ва қолабҳои зарбӣ, яъне нақшаи ритм бо ҳиҷоҳои дарозу кутоҳ як хел тақт мешаванд.

Рубоии мазкурро таҳлили ритмӣ мекунем (бо таҳлили рубоии устод Рӯдакӣ “Номат шунавам...” муқоиса шавад).

Тақти мисраъ:

Ғам / да̀р дили сав / до̀задаҳо / ға̀мкаҳакаст,

Нақша ва тақт:

– / – VV – / – VV – / – VV – //

Нақшаи ритми оҳанг:



Шояд шоире ёфт нашавад, ки ӯ рубоӣ ва ё дубайтӣ нагуфта бошад. Шоир Усмон Назири Оташ дар байни шоирони чи классик ва чи муосир аз ҳама рубоёти зиёд эҷод намудааст. Ӯ рубоёташро соли 2011 дар шакли китоб бо номи “Ҳазору як рубоӣ” ба табъ расонидааст.

Рубоӣ ва дубайтиофарӣ дар ашъори шоираҳои муосири тоҷик низ ҷойгоҳи хос дорад. Рубоиҳои бонувон дар мавзуъҳои ичтимоӣ, ватандорӣ, ишқу муҳаббат ва баъзан навмедӣ аз ишқу зиндагӣ суруда шудаанд. Рубоӣ дар ашъори Гулрухсор Сафиева, Ҳадиса Қурбонова, Мавҷуда Ҳакимова, Зулфия Атоӣ, Фарзона, Раъноии Муборизи ва чанд тани дигар ба назар мерасад.

Рубоӣ дар эҷодиёти Шоири халқии Тоҷикистон Гулрухсор Сафиева низ ҷойгоҳи хос дорад. Рубоиҳои ӯ мисли рубоиҳои шифоҳӣ сода, равону дилнишин ва дорои таровати нотакроранд. Ӯ рубоиёташро бо сабку услуби ба худ хос ва гуворову лаззатбахш офаридааст. Аз ин сабаб композиторону оҳангсозон ба рубоиҳои зиёди Гулрухсор оҳанг баста, ҳофизон онҳоро бо ҳиссиёти баланд сароидаанд.

Дар баъзе рубоиҳои Гулрухсор навмедӣ аз ишқ ва норизоӣ аз бахту зиндагӣ ба назар мерасад. Чунончи:

Бо ишқи ту **инқилоб** кардам имшаб,
Ғамҳои туро **китоб** кардам имшаб.
То ишқи туро дар дили ман хоб барад,
Бо доруи хоб **хоб** кардам имшаб.

Ё ин ки:
Доғе ба мисоли доғи дил **сӯзон** нест,
Ашке ба мисоли ашки ғам **арзон** нест.
Бар мурдаи садсола ҳама гиря кунанд,
Дар мурдани ишқи ман касе **гирён** нест [15, с. 347].

Рубоии аввал дар шакли **ааба** иншо шуда, дар вай миқдори ҳиҷоҳои мисраъҳо тафовут доранд. Дар рубоӣ вижаҳои "инқилоб", "китоб" ва "хоб" қофия буда, ибораи "кардам имшаб", ки дар охири се мисраъ корбаст шудаанд, радиф мебошанд. Ин ду рубоиро низ аз навъҳои ин жанр гуфтан ҷоиз аст.

Раънои Муборизи яке аз он бонувонест, ки аз дигар шоирахо дида, дар ин жанр бештар рубоӣ офаридааст. Ӯ рубоёташро дар васфи Ватан, Ваҳдат, Роғун, Бадахшон, модар ва ғ. тараннум намудааст. Шоира рубоиёташро ба шакли китоб бо унвони "Гулбоғи рубоӣ" ба табъ расонидааст. Ӯ дар рубоии зераш қадри модарро аз ҳама боло гузоштааст. Чунончи:

Баъд аз сари модарам **Бадахшон** наравам,
Бар хонаи сардгашта **меҳмон** наравам.
Бе модари ман ба ман Бадахшон холист,
Эй ёр, бимон, дигар ба **Шуғнон** наравам [9, с. 27].

Рубоии мазкур низ дар шакли **ааба** иншо шуда, мисраи аввал бо 13 ҳиҷо ва се мисраи дигар бо 12 ҳиҷоӣ таркиб ёфтаанд. Ин рубоиро яке аз навъҳои дигари он ҳисобидан саҳеҳ бошад, ҳарчанд ки мисраи аввали он аз 13 ҳиҷо иборат аст. Дар ин мисраъ низ дар тақти дувум ба мисли рубоии аслӣ, ки мебоист нақшаи ритм ба шакли / – VV – / корбаст мегардид, ин тақт ба шакли табдилёфта / V – V – / таркиб ёфтааст.

Хуллас, рубоӣ яке аз жанрҳои дӯстдоштаи шоирони классику муосири форсу тоҷик ба шумор рафта, аз қадим дар байни мардуми Аҷам маъмул будааст.

Адабиёт

1. Амирхон, С. Пайғом. – Душанбе: Адиб, 2019. – 217 с.
2. Амонов, Р. Рубоиёти халқӣ ва рамзҳои бадеӣ. – Душанбе: Дониш, 1987. – 294 с.
3. Ашъори ҳакимон ва орифон. – Душанбе: Адиб, 2010. – С. 18.
4. Балхии Румӣ, Ҷалолиддин. Мунтахаби рубоиёт. – Душанбе: адабиёти бачагона, 2016. – 398 с.
5. Ғоиб, М. Оҳи ашк. – Душанбе: Адиб, 2020. – 263 с.
6. Ғоиб, Ҳ. Дар бистари нарми гул. – Душанбе: Адиб, 2009. – 283 с.
7. Кангуртӣ, Ҳ. Ҳ. Кулиёт. – Душанбе: Адиб, 2008. – 240 с.
8. Лоҳутӣ, А. Шуъла ва шамшер. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 271 с.
9. Муборизи, Р. Гулбоғи рубоӣ. – Душанбе: Адиб, 2020. – 47 с.
10. Насрулло, К. Оинаи Ломакон. – Душанбе: Адиб, 2020. – 191 с.
11. Обидпур, Ҷ. Рӯдакӣ ва рубоӣ // Саманиды-уникальный исторический феномен в мировой цивилизации (исследование). – Душанбе: Дониш, 2019. – С. 853-875.

12. Рубоиёти Хаём (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе: СИЭМТ, 2009. – С. 39.
13. Рӯдакӣ, Абӯабдуллоҳ. Шеърҳо / Пешгуфтор, тартиб ва тавзеҳи У. Каримов, С. Саъдиев. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. – 217 с.
14. Сафар, Д. Субҳи садоқат. – Душанбе: Адиб, 2016. – 217 с.
15. Сафиева, Г. Шуъла дар санг (гулчини ашъор) / муҳаррир С. Маъмур. – Душанбе: Адиб, 2011. – 182 с.
16. Файзулло, Ҳ. Зи нав зинда шавем. Маҷмуаи шеърҳо. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 368 с.
17. Ҳаким, А. Ба саломи шукуфаҳо. – Душанбе: Адиб, 2012. – 439 с.
18. Ҳилолӣ, Б. Девон. – Душанбе: Адиб, 2016. – 278 с.
19. Ҳиротӣ, Нозим. Ашъори мунтахаб / тартибдиҳанда ва муаллифи сарсухан А. Зуҳуриддинов. – Душанбе: Ирфон, 1967. – С. 101.
20. Ҳотам, М. Дафтари рубоӣ. – Душанбе: Адиб, 2020. – 191 с.
21. Шералӣ, Л. Куллиёт. – Душанбе: Адиб, 2008. – Ҷ. I. – 548 с.
22. Шерозӣ, Ҳофиз. Куллиёт / Мураттиб ва муаллифи сарсухан Ҷ. Шанбезода. – Душанбе: Ирфон, 1983. – С. 552.

Обидпур Джурахон

РУБАИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ МУЗЫКОВЕДЕНИЯ

В данной статье автор анализирует форму и образование жанра рубаи, открывает содержание рубаи и выявляет его ритм.

Жанр рубаи в творчестве поэтов-классиков и современников персидско-таджикской поэзии появился до изобретения арабского аруза (метрическая система таджикско-персидского стихосложения, VIII в.) и был широко распространён среди народов Аджама.

Рубаи по существу имеет свой точный ритм. Он сочиняется в ритме музыки размера шесть восьмых и строки его начинаются с одного длинного слога из-за такта и состоит из трёх полных тактов. Схему подлинной формы рубаи можно определить по этой схеме:
– / – V V – / – V V – / – V V – /. То есть его строка состоит из 13 слогов: 7 длинных и 6 коротких (См. рубаи «Номат шунавам» устода Рудаки).

Можно сделать вывод, что жанр рубаи, и особенно его ритм, до того, как был введён в письменную литературу, уже был распространён среди народа.

Рубаи имеет много разновидностей. В ритме рубаи не пишутся такие жанры стихов, как газель, месневи, поэмы и т.д.

Вероятно, в государственности Аджама не найдётся ни одного поэта, не сочинившего бы хотя бы несколько рубаи. Потому что рубаи является одним из любимых жанров поэтов-классиков и современников персидско-таджикских народов.

Ключевые слова: Рубаи, жанр, поэты, классики и современники, устод Рудаки, Саади, ритм, такт, строка, схема, аруз, думбра (музыкальный инструмент), Родина, независимость.

Obidpur Jurahon

RUBAI FROM THE POINT OF VIEW OF THE MUSIC

In this article, the author analyzes the form and formation of the *rubai* – distich genre, reveals the content of the *rubais* and reveals its rhythms. The *rubais* genre in the works of Persian-Tajik classical poets appeared before the invention of the Arabic *aruz* meter (the metric system of Tajik-Persian versification, VIII century) and was widely distributed among the peoples of Ajam.

Rubai essentially has its own precise rhythm. It is composed to the rhythm of six-eighths music and its lines begin with one long syllable due to the beat and consist of three full measures. The scheme of the true form of the rubaiyat can be determined by this scheme:

– / – V V – / – V V – / – V V – /.

That is, its lines consist of 13 syllables: 7 long and 6 short (See rubai "Nomat Shunavam" by Rudaki).

It can be concluded that the rubais, before it was introduced into written literature, was already widespread among the people, especially its rhythm.

Rubais has many varieties. Such genres of poetry as *gazelle, masnavi*, and poems, etc. are not written in the rhythm of the rubai.

Probably, in the statehood of Iran and Central Asia we do not find a poet who would not have composed several rubais. Because the rubai is one of the favorite genres of classical poets and contemporaries of the Persian-Tajik peoples.

Keywords: Rubai, genre, poetty, music, Rudaki, Saadi Shirazi, rhythm, tact, lines, scheme, *aruz*, *dumbra* (musical instrument).

ТДУ:37тоҷик+9тоҷик+008+39+79тоҷик+32тоҷик

Давлатов Фармон

ГУСТАРИШИ РОБИТАҲОИ ФАРҲАНГӢ БО КИШВАРҲОИ УЗВИ ИДМ

Дар мақола равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳли узви ИДМ ва нақши ин робитаҳо дар рушди фарҳанги миллӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Пас аз пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ байни ҷумҳуриҳои тозаистиқлол дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла фарҳанг робитаҳо гусаста шуд. Ҷумҳуриҳои ба истиқлол расида тадричан робитаҳои худро дар шакли нав барқарор намуанд. Аз ҷумла, давлату Ҳукумати Тоҷикистон, таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, пас аз фароҳам омадани сулҳу оромӣ дар кишвар бо мамолики гуногуни дунё, бавижа кишварҳои узви ИДМ робитаҳои худро аз нав барқарор карданд.

Аз солҳои аввали даврони истиқлолият, Тоҷикистон дар роҳи расидан ба армонҳои наҷиби миллӣ қадамҳои устувор гузошт. Пас аз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, дар Тоҷикистон марҳилаи тозаи рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеа оғоз шуд. Дар радифи дигар соҳаҳо, фарҳанг низ рӯ ба тараққӣ ниҳод ва ҳамкориҳои фарҳангӣ бо давлатҳои гуногуни дунё, аз ҷумла кишварҳои узви ИДМ ривоҷ ёфт.

Танҳо дар соли 2007 чандин созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои узви ИДМ, аз ҷумла, Қазоқистон, Қиргизистон Ӯзбекистон ва Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва ҳунар дар шаҳрҳои Душанбе, Бишкек, Тошкан ва Ашқобод ба имзо расид.

Солҳои минбаъда, дар доираи ҳамкориҳои фарҳангӣ, Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қиргизистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Белорус, ҳамчунин Рӯзҳои фарҳанги ин ҷумҳуриҳо дар Тоҷикистон дар сатҳи баланд баргузор гардиданд.

Имрӯз робитаву ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои узви ИДМ дар ҳоли густар қарор дорад.

Калидвожаҳо: *Тоҷикистон, ИДМ, фарҳанг, ҳунар, миллӣ, равобит, соҳа, ҳамкориҳо, театр, созишнома, рушд, тараққӣ.*

Бо ибтикор ва талоши пайвастаи Пешвои муаззами миллат, аз нахустин рӯзҳои соҳибистиқлолӣ, соҳаи фарҳанг дар радифи дигар соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа рӯ ба рушд овард ва миллати тамаддунофар будани тоҷикро бори дигар собит сохт.

Пешрафти соҳаҳои мухталифи кишварро наметавон бидуни ҳамкориҳои судманд бо давлатҳои дигари дунё, аз ҷумла ИДМ тасаввур кард. Иттиҳоди давлатҳои мустақил моҳи декабри соли 1991, ба хотири ҳифзи равобити таърихии давлатҳои мустақили пасошуравӣ ва баррасиву ҳалли масоили муҳими сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву гуманитарӣ, таъсис ёфт. Аз нахустин рӯзҳои таъсисёбии ИДМ Тоҷикистон узви комилҳуқуқи он аст. Ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрҷониба бо давлатҳои иштирокдори ИДМ яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Чандин ҷаласаҳои Шурои Сарони давлатҳои ИДМ дар пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе, дар сатҳи баланд баргузор гардиданд ва дар ин ҷаласаҳо санадҳои муҳим доир ба ҳамкории давлатҳои узви Иттиҳод дар ҳалли масоили гуногуни ҷаҳони муосир ба тасвиб расиданд.

Дар партави сиёсати хирадмандона ва фарҳангпарваронаи Пешвои муаззами миллат ҳамкориҳои мутақобилан судманди фарҳангӣ бо мамолики гуногуни олам, ба вижа ҷумҳуриҳои пасошуравӣ тавсеа ёфт. Ба тасвиб расидани санаду созишномаҳо, созмон додани рӯзҳои фарҳангӣ дар мамолики дигар ва баръакс рӯзҳои фарҳангии дигар давлатҳо дар Тоҷикистон, ба роҳ мондани сафарҳои ҳунарӣ бо барномаҳои консертӣ, намоишномаҳои театрӣ, филмҳо, баргузор кардани конференсия, симпозиум ва фестивалҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва дигар чорабиниҳо равобити фарҳангии Тоҷикистонро бо мамолики гуногун таҳким бахшид ва соҳаи фарҳанг дар радифи дигар

соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа рӯ ба рушду тараққӣ овард. Ба таъбири М. Низомӣ “Равобити ҳасанаи тоҷикон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ бо мамолики гуногуни олам маҷрои нав пайдо карда, андешаи миллии арзишҳои маънавӣ, дар заминаи асолати таърихӣ, арзишҳои маънавӣ ва мероси фарҳангӣ рушди фарогир ва беқиёс ёфт. Дар ин давра, дар партави сиёсати хирадмандонаву фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ташаббусҳои ҷаҳонии ин шахсияти таърихӣ, халқи тоҷикро дар ҷаҳон дубора ҳамчун миллати фарҳангӣ ва тамаддунофар шинохтанд” [5, с.14].

Тоҷикистон яке аз ташаббускорони фаъоли ИДМ дар масоили гуногуни ҳамкориҳост. Чандин ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сӯйи давлатҳои иштирокдори ИДМ дасгирӣ ёфтаву амалӣ шудаанд. Аз ҷумла, ташаббускори Соли хониш ва адабиёт эълон кардани соли 2008, таъсис додани Бунёди ҳамкориҳои гуманитарӣ, таъсис додани Фонди Бунёди ҳамкориҳои гуманитарӣ ва ғайра мебошад.

Мавриди зикр аст, ки бо мусоидати БФҲГ, ба ифтихори 1150-солагии асосгузори адабиёти классикии тоҷик Абуабдуллоҳи Рудакӣ, асарҳои безаволи ӯ бо се забон интишор ёфтанд ва дар китобхонаҳои давлатҳои ИДМ мавриди истифодаи умум қарор гирифтанд. Ҳамчунин ду ҷилд аз силсилаи “Адабиёти классики ИДМ” (Классика литератур СНГ)-ро осори гаронбаҳои ниёгони тамаддунофари мо дар бар гирифтаанд.

Дар яке аз ҷаласаҳои Шурои сарони давлатҳои ИДМ, ки 28 сентябри соли 2018 баргузор гашт, «Қарор дар бораи татбиқи Барномаи байнидавлатии «Пойтахтҳои фарҳангии Иттиҳод дар соли 2021» қабул шуд ва 22 ноябри соли 2020 эстафетаи Пойтахти фарҳангии Иттиҳоди 2021 насиби Душанбе гашт. Яъне, Душанбе Пойтахти фарҳангии ИДМ эълон шуд.

Пас аз арзи ҳастӣ кардани Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ), ҳамкориҳои гуногунсоҳа, аз ҷумла фарҳангӣ, миёни ин давлатҳо шуруъ шуд ва вусъат пайдо кард. Дар тӯли 30 соли мавҷудияти ИДМ Тоҷикистон тавонист дар ҳамкорӣ бо кишварҳои дигари узви ин иттиҳод дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла фарҳанг пеш равад ва ба дастовардҳои назаррас ноил гардад.

Муаррифгари ҳар қавму миллат фарҳанги он аст. Бо дарки ин нукта, Пешвои миллат рушди фарҳанги миллиро дар маркази таваҷҷуҳи хеш қарор дода, бахри пешрафту тараққии ин соҳа пайваста талош меварзанд. Чунончи дар мақолаи Б. Раҳмоншоева омадааст: “Дар сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фарҳанг соҳаи муҳим ва такягоҳи боэътимоди маънавии ҷомеа муайян гардида, ҳамчун воситаи тавонои ташаккули идеологияи миллӣ, муаррифгар ва муайянкунандаи мақому манзалати кишвар дар арсаи байналмилалӣ ба шумор меравад. Пешвои миллат ҳанӯз дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ таъкид намуда буданд: “Фақат миллате, ки барои рушду такомули илму маориф ва фарҳанг ғамхорӣ зоҳир мекунад, ба давлатдорӣ сазовор аст” [8].

Маҳз бо ташаббусу дастгирии доимии ин фарзанди фарзонаи миллат ҳамкориҳои судманди фарҳангӣ бо кишарҳои узви ИДМ вусъат пайдо карда, дар муаррифии миллату давлати тоҷик нақши намоён гузоштааст.

Вақте бо дидаи таҳқиқ ба дуриҳои таърих назар меафканем, хуб дармеёбем, ки миллати бостонии тоҷик дар ҳама давру замон худро ҳамчун миллати фарҳангӣ ва тамаддунофар ба аҳли олам муаррифӣ карда, бо осори мондагори илмиву адабӣ, дар густариши тамаддуни умумибашарӣ нақши сазовору носутуданӣ гузоштааст. Имрӯз низ ин миллат рисолати бар дӯш доштаи хешро ба иҷро мерасонад. Яъне, худро ба ҳайси як миллати фарҳангӣ, дар ҷаҳон, махсусан миёни Иттиҳоди давлатҳои мустақил муаррифӣ мекунад. Чунончи Ш. Орумбекзода навиштааст: “Қобили зикр аст, ки дар даврони истиқлолият муносибати мардум ба фарҳанг куллан дигар гардида, дар баробари аҳли ҳунару санъат худи мардум дар рушду таҷлили ҷашнвораҳои таърихиву миллӣ мустақиман ширкат меварзанд. Доираи ҷалби мардум ба чорабиниҳои фарҳангӣ торафт васеъ гардида, дар партави ғамхориву дастгирии Пешвои миллат чорабиниҳои фарҳангӣ, симпозиум, конференсия ва ҳамоишҳои байналмилалӣ бахшида ба фарзандони фарзонаи миллат, санаҳои бузурги таърихию фарҳангӣ, эҳёи суннатҳои миллӣ, барқарорсозии ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, тарғиби фарҳанги пурғановати миллӣ дар кишварҳои хориҷӣ тавассути баргузории чорабиниҳои байналмилалӣ, рӯзҳои фарҳангӣ ва сафарҳои ҳунарӣ, ҳамзамон тайёр намудани мутахассисони ҷавон ва муҳайё сохтани заминаҳои моддии рушди самтҳои гуногуни фарҳанг ба вуқуъ пайваст” [6, с. 12 - 13].

Бо шарофати истиқлолият, дар Тоҷикистон марҳилаи тозаи рушди ҳама соҳаҳои муҳими ҷомеа шуруъ шуд. Дар радифи дигар соҳаҳо, фарҳанг низ рӯ ба тараққӣ ниҳод ва ҳамкориҳои фарҳангӣ бо давлатҳои дигари дунё, аз ҷумла кишварҳои узви ИДМ ривоҷ ёфт. Дар ин замина созишномаҳои зиёде байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои узви ИДМ ба имзо расиданд. Аз ҷумла, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва ҳунар (13 сентябри соли 2007, ш. Душанбе), Созишнома байни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг (19 сентябри соли 2007, ш. Бишкек), Созишнома байни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва санъат (17 августи соли 2018, ш. Тошканд) ва Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва ҳунар (5 октябри соли 2007, ш. Ашхобод).

Аз ин миён метавон робитаҳои фарҳангии ҷумҳуриҳои ҳамҷавори Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро, махсусан, зикр кард, ки солҳои охир бо ҷаҳду талошҳои сарварони ҳарду кишвар густариш пайдо кардаанд. Бонуи фарҳангие аз Самарқанди бостонӣ Амина Шарофиддинова бо ҳаяҷону фараҳмандӣ менависад: “Мо тоҷикони Самарқанд аз соли 1994 ранҷи дурӣ аз наздикон мекашидему захри ҷудоӣ мечашидем. Аммо

имрӯз ҳама шоҳидем, ки орзуву ормонҳои халқи тоҷику ӯзбек амалӣ шуда истодаанд. Бо саъю талош ва хайрхоҳии сарварони оқилу дурбини ду кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев ҳоло эътибор ва нуфузи маорифу фарҳанги тоҷик меафзояд” [11].

Воқеан, дар тӯли се соли охир дар ҳарду ҷумҳурӣ чорабиниҳои зиёди фарҳангӣ баргузор гашт, ки таъриху тамаддуни ду миллати ба ҳам дӯст – тоҷику ӯзбек ро муаррифӣ мекард. Яке аз рухдоди фараҳбахши фарҳангӣ, дар ин самт ва дар ин муддат, қомат афрохтани муҷассамаҳои таҷассумгарони ваҳдат ва муаррифгарони адабиёту фарҳанги ду миллат Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ дар пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе буд. Аз сӯйи Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ иқдомҳои наҷибе амалӣ шуданд. Аз ҷумла яке аз истгоҳҳои метрои шаҳри Тошканд ба номи Шоири халқии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон устод Мирзо Турсунзода номгузорӣ шуд. Ба ифтихори 140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон устод Айнӣ, ба хотири таъмиру тармими хона – мӯзейи ӯ дар шаҳри Самарқанд, 300 миллион сӯм ҷудо гардид. Инчунин, ҳамоиши тоҷикони ӯзбек истон дар мавзуи “Шеър пайвандгари миллатҳо” баргузор гашт. Ин ҳама чорабиниҳои фарҳангӣ ва иқдомҳо, бешубҳа, барои таҳкиму тавсеаи робитаҳои фарҳангӣ миёни ду ҷумҳурии дӯсту ҳамҷавор заминаи мусоид фароҳам овард.

Ҳамин гуна ҳамкориҳои фарҳангӣ бо дигар кишварҳои узви ИДМ низ ба роҳ монда шуд.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ театрҳои Тоҷикистон ба мушкилоти гуногун рӯ ба рӯ шуданд. Хушбахтона, барқарор кардани робитаҳои фарҳангӣ бо мамолики гуногуни олам, ба вижа кишварҳои узи ИДМ мусоидат намуд, ки ин мушкилот бартараф карда шаванд ва фаъолияти театрҳо пурсамар гардад. Масалан, Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ тавонист тавассути барқарор кардан ва таҳким бахшидани равобит бо театрҳои мамолики дигар намоишномаҳои ҷавобгӯ ба замони муосирро таҳия намуда, манзури тамошобинони ватаниву хориҷӣ гардонад. Чунончи М. Шарифзода навиштааст: “Мубодилаи ҳунармандон, дар асоси шартнома, барои тайёр кардан ва ба саҳна гузоштани намоишномаҳои гуногуни опера ва балет, даъват намудани мутрибони намоёни хориҷӣ ба рушди театр мусоидат намуд. Дар марҳалаи ҳозира ҳамкорӣ бо ҳамкасбони ӯзбек умедбахш аст. Сарони давлатҳои Тоҷикистону Ӯзбакистон барои ҳамкориҳои судманд тамоми шароити заруриро фароҳам овардаанд. Аз соли 2009 то соли 2019 дар намоишномаҳои театр ҳунармандони зиёди хориҷӣ ширкат варзиданд. Бархе аз онҳоро мисол меорем: ҳунарпешаи Театри миллии опера ва балети А. Молдибоеви ҷумҳурии Қирғизистон Суймоналиев Нурлан дар операхои Г. Россини «Сартароши Севиля» ва Г. Верди «Ил Троваторе»; ҳунарпешаи балети Кремли Москва Ирина Аблицова ва дирижёри Театри давлатии академии опера ва балети Челябинск Михаил Евгенов, ки дар офаридани балети «Зебоии хуфта»-и П. Чайковский ширкат доштанд» [10, с. 18].

Баргузор кардани Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои узви ИДМ ва Рӯзҳои фарҳангии он кишварҳо дар Тоҷикистон намунаи беҳтарини ҳамкориҳои фарҳангист.

Моҳи октябри соли 2005, нахустин бор, Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳуриҳои ба мо дӯсти Белорус ва Федератсияи Россия баргузор шуд. Маросими кушодашавии Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Белорус ва манзури тамошобинон намудани барномаҳои гуногуни фарҳангӣ, аз сӯйи аҳли ҳунари Тоҷикистон, дар биноҳои Қасри призидентӣ, Филармонияи давлатӣ ва Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Белорус сурат гирифт. Он рӯзҳо барои тоҷикон ва белорусҳо, воқеан ҷашни ҳунару фарҳанг буд. Аҳли фарҳангу ҳунари тоҷик тавонист, бо манзур кардани барномаҳои ҷолиби фарҳангӣ, мардуми Минск ва ду вилояти Белорусро ба ваҷд оварад ва миллати тоҷиконро ҳамчун миллати бостонии тамаддунофар муаррифӣ кунад.

Баргузории Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россияро, 6 октябри соли 2005, Президентҳои Федератсияи Россия ва Тоҷикистон, пас аз тамошои намоиши ҳунарҳои мардумӣ ва асарҳои рассомони тоҷик дар Осорхонаи давлатии таърихи муосири Россия, бо суханрониҳои пурмуҳтавои хеш дар саҳнаи Театри калони шаҳри Москва, ҳусни ифтитоҳ бахшиданд. Сипас барномаи ҳунарӣ манзури аҳли нишаст гардонида шуд. “Дар барномаи ҳунарӣ сурудҳои операвӣ аз ҷониби хунармандони халқии Тоҷикистон Рустам Дуллоев, Адҳам Холиқов ва Акбар Миррақабов бо забонҳои русӣ ва итолиёӣ садо доданд. Сурудҳои халқӣ аз тарафи ҳунармандони халқӣ Д. Холов, С. Билолов, Ҳофизи халқӣ Ф. Ҳасанов, О. Ашӯрова ва солистони Ансамбли давлатии Шашмақом иҷро карда шуд.

Ансамбли “Шашмақом” ва “Фалак” сурудҳои анъанавиро бо рақсҳои классикӣ иҷро намуданд. Рақсҳои касбии фолклорӣ дар иҷрои ансамблҳои рақсии “Лола”, “Ҷаҳоноро”, “Зебо” ва “Гулрез” хеле дилкаш ва дар сатҳи баланди касбӣ иҷро карда шуд. Хусусан рақси халқии “русские узры”-ро тамошобинони шаҳри Маскав бо қарсакзаниҳои пурмавҷ истиқбол намуданд” [1. с. 9].

Дар давоми 30 соли соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон борҳо Рӯзҳои фарҳангии худро дар Федератсияи Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизисон ва дигар кишварҳои узви ИДМ дар сатҳи олӣ баргузор кард. Аз ҷумда дар солҳои 2014 - 2018 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чунин кишварҳои узви ИДМ Рӯзҳои фарҳангӣ баргузор намудааст: Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия (моҳҳои май-июни соли 2014), Ҷумҳурии Қирғизистон (моҳи июни соли 2014), Ҷумҳурии Қрғизистон (7-4 июни соли 2015), Федератсияи Россия (11-16 августи соли 2015), Ҷумҳурии Белорус (10-14-уми ноябри соли 2016), Ҷумҳурии Туркманистон (12-18-уми июни соли 2017), Ҷумҳурии Ӯзбекистон (моҳи октябри соли 2017), дар Федератсияи Россия (моҳи октябри соли 2018).

Ин номгуйро метавон идома дод, вале бояз зикр намуд, ки солҳои 2019, 2020, 2021 ва 2022 низ Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои гуногуни узви ИДМ баргузор шудаанд. Аз ҷумла 24 октябри соли 2022, ба муносибати 30-солагии барқарор шудани муносибатҳои дипломатии Тоҷикистон ва Россия, Рӯзҳои фарҳангии ин ду кишвар баргузор гардид. Макони баргузории маросими ифтитоҳи ин чорабинии фарҳангии сатҳи олӣ Театри давлатии академии хурди шаҳри Москва

буд. Маросими ифтитоҳ, ки мутантану тоҷикона буд ва барномаи ҳунарӣ, ки суруду рақсҳои дилангезу руҳнавози тоҷикиро дар худ фаро мегирифт, аҳли толорро ба ваҷд овард. “Барномаи пурмуҳтаво ва ҷолиб, ки аз ҷониби ҳайати эҷодӣ омода гардида буд, ҳозиринро ба фарҳанги пурғановат, мероси маънавӣ, санъат ва анъанаи беназири халқи тоҷик шинос намуд. Мусиқии ноби тоҷикӣ, оҳангҳои дилнишин ва рақсҳои зебои духтарони тоҷик аҳли нишастро дар фазои зебо ва пурнишоти Тоҷикистон қарор дод” [9].

Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ва дигар кишварҳои узви ИДМ воқеан, барои сокинони ин мамолик ҳамчун ҷашни фарҳанг, саршор аз шодию тараб ва хушу хотирмон буданд. Перомуни санъату ҳунари миллати тоҷик ВАО-и ин мамолик матолиби зиёдеро интишор кард, ки боиси фахри ҳар тоҷику тоҷикистонӣ буд. Аҳли қалами мамолики ба мо дӯст мунсифонаву самимона аз санъату ҳунар ва адабиёти оламшумули миллати бостонии тоҷик дар сафҳаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо ва барномаҳои телевизиону радиои кишвари хеш изҳори андеша кардаанд.

Дар Тоҷикистон низ Рӯзҳои фарҳангии кишварҳои зикршуда дар сатҳи олӣ баргузор гаштанд, ки дар ВАО-и кишвари мо ҳамаҷониба бозтоб ёфтанд. Тӯли солҳои 2015 – 2018 Рӯзҳои фарҳангии чунин кишварҳои узви ИДМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шудаанд: Ҷумҳурии Белорус (16-19-уми октябри соли 2015), Ҷумҳурии Қирғизистон (16-20-уми ноябри соли 2016), Ҷумҳурии Ӯзбекистон (моҳи майи соли 2017), Федератсияи Россия (24-27-уми сентябри соли 2017), Ҷумҳурии Белорус (моҳҳои майи соли 2018), Ҷумҳурии Туркманистон (моҳҳои октябри соли 2018),Ҷумҳурии Ӯзбек истон (10-16-уми ноябри соли 2018). Албатта, ин ҳамкориҳо барои рушди босуботи соҳаи фарҳанги кишварҳои узви ИДМ заминае мусоид фароҳам меоварад.

Ҳамкориҳо миёни муассисаҳои илмӣ ва таълимии соҳаи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот, Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабшо Сатторов, Коллеҷи хореографии ба номи Малика Собирова, Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон, Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода ва дигар коллеҷҳои фарҳанг ва санъат, рассомӣ, хореографӣ, мактаб – интернатҳои миёнаи махсуси санъат ва мактабҳои бачагонаи мусиқӣ ва санъат имрӯз бо муассисаҳои ҳамному ҳаммақоми худ дар кишварҳои узви ИДМ ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи фарҳангӣ доранд.

Баргузор кардани озмунҳо, конфронсу фестивалҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ низ дар таҳкиму густариши робитаҳои фарҳангӣ бо давлатҳои дигар ва муаррифии санъату ҳунари ҳар қавму миллат нақши намоён дорад. Дар тӯли 30 соли мавҷудияти ИДМ, Тоҷикистон дар баргузор кардани фестивалу симпозиумҳои байналмилалӣ, дар сатҳи баланд, мавқеи шоён доштааст.

Ҳар сол чандин чорабиниҳои фарҳангӣ дар пойтахт ва дигар шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ доир мегардад, ки намояндагони давлатҳои дигар, ба вижа аҳли илму фарҳанги давлатҳои узви ИДМ дар ин чорабиниҳо бо маърӯзаҳои илмӣ, дастовардҳои ҳунарӣ ва барномаҳои фарҳангӣ ширкат

варзида, фарҳанги миллати хешро муаррифӣ мекунанд ва оид ба ҳамкориҳои фарҳангӣ санадҳо ба тасвиб мерасонанд. Дар доираи барномаи байналмилалии “Мероси Иттиҳод. Анъанаҳо барои оянда” бо иштироки 28 намоянда аз 8 кишвар, аз ҷумла Русия, Қазоқистон, Озарбойҷон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Арманистон, моҳи октябри соли 2021, дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон таҳти унвони “Санъати ороишӣ дар фазои ИДМ” баргузор шудани конфронси байналмилалӣ намунае аз чунин чорабиниҳои фарҳангии сатҳи баланд аст.

Воқеан, чунончи Директори Осорхонаи миллии Тоҷикистон А. Ибодуллозода навиштааст: “Дар ҷаҳони муосир осорхонаҳо дар ҳалли масъалаи ҳифз ва эҳёи анъанаҳои фарҳангии миллатҳои алоҳида ҷои махсусро ишғол мекунанд. Чунки онҳо на танҳо махзани мероси моддию маънавии ниёгони мардуми ин ё он минтақа мебошанд, балки ба доираи васеи тамошобинон нигаронда шудаанд”[3].

Албатта, ин гуна конфронсҳо метавонанд ҳам муассисаҳои фарҳангӣ ва ҳам фарҳанги миллии моро муаррифӣ кунанд, бар замми ин барои ҳамкориҳои минбаъдаи фарҳангӣ замина ба вуҷуд оранд.

Дар Донишкадаи фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода низ, дар ҳамин солу моҳ, дар доираи лоиҳаи грантӣ бо дастгирӣ ва кӯмаки Хазинаи ҳамкориҳои гуманитарии ИДМ (МФГС) Фестивали байналмилалии “Шарқ – Ғарб: анъанаҳои мусиқӣ ва ҳунарҳои мардумии Авруосиё дар фазои фарҳангии ИДМ” дар се самт – конференсияи байналмилалӣ, намоиши ҳунарҳои мардумӣ ва намоиши консерти арғунун баргузор гашт. Дар он 26 нафар олимон ва ҳунармандони соҳаи санъати мусиқӣ ва устоҳои ҳунарҳои мардумӣ аз муассисаҳои таҳсилоти олии ҳамкоридоштаи Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон ширкат варзиданд.

Бо ибтикори Пешвои муаззами миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 14 то 18 октябри соли 2022 дар Тоҷикистон Бозиҳои XVI Делфии ҷавонони давлатҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил баргузор гашт. Беш аз 500 нафар истеъдодҳои ҷавони аз 10 то 25-сола аз тамоми кишварҳои ИДМ ва 35 нафар ходимони шинохтаи санъату ҳунари ИДМ дар Бозиҳои XVI Делфӣ ширкат варзиданд.

Бозиҳо дар толорҳои муассисаҳои зертобеи Вазорати фарҳанг гузаронда шуданд, ки 7 номинатсия – фортепиано, скрипка, санъати тасвирӣ, сарояндаи академӣ, сарояндаи халқӣ, сарояндаи эстрадӣ, рақси халқӣ, созҳои нафасӣ, созҳои халқӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва 3 барномаи фестивалиро фаро гирифта буд.

Мавриди зикр аст, ки чунин ҳамоиш бор аввали дар ҷумҳурии мо баргузор гашт. Бозиҳои XVI Делфӣ Театри давалатии академии опера ва балети Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ баргузор гардид. Дар доири ин ҳамоиш, таҳти унвони “Бистсолагии Бозиҳои Делфии кишварҳои аъзои ИДМ, таърих ва дурнамо” дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон конференсияи байналмилалӣ баргузор гашт.

Иштирокдорони Бозиҳои XVI Делфӣ аз Осорхонаи миллии Тоҷикистон, Кохи “Наврӯз”, Майдони “Истиқлол”, Боғи “Ирам” ва дигар маконҳои фарҳангии шаҳри Душанбе дидан намуданд.

Ба хотири тарғиби санъати театрӣ, мусиқӣ ва ҳунарҳои мардумӣ фестивалҳои «Парасту», “Диёри ҳусн” (Тоҷикистон), “Таронаҳои Самарқанд”, “Шелк и спетсии” (Ӯзбекистон) , “Оймо” (Қирғизистон) ва ба ин монанд дар кишварҳои дигари узви ИДМ баргузор мегарданд.

Фестивал – озмуни “Парасту”, ки соли 1988 бо ибтикори Иттифоқи мустақили ходимони театрӣ созмон дода шуд, падидаи тоза ва рухдоди масарратбахш дар ҳаёти фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон буд. Дар фестивал – озмуни “Парасту” театрҳои кишвар бо намоишномаҳои беҳтарин ширкат варзида, сазовори таҳсину офарин аз сӯйи тамошобинон гардидаанд. Намоишномаҳои таҳиянамудаи коргардонҳои варзидаи тоҷик Мирзоватан Миров, Фаррух Қосимов, Барзу Абдураззоқов, Набӣ Ҷалолов ва чанде дигар на танҳо дар Тоҷикистон хуш пазируфта шуданд, балки дар мамолики дигари узви ИДМ низ аз ҷониби ҳаводорони санъати театрӣ ва ҳакамони озмунҳо баҳои баланд гирифтанд. “Парасту” дар таҳким ва густариши равобити фарҳанги миёни кишварҳои ИДМ нақши бузург бозидааст.

“Нахустин озмунҳои ҷумҳуриявии “Парасту”, фестивалҳои театрии байни ҷумҳуриҳои Осиёи марказӣ ва Қазоқистон – “Наврӯз”, ки таҳрикбахши санъати миллии театрии ин кишварҳо гаштанд, дар ҳаёти фарҳангии онон рӯйдоди тозае гардид. Ташаббускори Озмуни байналхалқии “Наврӯз” ҳам арбобони шинохтаи театри тоҷик Ҳабибулло Абдураззоқов ва Малика Ҷӯрабекова буданд. Ҳунарманди барҷастаи рус Крилл Лавров, ки он вақт раиси Иттифоқи ходимони театрии Иттиҳоди Шуравӣ буд, ин фикрро дастгирӣ карда, намоишномаҳои беҳтарини озмуни “Наврӯз”-ро ба чорабиниҳои гуногуни театрии Русия даъват намуд. Он вақт омаду рафт ва иштироки санъатшиносони русу украин, ӯзбеку қазоқ ва туркману қирғиз дар озмуни театрии ”Парасту” кори муқаррарие гардида буд ва барои пешрафти ҳамаҷонибаи театрҳои мо ёрии бузурге мерасонид”[4, с. 11-12].

Дар робита ба ҳамкориҳои кишварҳои узви ИДМ, аз ҷумла Осиёи Миёна бо Тоҷикистон дар самти ба тариқи муштарак пешниҳод ва сабт кардани намунаҳои беҳтарини фарҳангӣ дар рӯйхатҳои ЮНЕСКО ва таҷлили якҷояи санаҳои таърихию фарҳангӣ вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфия Давлатзода чунин навиштааст: “Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди олимони ҷомеашинос ва зиёиёни эҷодкор вазифа гузоштанд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ бо мақсади ҳифзи арзишҳои миллӣ, таъриху фарҳанг ва забону адабиёти миллати куҳанбунёдамон дар роҳи ба ҷаҳониён ҳар чӣ бештар муаррифӣ кардани таърих, тамаддун ва фарҳанги халқи тоҷик рисолати шаҳрвандиву миллиро ба таври шоиста иҷро намоянд. Ҳадаф аз ташаббусҳои Тоҷикистон дар бахши фарҳанг ва маориф дар ҳамкорӣ бо ниҳоди Созмони Милали Муттаҳид оид ба фарҳанг, илм ва маориф (ЮНЕСКО) таҳкими раванди муколама оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ, муаррифии таърихи қадимаи тоҷикон ва фарҳанги бостониву ғании миллатамон мебошад” [2].

Самараи ин ҳамкориҳои судманд аст, ки танҳо дар соли 2021, дар баробари номбандии муштараки «Роҳи бузурги абрешим: долони

Зарафшон — Қароқум», нуҳ мавзеи мероси таърихиву фарҳангии Тоҷикистон ба Рӯйхати муқаддамотии ЮНЕСКО ва бо пешниҳоди Тоҷикистон 2500-солагии шаҳраки қадимаи «Тахти Сангин» ба Рӯйхати ҷашнвораҳои ЮНЕСКО барои солҳои 2022-2023 ворид карда шуданд. Ҳамчунин 15 декабри соли 2021 аз ҷониби ЮНЕСКО боз як намунаи мероси фарҳанги миллии мо – «Фалак» ба Фехристи мероси фарҳанги ғайримоддии башарият шомил карда шуд.

Пеш аз ин, **«Мусиқии Шашмақом»** («Shashmaqom music») соли 2003 аз номи ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар рӯйхати «Шоҳкориҳои шифоҳӣ ва мероси фарҳангии ғайримоддии инсоният» («Masterpieces of the Oral and Intangible Cultural Heritage of Humanity») сабт гардид. Ҷашни Наврӯз соли 2010 бо қабули қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид мақоми байналмилалӣ касб кард.

Ҳуҷҷатҳои номинатсияи “Ҷашни Меҳргон” (муштарак бо ҶИ Эрон), соли 2020 номинатсияҳои “Рубоб” (муштарак бо ҶИ Эрон ва Ӯзбекистон), “Сада” (муштарак бо ҶИ Эрон), “Кашидадӯзӣ” (муштарак бо Ӯзбекистон ва Қазоқистон), “Латифаҳои Насриддин Афандӣ” (муштарак бо Туркия, Озарбойҷон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон) айни замон, дар дафтари ЮНЕСКО аз ҷониби мутахассисон мавриди омӯзиш қарор доранд.

Мероси фарҳанги моддиву ғайримоддии тоҷикон, ба вижа ҷашну маросимҳо, ки бархе аз онҳо, дар ҳамкорӣ бо мамолики дигар, ба Рӯйхати мероси фарҳангии башарият ворид шудаанд, на танҳо тоҷиконро ба ҳайси миллати бостонии соҳибтамаддун ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунад, балки дар боло бурдани ҳисси худшиносии миллии ҷомеа ва зуҳури ҳуввияти миллӣ нақши намоёну барозанда дорад.

Тавре фолклоршинос Дилшод Раҳимӣ зикр мекунад: “Воқеан, ҳуввияти миллӣ тавассути рамзу нишонаҳои миллӣ, такя кардан ба собиқаи таърихиву фарҳангӣ зуҳур меёбад. Ҷашну маросимҳо падидаи иҷтимоӣ – фарҳангии ҷомеа мебошанд, ки дар замонҳои қадим ба вуҷуд омадаанд ва бо тағйири сохту мундариҷаи худ садсолаҳоро паси сар карда, то ба имрӯз омада расидаанд. Ҷашну расму оинҳо ҳамчун намунаҳои фарҳанги миллӣ дирӯзу имрӯзи ҳаёти халқро ба ҳам мепайванданд ва барои ваҳдату ягонагӣ, сулҳу амонӣ, дӯстӣ, арҷгузории арзишҳои маънавӣ, тарбияву ахлоқ ва мустаҳкам шудани худшиносӣ воситаи муҳим мебошанд” [7, с. 5 - 6].

Бидуни шак, фарҳанг муаррифгари ҳар қавму миллати рӯйи олам буд, ҳаст ва хоҳад монд. Фарҳанг дар таҳкими дӯстиву ваҳдати халқҳои мамолики гуногун нақши барҷаста дорад. Густариши робитаҳои фарҳангии байни давлатҳо, аз ҷумла кишварҳои узви ИДМ тақозои ҳаёт аст. Дар ҷаҳони муосир ҳеҷ миллату давлате наметавонад бидуни робитаву ҳамкориҳои судманд бо миллату давлатҳои дигар, дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла фарҳанг, пеш равад ва ба дастовардҳои назаррасу арзишманд ноил гардад. Аз ин хотир, Тоҷикистон ҳамвора талош меварзад, то ҳамкориву равобиташро бо мамолики мухталифи дунё, ба вижа кишварҳои узви ИДМ тавсеа бахшад.

Адабиёт

1. Амиров, Р. Дастоварди бузурги байналмилалии фарҳанг дар даврони истиқлол / Р. Амиров // Паёмномаи фарҳанг. – 2016. – № 3 (35).– С. 3-12.
2. Давлатзода, З. Омили асосии тарбияи маънавию ахлоқии ҷомеа / З. Давлатзода // Садои мардум. – 2022. –2 апрел. – № 42 (4462).
3. Ибодуллозода, А. Санъати ороишӣ дар фазои ИДМ / А. Ибодуллозода // Адабиёт ва санъат. – 2021. – 28 октябр. – № 44 (2119) .
4. Маҳмадов, А. Парасту / А. Маҳмадов. – Душанбе, 2009. – 116 с.
5. Низомӣ. М. Дурахши фарҳанги ватан / М. Низомӣ // Адабиёт ва санъат.– 2022.– 5 октябр.– №40 (2167).
6. Орумбекзода, Ш. Истиқлолият таконбахши рушди фарҳанги миллӣ / Ш. Орумбекзода // Осор / Мураттиб Ш. Комилзода; муҳаррири масъул М. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2016. Ҷ. 3. – 480 с.
7. Раҳимӣ, Д. Наврӯз, Меҳргон ва ҷашнҳои дигари ниёгон / Д. Раҳимӣ. – Душанбе: Аржанг, 2018. – 304 с.
8. Раҳмоншоева, Б. Саҳми Пешвои миллат дар ташаккули фарҳанги миллӣ / Б. Раҳматшоева // Ҷумҳурият. – 2021. – 25 октябр. – № 213 (24 321).
9. Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Россия // Баҳори аҷам. – 2022. –26 октябр. – № 29-30 (614).
10. Шарифзода, М. Дар мавриди бархе аз ҷанбаҳои фаъолияти Театри давлатии опера ва балети ба номи С. Айнӣ дар марҳалаи ҳозира / М. Шарифзода // Паёмномаи фарҳанг.– 2023.– №1.– С. 58-64.
11. Шарофиддинова, А. Дӯстии ду сарвар асосгузоштаро пос дорем // Ҷумҳурият. – 2021. – 10 ноябр. – № 225– 226.

Давлатов Фармон

РАСШИРЕНИЕ КУЛЬТУРНЫХ СВЯЗЕЙ СО СТРАНАМИ-УЧАСТНИЦАМИ СНГ

В статье анализируются и обсуждаются культурные связи между Таджикистаном и странами-участницами СНГ и роль этих связей в развитии национальной культуры.

После распада Советского Союза отношения между новыми независимыми республиками во всех сферах общественной жизни, в том числе и в культуре, были прерваны. Независимые республики постепенно восстанавливали свои отношения в новой форме. В частности, Государство и Правительство Таджикистана под руководством Основоположника мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона после установления мира и спокойствия в стране восстановили свои отношения с различными странами мира, особенно с государствами-членами СНГ.

С первых лет независимости Таджикистан уверенно идет к реализации своих благородных национальных устремлений. После подписания Общего соглашения об установлении мира и национального согласия в Таджикистане начался новый этап развития различных сфер

общества. Наряду с другими сферами развивалась и культура, процветало культурное сотрудничество с различными странами мира, в том числе со странами СНГ.

Только в 2007 году было подписано несколько соглашений между Республикой Таджикистан и государствами-участниками СНГ, в том числе Казахстаном, Кыргызстаном, Ӯзбек истаном и Туркменистаном о сотрудничестве в области культуры и искусства в городах Душанбе, Бишкек, Ташкент и Ашхабад. В последующие годы в рамках культурного сотрудничества на высоком уровне были проведены Дни культуры Республики Таджикистан в Российской Федерации, Республиках Кыргызстан, Туркменистан, Ӯзбек истан и Беларусь, а также Дни культуры этих республик в Таджикистане.

Сегодня расширяются культурные связи и сотрудничество между Таджикистаном и государствами-участниками СНГ.

Ключевые слова: Таджикистан, СНГ, культура, искусство, национальные, отношения, отрасль, сотрудничество, театр, соглашение, развитие, прогресс.

Davlatov Farmon

EXPANDING CULTURAL LINKS WITH COUNTRIES MEMBERSHIP IN THE CIS

The article analyzes and discusses the cultural ties between Tajikistan and the CIS countries and the role of these ties in the development of national culture.

After the collapse of the Soviet Union, relations between the newly independent republics in all spheres of public life, including culture, were interrupted. The independent republics gradually restored their relations in a new form. In particular, the State and Government of Tajikistan, under the leadership of the Founder of peace and national unity - the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, Mr. Emomali Rahmon, after the establishment of peace and tranquility in the country, restored their relations with various countries of the world, especially with the CIS member states.

Since the first years of independence, Tajikistan has been confidently moving towards the realization of its noble national aspirations. After the signing of the General agreement on the establishment of peace and National Accord in Tajikistan, a new stage in the development of various spheres of society began. Along with other areas, culture also developed, cultural cooperation flourished with various countries of the world, including the CIS countries.

Only in 2007, several agreements were signed between the Republic of Tajikistan and the CIS member states, including Kazakhstan, Kyrgyzstan, Uzbekistan and Turkmenistan, on cooperation in the field of culture and art, in the cities of Dushanbe, Bishkek, Tashkent and Ashgabat. In subsequent years, within the framework of high-level cultural cooperation, the Days of Culture of the Republic of Tajikistan were held in the Russian Federation, the Republics of Kyrgyzstan, Turkmenistan, Uzbekistan and Belarus, as well as the Days of Culture of these republics in Tajikistan.

Today, cultural ties and cooperation between Tajikistan and the CIS member states are expanding.

Keywords: Tajikistan, CIS, culture, art, national, relations, industry, cooperation, theater, agreement, development, development.

ТДУ:9тоҷик+37тоҷик+398+78тоҷик+008+782/785

Нурматзода Ҳасан
Эшонов Мирзоҳабиб

СОЗҲОИ МУСИҚИИ ТОҶИКӢ ДАР КОЛЛЕКСИЯИ АВГУСТ ЭЙХГОРН ВА ОМӮЗИШИ ОН

Дар мақола созҳои мусиқии мардумони Осиёи Миёна, ки дар охири асри XIX аз ҷониби капейлместри артиши туркистонии Россияи подшоҳӣ Август Эйхгорн ҷамъоваришуда, айни замон дар Осорхонаи миллии мусиқии Россия нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд, мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

А. Эйхгорн дар гирдоварии созҳои мусиқии мардумони Осиёи Миёна бавижа тоҷикон саҳми назаррас гузоштааст.. Ӯ соли 1870 ба хизмати ҳарбӣ даъват гардида, бо хоҳиши худ ба Туркистон ҳамчун роҳбари оркестри нафасии гарнизони Сирдарё фиристода мешавад. А.Ф. Эйхгорн солҳои 1870-1872 миқдори зиёди созҳои мусиқии мардумони Осиёи Миёнаро ҷамъоварӣ менамояд.

Новобаста аз он ки дар номоиши байналмилалии шаҳри Вена созҳои мусиқии гирдовардаи ӯ гум мешаванд, аммо дубора боз аз Осиёи Миёна ҷамъварӣ менамояд. Дар мақола дар такя ба Феҳристи коллексияи созҳои мусиқии А. Эйхгорн (феҳристи мазкур соли 1885 аз ҷониби худи А.Эйхгорн таҳия шудааст) маълумоти боарзиш оварда шудааст.

Муаллиф доир ба таърихи омӯзиши созҳои мусиқии А. Эйхгорн назари иҷмолӣ намуда, дар заминаи баррасии асару мақолаҳои муаллифони ватанию хориҷӣ аз қабили А. Низомӣ, Б. Қобилова, Ф. Кароматов, М.З. Слобин, В.М. Беляев, Т.С. Визго, М.Т. Ҷонизода доир ба ӯ маълумоти илмӣ манзур доштааст.

Созҳои мусиқии тоҷикии аз ҷониби А. Эйхгорн ҷамъоваришуда дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нашудааст ва омӯзишу таҳқиқи ин коллексия дар марҳилаи ҷаҳонишавии фарҳангҳо аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик амри зарурист.

***Калидвожаҳо**: таърих, осорхона, созҳои мусиқӣ, фарҳанг, А. Эйхгорн, коллексия, этнография.*

Саҳми олим ва мусиқидон Август Фёдорович Эйхгорн (1844-1909) дар ҷамъоварӣ, омӯзишу муаррифии фарҳанги мусиқӣ, бахусус созҳои мусиқии мардуми тоҷик муассир аст. А. Ф. Эйхгорн аслан зодаи кишвари Олмон буда, дар Театри калони шаҳри Москва ба сифати скрипканавоз фаъолият намудааст. Соли 1870 ӯро ба хизмати ҳарбӣ даъват менамоянд ва бо хоҳиши худ ба Туркистон ҳамчун роҳбари оркестри нафасии гарнизони Сирдарё фиристода мешавад. А. Ф. Эйхгорн солҳои 1870-1872

миқдори зиёди созҳои мусиқии мардумони Осиёи Миёнаро ҷамъоварӣ менамояд [5, с. 344]. Соли 1872 дар Осорхонаи политехникии шаҳри Москва дар доираи намоиши махсуси этнографӣ, ки аз ҷониби Кумитаи Туркистон омода гардида буд, созҳои мусиқии гирдовардаи А. Эйхгорн ба намоиш гузошта мешаванд. Бинобар ба гузориши мусиқишинос Т.М. Ҷонизода, пас аз соле ин созҳо барои намоиш ба Осорхонаи Вена бурда мешаванд, вале, мутаассифона, баъд аз намоиш дар осорхонаи мазкур аз ҳамон ҷо нопадид мегарданд ва А. Эйхгорн боз дубора ба ҷамъоварии созҳои мусиқӣ машғул мешавад [2, с.12].

Коллексияи созҳои мусиқии дубора аз Осиёи Миёна гирдовардаи А. Эйхгорн соли 1885 дар Осорхонаи Ф. Патекаи шаҳри Санкт-Петербург ба намоиш гузошта мешавад. Аз сарчашмаҳои муҳиме, ки доир ба коллексияи нахустини созҳои мусиқии А. Эйхгорн маълумот медиҳад «Албоми Туркистон» мебошад [7]. Коллексияи созҳои нахустини ҷамъоваринамудаи А. Эйхгорн 15 ададро дарбар гирифтааст, ки аз қабили рубоби тоҷикӣ (бадахшонӣ-афғонӣ), най, сурнай, карнай, тарелка, балабон, духул, ғижак, доира, ҷуфтнағора, танбӯр, дутор, қобуз, қайроқ (ду ҷуфт) дар албоми мазкур ворид шудаанд [7, с. 82]. Муҳимияти ин албом дар инъикоси таърихи фарҳанги мусиқӣ ва созҳои мусиқии мардуми тоҷик аз он иборат аст, ки навозандагон дар он бо номҳои “танбӯрӣ”, “сурнайӣ”, “ғижакӣ”, “найи сарбозӣ”, “қӯшнайӣ”, “дуторӣ”, “наҚорачӣ” ва бо овардани аксашон собит шудаанд. Пайдост, ки сафари якуми фаъолияти капелмейстрии А. Эйхгорн на танҳо дар шаҳри Тошкент, инчунин дар шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Қӯқанд, Панҷакент, Конибодом низ сурат гирифтааст ва акси созҳои коллексияи нахустини ӯ гувоҳи он аст, ки қисми зиёди созҳо аз тоҷикон ҷамъоварӣ шудаанд. Ҳамчунин аз номи созҳо низ бармеояд, ки онҳо ба мардуми тоҷик рабт доранд.

Коллексияи созҳои мусиқии дубора ҷамъоваринамудаи А. Эйхгорн то имрӯз дар Осорхонаи миллии мусиқии Россия ба номи М. Глинка дар шаҳри Москва нигоҳдорӣ ва ба намоиш гузошта мешаванд.

Ин ҷо доир ба коллексияи созҳои мусиқии А.Эйхгорн каме равшанӣ меандозем, чунки дар таҳқиқи коллексияи мазкур бархе аз муҳаққиқон ба иштибоҳу ноадолатии илмӣ роҳ додаанд ва ба тоҷикон мансуб будани қисме аз созҳои мусиқии коллексия ӯро инкор намудаанд.
Соли 1885 аз ҷониби А. Эйхгорн феҳристи «Коллексияи созҳои мусиқии мардуми Осиёи Миёна» дар ҳаҷми 16 саҳифа ба нашр расидааст, ки аз 4 бахш иборат аст:

- Созҳои мусиқии тории қирғизҳо ва дигар қавмҳои муғултабор.
- Созҳои мусиқии сокинони Туркистон, Қошғар, Қӯқанд, Афғонистон, Бухоро ва Хива.
- Созҳои нафасии сартҳо (Туркистон).
- Созҳои мусиқии зарбӣ [9].

Бахши якуми феҳристи мазкур 11 адад сози мусиқӣ, аз ҷумла 3 адад думбра, 3 қобуз, 3 адад сози най бо номи сибизг(а)ӣ ва 1 сози нафасии мисини курайро фаро мегирад, ки аз мардуми қирғиз ҷамъоварӣ шудааст [9, с. 6].

Дар бахши дуюми феҳрист 13 адад созҳои мусиқии зерин:

Як дутор аз дуторнавози машҳур аз Тошкент.

Як сетор аз Каримбой, ки ин сеторро хони Қӯқанд Худоёрхон менавохт ва ба Каримбой туҳфа намудааст.

Як чортор аз навозандаи шуғнонӣ (Бадахшон).

Як панҷтор аз Кобулистон.

Як шаштор аз навозандаи машҳури дарбори Бухоро.

Як ситор аз Қошғар.

Як ғижак (камонча) аз навозандаи андиҷонӣ, инчунин як ғижак аз навозандаи қипчоқ-қирғиз (воҳаи Тиёншон).

Ду рубоби бадахшонӣ аз навозандаи дарбори Бухоро ва як рубоби ороишии бадахшонӣ аз шахси сарватманд.

Як рубоби тоҷикӣ (бадахшонӣ) аз Кобул.

Як сози мусиқии 8-тораи ғижак (ин сози мусиқиро А. Эйхгорн “бива” номидааст) ва як қонун аз Қошғар гирдоварӣ шудаанд [6, с. 10].

Бахши сеюми феҳристро А. Эйхгорн ба гурӯҳи созҳои нафасии сартҳо (Туркистон) бахшидааст, ки 7 адад аст, аз ҷумла 1 сурнай, чуноне ки А. Эйхгорн шарҳ додааст, аз як форси осиёимиёнагӣ (шояд тоҷики Бухоро бошад), 1 сарбознай аз сарбози навозандаи дарбории қӯқандӣ (дар танаи ин сози мусиқӣ бо хати форсӣ «Мулло Рӯзӣ Муҳаммад, 1296 (солшумории ҳиҷрӣ)» навишта шудааст [2, с. 12]. Инчунин як сарбознайи мисин аз навозандаи сарбози дарбории бухороӣ (дар бадани ин соз «Соҳиб Исмоили наҚорачии андиҷонӣ» навишта шудааст), 1 қӯшнай (ҷуфтнай) аз Туркистон, 1 бӯқ аз шохи бузи кӯҳӣ бо номи рог аз Урганҷи вилояти Хоразм, 1 карнай аз сокинони Осиёи Марказӣ ва 1 каҷкарнай аз як бухороӣ ҷамъоварӣ намудааст. Аз навиштаҳои созҳои нафасии дар боло ишорашуда бармеояд, ки навозандагони ин созҳо, чунончи муҳаққиқ Т. Ҷонизода дарёфтааст, тоҷиканд ва ба назари мо низ ба тоҷикон мансубият доштани ин созҳои мусиқӣ бебаҳс аст.

Дар бахши чоруми феҳристи А. Эйхгорн 8 адад созҳои зарбӣ ишора шудааст, аз ҷумла 1 доира бо номи чирманда аз сартҳо, 1 нағора аз кишвари Туркистон, 1 сафаил аз Қошғар, 1 сагак (сози зарбии мисини лаълишакл) аз Ҳиндустон, 1 чиндавул (чанбара) аз Афғонистон, 1 лабчанг аз духтари тоҷик бо номи Парӣ Мулло [9, с. 14].

Созҳои мусиқии зикршуда айнан аз феҳристи тартибдодаи А. Эйхгорн оварда шудаанд [9, с. 14]. Ҳадаф аз пурра дарҷ намудани феҳристи созҳои мусиқии А. Эйхгорн таҳлили навиштаҳои муҳаққиқон доир ба кори ҷамъовардаи ӯ аст. Мавриди таъкид аст, ки муҳаққиқон ба фаъолияти А. Эйхгорн нисбат ба ҷамъоварӣ ва омӯзиш созҳои мусиқии мардумони Осиёи Миёна, махсусан тоҷикон баҳои воқеӣ додаанд. Воқеан коллексияи ӯ барои омӯзиши фарҳанги мусиқии мардумони Осиёи Миёна аҳамияти хосса дорад.

Бинобар таъкиди М.Т. Ҷонизода, доир ба кори омӯзишии А. Эйхгорн ҳанӯз соли 1917 дар мақолаҳои илмӣ вобаста ба этнографияи мусиқии Осиёи Миёна дар “Рӯзномаи мусиқии русӣ” (муҳаррир мусиқишиноси рус Н. Финдейзен (1868-1928] гузориш ба нашр расидааст. Муаллифи ин гузориш В.А. Чешихин (1865-1934) аст, ки ба ӯ Н. Финдейзен нусхаҳои аслии асарҳои А. Эйхгорнро пешниҳод кардааст. Ӯ ба фаъолияти капелмейстерии А. Эйхгорн дар Тошканд баҳои баланд дода, ӯро дар радифи С.А. Фамитсин (1841-1896), С.П. Мелгунов (1879-1856) ва дигар муҳаққиқони маъруфи рус баргузидааст [2, с.12].

Замоне ки А. Эйхгорн созҳои мусиқии мардумони Осиёи Миёнаро ҷамъоварӣ менамуд, дар байни халқиятҳои ин минтаҚа марзбандии сиёсию ҷуғрофӣ вуҷуд надошт. Вале баъд аз марзбандии сиёсию ҷуғрофии соли 1924 дар Осиёи Миёна аз ҷониби бархе аз муҳаққиқон коллексияи созҳои мусиқии А. Эйхгорн ба ин ё он миллати Осиёи Миёна мансуб дониста шудаанд.

Яке аз пажӯҳишгароне, ки доир ба рӯзномаи А. Эйхгорн ва коллексияи ҷамъоваринамудаи ӯ гузориш навиштааст, мусиқишинос В.М. Беляев (1888-1968) мебошад.

Китоби В.М. Беляев “Илми фолклоршиносии мусиқӣ дар Ӯзбекистон (сабтҳои аввал), Август Эйхгорн, асарҳои мусиқии этнографӣ” [8] ном дорад. Муҳтавои асосии ин асар, асосан аз ду маҚолаи дастнависи А. Эйхгорн иборат аст. МаҚолаи аввалро А. Эйхгорн дар Санкт-Петербург соли 1888 аз матни “ Lieder und Gesange der Volker Zentral-Asients nebst sonstigen, ihre Muzik betreffenden Notizen, von August Eichhorn. 1-ter Theil: “Kirghiesen”/ Осорхонаи миллии мусиқии Россия Ф.340, нусхаи ягона 1497 гирифтааст. Қисми якум, ки ба мусиқии қирғизҳо (ОММР.Ф.340, нусхаи ягонаи 1498) бахшида шудааст, ба китоби В.М. Беляев бе тағйирот ва бо номи ҳаммонанди “Мусиқии қирғизҳо”ворид шудааст [2, с. 10]. Қисми 2-юми кори А. Эйхгорн ба мусиқии сокинони шаҳрҳои Туркистон, ки он замон “сартҳо” номида мешуданд, бахшида шудааст. Воқеан, дар дастхати мазкур муаллиф на “ӯзбек он” балки, доимо дар бораи “мардуми маҳаллӣ” ё “зодагони Осиёи Миёна”, сокинони шаҳрҳо ба таври умумӣ “сартҳо” (бо ибораи А. Эйхгорн - Sard, sardischen), созҳои мусиқӣ ва анъанаҳои он сухан мегӯяд. Маводи ин маҷмуа ва ҳамчунин дафтари дастхатҳои А. Эйхгорн (ОММР.Ф.340, нусхаи ягона 143) ва навиштаҳои ҷудогона (ОММР.Ф.340, нусхаи ягона 1500) мутобиқ бо мақсади А. Эйхгорн аз ҷониби В.М. Беляев ба фасли алоҳида, вале бо номи “Мусиқии ӯзбекҳо” радабандӣ шудааст [8, с. 97]. Чунин номгузорӣ, пас аз таъсис ёфтани Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Ӯзбекистон, ки он замон А. Эйхгорн дар ин кишвар зиндагӣ мекард, сурат гирифтааст, ҳарчанд фаъолияти эҷодии ӯ минбаъд дар кишварҳои Қазоқистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон идома ёфтааст. Ҳамин тариқ, намунаҳои мусиқӣ ва тавзеҳоти А. Эйхгорн, ки аз ҷониби М. Беляев нашр шудаанд, таҷассумгари фаъолияти мусиқии на танҳо ӯзбек ҳо, балки тоҷикон низ мебошад, ки дар шаҳрҳои қадимаи Самарқанду Бухоро сукунат доштанд. М. Беляев дар пажӯҳишҳои майдонии кишварҳои Осиёи Миёна ширкат накардааст. Аз ин рӯ қисме аз навиштаҳояш дар заминаи корҳои дигарон шакл гирифта баҳсталабанд.

В.М. Беляев ба асари А. Эйхгорн бахшидаи худ “Маҷмуи пурраи созҳои мусиқии халқҳои Осиёи Миёна”, ки соли 1885 ба нашр расидааст, бо баъзе тағйирот ва иловаҳо дохил намудааст. Аз ҷумла ӯ бахши сеюми феҳристи тартибдодаи А. Эйхгорнро, ки “Созҳои мусиқии сартҳо” унвон доштааст, тағйир дода, “Созҳои мусиқии ӯзбекон” ном ниҳодааст [8, с. 192].

Мн муносибати В.М. Беляевро санъатшиноси тоҷик А. Низомӣ чунин шарҳ додааст: “Маҷмуаи созҳои мусиқии А. Эйхгорн, ки бо номи

“Мусиқии сартҳо” номнавис шудааст”, аз эҳтимол холӣ нест, ки аз ҷониби В.М. Беляев зери таъсири ашхоси бегона қасдан “Мусиқии ӯзбекон” шарҳ дода шудааст” [5, с. 344].

Санъатшиноси дигари тоҷик, доктори илмҳои таърих Б.Т. Қобилова бо такя ба таҳқиқоти мусиқишинос Т. М. Ҷонизода нисбат ба навиштаи В.М. Беляев қайд кардааст, ки “осори гаронарзиши А. Эйхгорн аз ҷониби В.М. Беляев ба таври сатҳӣ таҳқиқ шуда, ӯ маҷмуаи А. Эйхгорнро бе шарҳу далел ислоҳ намудааст ва як қисми онро, ки аз ҷониби А. Эйхгорн бо номи “Мусиқии сартҳо” сабт шуда буд, “Мусиқии ӯзбек он” номгузорӣ кардааст” [3, с. 14].

Дастнависи китоби мазкур дар ибтидо “Эйхгорн Август маводи мусиқиву этнографӣ” ном дошта, дар охир ба он “Илми фолклоршиносии мусиқӣ дар Ӯзбекистон (сабтҳои аввал)” илова шудааст. Дар натиҷа асари А. Эйхгорн дар шакли дигар ва ҳаддалимкон маҳдуд пешкаш шуда, барои омӯзиши таърихи мусиқии тамоми минтақа, чуноне ки онро А. Эйхгорн дар назар дошт, истифода нашудааст.

Қатъи назар аз он, ки омӯзиши дастхатҳои А. Эйхгорн аз ҷониби В.М. Беляев шаҳодати фаъолияти босамари ин капелмейстер мебошад, баъзе олимони хориҷӣ ба арзиши баланди осори ин мусиқишинос (яъне В. Беляев) шак овардаанд. Чунончи, олими мусиқашинос М. Злобин, ки мутахассиси мероси мусиқии Осиёи Миёна ба шумор меравад, баъди шиносоӣ бо китоби В.М. Беляев дар бораи А. Эйхгорн дар яке аз мақолаҳои худ ин таҳқиқро рӯякӣ ва беасос арзёбӣ кардааст. Тибқи андешаи ӯ, таҳқиқи А. Эйхгорн дар ин соҳа “дар ҳақиқат омӯзиши васеъ дар мусиқии миллӣ дар давраи тоинқилоб аст. Дар ин маврид А. Эйхгорн гузориши хуб, вале хеле соддалавҳона пешкаш мекунад” (Slobin.Zentralasien, 244) [9]. Шояд сабаби ин интиқод ҳамзамон дар нодуруст баҳо додани фаъолияти А. Эйхгорн аз тарафи олимони шуравӣ, ба мисли В.М. Беляев, Б.Г. Ерзакович ва дигарон бошад. Зеро муҳаққиқони шуравӣ ба ҳусни кори А. Эйхгорн аҳамият надода, балки баръакс кӯшидаанд, ки “хатоҳо”-и ӯро нишон диҳанд ва бо ин мақсад бе ягон асос матнҳои ӯро “ислоҳ” кардаанд.

Ба ғайр аз таҳқиқи В.М. Беляев дастхатҳои А. Эйхгорн дар корҳои илмии шогирд ва ёрдамчии В.М. Беляев дар мавриди нашри намунаҳои осори мусиқии А. Эйхгорн дар китоби муҳаққиқ Ф.М. Кароматов “Мусиқии созии ӯзбек” истифода шудаанд. Дар он Ф. Кароматов натиҷаҳои таҳқиқи худро бо истифодаи намунаҳои созҳои мусиқӣ аз фаъолияти илмию таҳқиқии А. Эйхгорн комил кардааст [4]. Махсусан, аз маҷмуаи осори А. Эйхгорн пажуҳишгар Ф. Кароматов созҳои зарбии қӯшнаҒора, сафоил, созҳои нафасии най, дунай, сурнай ва карнай, созҳои тории дутор, рубоби афғонӣ (бадахшонӣ, тоҷикӣ)-ро бе нишондоди оне, ки ба кадом коллексия мансубанд, истифода намудааст, ки ин албатта нодуруст аст. Чунки баъзе созҳои мусиқие, аз қабили рубоби тоҷикӣ (афғонӣ), ки ба мардуми туркзабон, махсусан ӯзбекон ягон алоқамандӣ надоранд, дар китоби Ф. Кароматов ҳамчун созҳои мусиқии ӯзбек тавзеҳ ёфтааст [4, с. 140].

Яке аз таҳқиқгароне, ки доир ба коллексияи созҳои мусиқии А. Эйхгорн маълумот додааст, мусиқишиноси рус Т.С. Визго мебошад. Соли 1980 аз ҷониби Т.С. Визго (1906-1998) очерке бо номи

«Музыкальные инструменты Средней Азии» [1] нашр гардидааст, ки дар он маводи марбут ба фарҳанги мусиқии мардумони Осиёи Миёна ба табъ расонида шудааст. Дар ин очерк доир ба созҳои мусиқии мардуми Осиёи Миёна вобаста ба давраҳои таърихӣ, ки дар осорхонаҳо ҷамъоварӣ гардидаанд, маълумоти муфид дода шудааст. Очерк аз се боб иборат аст:

Созҳои мусиқӣ дар осори фарҳанги моддӣ (ҳаз. III то мелод-асри IX мелодӣ).

Созҳои мусиқии давраи феодалӣ дар асоси дастхатҳо ва тасвироти деворнигораҳо ва минётураҳо (IX - XV мелодӣ).

Созҳои мусиқии Осиёи Миёна дар охири асри XIX ва аввали асри XX.

Дар боби сеюми китоб оид ба коллексияи созҳои мусиқие, ки аз ҷониби шарқшиносон И.И. Зарубин, А.Н. Самойлович, К.Н. Росет, И.И. Рачинский ва А. Ф. Эйхгорн гирдоварӣ шудаанд, маълумот пешниҳод гардидааст.

Визго Т.С. дар очерки таърихиаш мухтасаран созҳои мусиқии ба коллексияи А. Эйхгорн мансубро бо истифода аз феҳристи худи А. Эйхгорн [9] ва китоби В.М. Беляев [8, с. 192] таҳқиқ намуда, акси 18 адади онро дар китоби худ овардааст. Ҳарчанд Визго ҳангоми таҳлили созҳои мусиқии коллексияи А. Эйхгорн бо истифода аз маводи бостоншиносии мансуб ба фарҳанги мусиқӣ, қадимӣ будани онҳоро таҳлил намудааст, аммо ӯ сарчашмаи ҷамъоварии созҳои А. Эйхгорнро мукаммал наомӯхтааст ва доир ба мансубияти маконии созҳо маълумоте ҳам ишора накардааст [1].

Маҷмуи пурраи созҳои мусиқии халқҳои Осиёи Миёнаи А. Эйхгорн ва шарҳи он то ҳол ба таври алоҳида таҳқиқ нашудааст. Қобили зикр аст, ки танҳо баъзе созҳои мусиқии ин маҷмуъ дар таҳқиқоти марбут ба фарҳанги созҳои мусиқии Осиёи Миёна ба таври мухтасар гоҳо ҷой дода шудаанд.

Ягона асаре, ки доир ба маҷмуи созҳои ҷамъкардаи А. Эйхгорн маълумоти нисбатан комил медиҳад, таҳқиқи М.Т. Ҷонизода мебошад. Соли 2013 китоби ӯ бо номи “Фарҳанги мусиқии Туркистони Россия” нашр гардид, ки ба осори ҷамъоваринамудаи А. Эйхгорн бахшида шудааст. Асари М.Т. Ҷонизода ягона таҳқиқе маҳсуб меёбад, ки коллексияи созҳои мусиқии А. Эйхгорнро вобаста ба таърихи созҳои мусиқии халқҳои Осиёи Миёна то дараҷае ба таври васеъ шарҳ додааст [2].

Китоби мазкур аз 3 бахш иборат буда, бахши якуми он ба “осори мусиқӣ-этнографии гирдовардаи А.Ф. Эйхгорн ҳамчун ҳуҷҷат доир ба таърихи фарҳанги мусиқии халқҳои Осиёи Миёна дар охири асри XIX” бахшида шудааст. Дар ин боб ба фаъолияти мусиқӣ-этнографии А.Ф. Эйхгорн дар Осиёи Миёна маълумоти муфассал дода шудааст. Бахши дуюми китоб маҷмуи созҳои мусиқии А. Эйхгорнро фаро гирифта, дар он созҳои мусиқӣ пурра тавсиф шудаанд. Инчунин аксҳои ҳангоми омӯзиши анъанаҳои мардуми Осиёи Миёна, махсусан тоҷикон гирифтаи А. Эйхгорн дар ин бахш бозчоп шудаанд. Дар ин аксҳо анъанаҳои иҷроии тоҷикон бо номҳои “Бача”, “Тамошо”, “Базм” ва амсоли ин рангинии мусиқии тоҷиконро ифода мекунанд. Дар китоби В.М. Беляев ҳамаи ин анъанаҳои тоҷикӣ ба мусиқии ӯзбекон мансуб дониста шудааст [8, с. 97-

160]. Дар бахши сеюми китоб рӯзномаи фаъолияти капелмейстрии А. Эйхгорн дар Осиёи Миёна дар солҳои 1870-1872 қайд гардидааст. Инчунин Т. Ҷонизода дар китобаш акси нахустин созҳои ҷамъоваринамудани А. Эйхгорнро (солҳои 1971-1972) ҷой додааст. Бо вуҷуди ин муаллиф дар шарҳи истилоҳи бархе аз созҳои мусиқии тоҷикии коллексияи А. Эйхгорн ба иштибоҳ роҳ додааст. Аз ҷумла ӯ яке аз сурнайҳои коллексияи А. Эйхгорнро бо номи “зурна” тавсиф намуда, қайд кардааст, ки “зурна” (сурно-surno) аз решаи тоҷикии “зӯр” (ин ҷо ба маънои “қувва”) ва най аз қамиш, найшакар гирифта шуда, маънои “найи пурқувват”-ро дорад, ки ин ақида албатта хато аст. Дар ибтидо муаллиф номи сурнайро бо ҳамин ном ҳамчун истилоҳи форсӣ-тоҷикӣ баён кардааст, вале азбаски русҳо сурнайро зурна мегӯянд, бинобар ин, Т.М. Ҷонизода низ мавҳуми “сур”-ро дар навиштааш ба “зур” табдил додааст [2, с. 160]. Дар фарҳанги забони тоҷикӣ калимаи “сур” ба маънои шодӣ омадааст. Яъне сурнай маънои найи шодӣ ва хурсандиро ифода мекунад.

Чуноне ки аз таҳқиқи маҷмуаи осори мусиқии мероси А. Эйхгорн, махсусан коллексияи созҳои мусиқии ӯ пайдост, воқеан ин осори арзишманд аз ҷониби пажуҳишгарон комил таҳқиқ наёфтааст. Барои воқеӣ баҳо додани фаъолияти капелмейстер-ичроию этнографии А. Эйхгорн, ба андешаи ин ҷониб, боз ҳам дақиқтар омӯхтани ин мавзуъ басо муҳиму муфид мебошад.

Адабиёт

1. Вызго, Т.С. Музыкальные инструменты Средней Азии / Т. С. Вызго. – М.: Музыка, 1980. – 191 с.

2. Джани-заде, М. Т. Музыкальная культура Русского Туркестана. (По материалам музыкально-этнографического собрания Август Эйхгорна, военного капельмейстера в Ташкенте 1870-1883гг.) Каталог-исследование / М. Т. Джани-заде. – М., 2013. – 336 с., илл

3. Кабилова, Б. Т. История музыкальной культуры Таджикистана в 1917-1957 годы: Дисс. док. истор. наук / Кабилова Бахринисо Туйчиевна. – Душанбе, 2016. – 293 с.

4. Кароматов, Ф. Ӯзбек ская инструментальная музыка (наследие) / Ф. Кароматов. – Ташкент, 1972. – 360 с.

5. Низомӣ, А. Таърихи мусиқии тоҷик / А. Низомӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – 362 с.

6. Нурматзода Ҳ. Созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар Омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик / Автореф. дисс. номзади илмҳои таърих. – Душанбе, 2019. – 28 с.

7. Туркестанский альбом: по распоряжению генерал-губернатора генерал-адьютанта Константина Петровича фон Кауфмана 1-го Ч.2: Этнографическая / Составитель А. Л. Кун. – СПб.: Лит. Воен. Типография отдела Туркистанского Военного Округа, 1971-1972. – 87 с.

8. Эйхгорн, А. Музыкальная фольклористика в Ӯзбек истане. Музыкально-этнографические материалы (первые записи) / А. Эйхгорн. – Ташкент, 1963.

9. Эйхгорн, Август Федорович. Полная коллекция музыкальных инструментов народов Центральной Азии А.Ф. Эйхгорна (бывшего военного капельмейстера в Ташкенте) : Каталог / [А.Ф. Эйхгорн]. - Санкт-Петербург : тип. Ю. Штауфа, (И. Фишона), 1885. – 16 с.

10. Slobin, Mark. Zentralasien // Aussereuropaische Musik in Einzeldarsteiiungen. Kassel, Basel, London; dtv. Brenreiter, edition MGG, 1980.

Нурматзода Хасан
Эшонов Мирзохабиб

ТАДЖИКСКИЕ МУЗЫКАЛЬНЫЕ КОМПОЗИЦИИ В КОЛЛЕКЦИИ А. ЭЙХГОРНА И ЕЁ ИЗУЧЕНИЕ

В статье исследована история создания, сохранения и изучения коллекции музыкальных инструментов народов Средней Азии, собранные в конце XIX века капейлместром туркестанской армии царской России Августом Эйхгорном, которые в данное время представлены и хранятся в Национальном музыкальном музее России.

А. Эйхгорн внес значительный вклад в сбор коллекции музыкальных инструментов народов Средней Азии, особенно таджиков. В 1870 году он призывается на военную службу и добровольно направляется в Туркестан руководителем духового оркестра Сырдарьинского гарнизона. В 1870-1872 годах А.Ф. Эйхгорном было собрано большое количество музыкальных инструментов народов Средней Азии.

Несмотря на то, что собранные им музыкальные инструменты были утеряны в Вене на международной выставке, он второй раз собирает их из Средней Азии. В статье на основе Каталога коллекции музыкальных инструментов А. Эйхгорна (каталог был создан в 1885 году самим А. Эйхгорном) дана ценная информация.

Автор, обращая внимание к историю изучения музыкальных инструментов А. Эйхгорна, подвергает исследованию произведения и статьи отечественных и зарубежных ученых, таких как А. Низами, Б. Кобиловой, Ф. Кароматова, М. З. Слобина, В.М. Беляева, Т.С. Визго, М.Т. Джонизода и в этом направлении предлагает свою точку зрения.

Таджикские музыкальные инструменты, собранные А. Эйхгорном, до сих пор не были изучены на должном уровне, а изучение и исследование этой коллекции таджикскими исследователями на этапе глобализации культур считается необходимым.

Ключевые слова: история, музей, музыкальные композиции, культура, А. Эйхгорн, коллекция, этнография.

Nurmatzoda Hasan,
Eshonov Mirzohabib

TAJIK MUSICAL INSTRUMENTS IN THE A. EICHHORN COLLECTION AND HIS STUDY

The article explores the history of the creation, preservation and study of musical instruments of the peoples of Central Asia, collected at the end of the 19th century by the capeilmeister of the Turkestan army of tsarist Russia August Eichhorn (1844-1909), which are now presented and stored in the National Music Museum of Russia,

A. Eichhorn made a significant contribution to the collection of musical instruments of the peoples of Central Asia, especially the Tajiks. In 1870, he was called up for military service and voluntarily sent to Turkestan as the head of the brass band of the Syrdarya garrison. In 1870-1872 A.F. Eichhorn collected a large number of musical instruments of the peoples of Central Asia.

Despite the fact that the musical instruments he collected were lost in Vienna at an international exhibition, he is collecting them for the second time from Central Asia. The article, based on the Catalog of the collection of musical instruments by A. Eichhorn (the catalog was created in 1885 by A. Eichhorn himself), provides valuable information.

The author, drawing attention to the history of the study of musical instruments by A. Eichhorn, subjects to the study the works and articles of domestic and foreign scientists, such as A., Nizami, B. Kobilova, F. Karomatov, M. Z. Slobin, V.M. Belyaeva, T.S. Vizgo, M.T. Jonisoda also offers his point of view in this direction.

Tajik musical instruments collected by A. Eichhorn have not yet been studied at the proper level, and we consider it necessary to study this collection by Tajik researchers at the stage of globalization of cultures.

Keywords: history, museum, musical instruments, culture, A. Eichhorn, collection, ethnography.

ТДУ: 002+05+07+82тоҷик+620+621.3(575.3)

Муродӣ Мурод

ТАҲҚИҚИ ПУБЛИТСИСТИИ НБО-И РОҒУН (дар заминаи маводи «Садои Шарқ» – 1974-1990)

Дар мақола инъикоси раванди корҳои омодасозӣ ва бунёдкорӣ дар сохтмони азими НБО-и Рогун дар маҷаллаи миллии адабии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон – «Садои Шарқ» мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Раванди омодагӣ ва бунёди ин сохтмони азим таваҷҷуҳи рӯзноманигорон, публитсистон ва адибонро ҷалб намуда, дар саҳифаҳои «Садои Шарқ» асарҳои зиёде ба чоп расонида шудаанд.

Аввалин маводи ин маҷалла доир ба сохтмони Неругоҳи барқи обии Рогун матлаби Михаил Табачников «Акси садо» буда, баъдан асарҳои ҳамин муаллиф «"Рогун" бунёд мегардад», «Давраи Ҷустуҷӯ», «Ибтидои роҳ», «Одамони нави Рогун», Я. Налский «Ҷавонии Рогун», М. Хоҷаев «Роҳи Рогун дигар аст», Н. Савченко «Фурсат ганимат», А. Нозиров «Дар бунёдгоҳи нур», Р. Аҳмадов, С. Фатҳуллоев «Оҳангҳои Рогун», Р. Мардон «Зинаи сеюми инкишоф», Х. Муҳаббатов «Нодон мурдаву доност зинда» тӯли солҳои гуногун дар ин нашрия ба табъ расидаанд.

Ин асарҳо бо вуҷуди вижагиҳои хос ба ҳам наздиканд. Аглаби онҳо дар руҳияи набзи замон, мушоҳидаҳои бевоситаи муаллифон ва дар асоси факту арқом ва асноди илмӣ навишта шудаанд. Муаллифон на танҳо ба раванди корҳои инфрасохторӣ (инфраструктура) таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, балки мушкилоту монеаҳои татбиқи лоиҳаро низ мавриди баррасиҳои публитсистӣ қарор додаанд. Онҳо НБО-и Рогунро давоми мантиқӣ ва бевоситаи сохтмони НБО-и Норак ҳисобида, таҷрибаи гании аз бунёди ин неругоҳ ҳосилшударо ҳамчун мактаби бузург арзёбӣ намудаанд.

«Садои Шарқ» сол то сол доманаи мавзуи сохтмони неругоҳи барқи обии Рогунро вусъат бахшида, паҳлуҳои гуногуни онро дар қолаби жанрҳои публитсистиву бадеӣ инъикосу таҷассум намудааст. Асарҳои марбут ба ин мавзуъ инъикоскунандаи воқеиятҳои тақдирсози Тоҷикистон буда, на танҳо аз раванди ҷустуҷӯву талош ва азми бунёдкориҳо дар сохтмони пурҳашамати НБО-и Рогун шаҳодат медиҳанд, балки аз неруи баланди инсонӣ, ахлоқу рафтори ҳамида, дӯстиву рафоқати мардуми гуногунмиллат ва фарҳангу ахлоқи волои одамӣ дарак медиҳанд, ки омӯзишу пажуҳишашон арзандаи таҳқиқи рисолавӣ аст.

Калидвожаҳо: *«Садои Шарқ», мавзуъ, сохтмони азим, НБО-и Рогун, раванди бунёдкориҳо, инъикос, тасвир, жанр, очерк, таҳлил, таҷассум.*

Сохтмони неругоҳи барқи обии Рогун аз калонтарин НБО дар олам маҳсуб ёфта, дар матбуоти даврӣ, адабиёт ва публитсистикаи тоҷик ҷойи махсус дорад. Инкишофи минбаъдаи на танҳо Тоҷикистон, балки кишварҳои минтақа аз бисёр ҷиҳат ба ин сохтмони азим вобаста аст. Аз ин рӯ, раванди бунёди онро инъикос кардан, мушкилоташро ба баррасӣ кашидан, кори шарафманди бунёдкоронро нишон додан, симои коргарон – пешоҳангонро офаридан вазифаи фахрӣ ва муҳимми на танҳо

публитсистика, балки адабиёти имрӯзаи тоҷик маҳсуб меёбад. Хурсандиовар аст, ки раванди омодагӣ ва бунёди ин сохтмони азим аз ибтидо то имрӯз таваҷҷуҳи рӯзноманигорон, публитсистон ва адибонро ҷалб намуда, дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ва дар шакли китобҳои алоҳида асарҳои зиёде ба чоп расонида шудаанд. Дар ин самт саҳми маҷаллаи миллии адабии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон «Садои Шарқ» кам нест.

Маълум аст, ки аз оғози тарҳрезиҳои кори ин сохмон беш аз 90 сол сипарӣ шудааст. Кор дар ин сохтмонро метавон ба се давра ҷудо кард. Давраи аввал асоснокгардонии бунёди сохтмони НБО-и Роғун аст, ки соли 1930 бо тарҳрезии ин неругоҳ оғоз гардида, соли 1931 бо омадани аввали таҳқиқотчиён ба мавзеи Роғун идома пайдо намудааст.

Тӯли 40 сол корҳои асоснокгардонии бунёди неругоҳ идома ёфта, безарарӣ, ҷанбаҳои техникиву иқтисодии он бо тадқиқҳои олимони Пажуҳишгоҳи зилзиласанҷии сохтмони ба зилзила тобовар, Пажуҳишгоҳи геологияи Академияи Фанҳои Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи физикаи замини Академияи Фанҳои СССР, Идораи геологияи Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи механикаи ҷинсҳои куҳии Академияи Фанҳои Кирғисизистон, Донишгоҳи давлатии Москва, Пажуҳишгоҳи бинокориву муҳандисии Москва, филиали дар Тошканд будаи Институти «Гидропроект»-и СССР ва як қатор ташкилотҳои дигар собит карда шудааст. Соли 1974 лоиҳаи техникӣ аз тарафи Госстройи СССР тасдиқ гардид.

Давраи дуюм аз соли 1976 бо аввалин таркишҳои анҷомдодаи бунёдкорон дар сохтмони НБО-и Роғун оғоз гардида, то соли 1981 идома ёфтааст. Шурои Вазирони ИҶШС муқаррар менамояд, ки сохтмон соли 1993 бояд анҷом ёбад.

Бо сабаби муташаннӣҷ гардидани вазъи сиёсии Тоҷикистон соли 1990 кори сохтмон на танҳо қатъ гардид, балки бо сар задани обхезиву офатҳои табиӣ заҳматҳои кашидаи бинокорон барабас рафт. Ба тасвири адиби роғуншинос Бахтиёри Муртазо соли 1993 «сойи Оби Шӯр мастона ҷорӣ гашта, сангҳои панҷтонагиву даҳтонагиро рӯйи мавҷҳояш мисли себ оварда, ба дарё ҳамлавар мешавад ва дар натиҷа оби рӯд дам хӯрда, сабаби вайронӣ ва тахриби сарбанд мегардад» [6, с. 30.

Давраи сеюми сохтмони НБО-и Роғун ба замони соҳибистиқлолии кишвар ва иқдому ташаббусҳои бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иртибот мегирад, ба замони истиқлол рост меояд.

Ҳарчанд доир ба тарҳи лоиҳаи НБО-и Роғун, омадани мутахассисон ба ин мавзеъ ва асоснокгардонии сохтмони он дар матбуоти даврӣ хабарҳо («Тадқиқотчиён пеш мераванд» // Тоҷикистони советӣ.–1968.– 4 сентябр) интишор шудааст, аммо инъикос ва баррасии моҳият, аҳаммият ва раванди корҳои омодагӣ ба бунёди ин иншооти бузург, таҷассум ва ситоиши он дар қолаби жанрҳои публитсистиву бадеӣ, асосан аз соли 1974 шуруъ гардидааст.

Яке аз аввалин матолибе, ки дар бораи НБО-и Роғун ва аҳамияти он дар рушди Тоҷикистон маълумот медиҳад, мақолаи Юсуф Юнусов, мудири шуъбаи институти иқтисодиёти Госплани РСС Тоҷикистон «ГЭС-и Роғун ва тараққиёти Тоҷикистон» аст, ки 8 сентябри соли 1973 дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» рӯйи чоп омадааст.

Ин мақола хусусияти илмиву оммавӣ дошта, муаллиф дар заминаи маълумотҳои лоиҳа зарурати бунёди ин сохтмони бузург, эҳтиёҷоти хоҷагии халқ ба неруи барқ, фаровонии захираҳои ниҳоят самарабахши гидроэнергетикии ҷумҳурӣ, мавқеи ҷуғрофии иншоот ва амсоли инро ҳамчун коршиноси соҳа бо зикри факту маълумоти аз пажуҳишҳои илмӣ ҳосилшуда таҳлил намуда, безарар ва манфиатовар будани онро нишон додааст. Бино ба маълумоти дар ин мақола зикр гардида, иқтидори ГЭС-и Роғун 3,600 ҳазор киловатт буда, дар як сол 13 милион киловатт соатро ташкил медиҳад. Баландии он ба 325 метр расида, барои обёрии зиёда аз 320 ҳазор гектар замини холӣ ва бекорхобидаи Тоҷикистону Ӯзбекистон имконият медиҳад. 6 ҳазор гектар замини дар хоҷагии қишлоқ истифодашаванда ба минтақаи обанбор меафтад, ки 603 гектар киштзор, 517 гектар боғу токзор ва боқимонда чарогоҳ ва замини лалмӣ мебошанд….

Тадричан ба ин сохтмон рӯзномаву маҷаллаҳои дигар чун «Машъал» (1974), «Комсомоли Тоҷикистон» (1974), «Коммунисти Тоҷикистон» (1977), «Хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон» (1977), «Агитатори Тоҷикистон» (1978), «Занони Тоҷикистон» (1979), «Маориф ва маданият» (1980), «Маданияти Тоҷикистон» (1981) ва ғайра таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.

Аввалин маводе, ки доир ба сохтмони Неругоҳи барқи обии Роғун, аниқтараш дар бораи коргарони сохтмони ГЭС-и Роғун дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шудааст, «Акси садо» (1974.–№2.– С.68-78) ном дорад, ки ба қалами Михаил Табачников мансуб аст. Баъдан ин маҷалла ба раванди бунёди ин иншоот пайваста таваҷҷуҳ намуда, тӯли солҳои гунонун матолиби зиёдеро ба табъ расонидааст, ки асарҳои М. Табачников «Роғун бунёд мегардад» (1976.–№3.– С. 75-92), «Давраи ҷустуҷӯ» (1977.–№4.– 75-86), «Ибтидои рох» (1979. – №7.– С. 50-60), «Одамони нави Роғун» (1982. – №5.– С. 70-81), Я. Налский «Ҷавонии Роғун» (1979. – №3. – С. 74-80), М. Хоҷаев «Роҳи Роғун дигар аст» (1982. – №3. – С. 47-54; 1984. – №1. – С. 85-89; №5. – С. 94-104), «Ҷустуҷӯ ва бозёфтҳо» (1985. – №10. – С.3-9), А. Нозиров «Дар бунёдгоҳи нур» (1983. – №3. – С. 87-89), Н. Савченков «Фурсат ғанимат» (1984. – №8. – С. 83-90), Р. Аҳмадов, С. Фатҳуллоев «Оҳангҳои Роғун» (1985. – №2. – С. 86-94), Р. Мардон «Зинаи сеюми инкишоф» (1986. – №3. – С. 70-87), Х. Муҳаббатов «Нодон мурдаву доност зинда» (1990. – №3. – С. 110-118) аз ҷумлаи нигоштаҳое маҳсуб меёбанд, ки раванди корҳои тайёрӣ ба сохтмони асосиро фаро гирифтаанд.

Зимнан, мақолаи охир дар руҳияи зидди сохтмони ГЭС-и Роғун навишта шуда, муаллиф паст кардани сатҳи дарғотро талаб намудааст. Баррасиҳои ин мақола аз воқеияти асл андаке дур ва ғаразнок аст. Ба пиндошти муаллиф дарғоти 335 метра хатарзо аст, он бояд ба 120-140 м паст карда шавад.

Асарҳои марбут ба неругоҳи барқи обии Роғунро аз нигоҳи ҷинс ва жанр ба се даста метавон ҷудо намуд:

1. Мақолаҳои публитсистӣ, ки дар онҳо масъала ва мушкилоти бунёди ин сохтмон ба баррасӣ кашида шудааст;

2. Очерку қиссаҳои публитсистӣ, ки тасвири ҳамосаи кори коргарони ин иншоотро фаро гирифтаанд;

3. Осори манзум – шеърҳое, ки ба васфи НБО-и Роғун суруда шудаанд.

Тавре ишора рафт, асарҳои марбут ба Роғунро аз рӯйи хронологияи таълиф ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: очерку мақолаҳое, ки раванди корҳои омодасозӣ ба сохтмони асосиро фаро гирифтаанд ва асарҳое, ки дар онҳо рафти корҳои сохтмони азими НБО-и Роғун ба тасвир гирифта шудааст.

Дар ин мақола мо асосан он асарҳоеро мавриди омӯзиш қарор медиҳем, ки дар онҳо ҷушӯ хурӯши корҳои бунёдкории дар «давраи тайёрӣ» бавуқуъпайваста инъикосу тасвир гардидаанд. Асарҳои М. Табачников «Акси садо», «Роғун бунёд мегардад», «Ибтидои роҳ», «Одамони нави Роғун», Я. Налский «Ҷавонии Роғун», М. Хоҷаев «Роҳи Роғун дигар аст», Н. Савченко «Фурсат ғанимат» ва ғайра ифодакунандаи ташаббусу иқдом, азму талош, омӯхтану сохтан ва раванди корҳои омодагӣ ба сохтмони асосии НБО-и Роғун маҳсуб меёбанд. Ин асарҳо бо вуҷуди вижагиҳои хос аз нигоҳи мақсад ба ҳам дар алоқамандии мантиқӣ қарор доранд. Дар онҳо моҳият ва бунёди ин неругоҳ барои оянда зарур ҳисобида шудааст. Ағлаби чунин асарҳо мақсади маърифатбахшӣ (фаҳмондан) дошта, дар руҳияи набзи замон, ҳамдастии мушоҳидаҳои бевоситаи муаллифон бо факту арқом ва асноди дорои маълумоти илмӣ навишта шудаанд. Муаллифон на танҳо ба раванди корҳои инфрасохторӣ (инфраструктура) таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, балки мушкилоту монеаҳои татбиқи лоиҳаро низ ба мулоҳизаҳои публитсистӣ кашидаанд. Дар ин гуна асарҳо на танҳо раванди воқеаҳо таҷассум ёфтаанд, балки гоҳо «болоравии ташвиқу тарғиби масъалаи мавриди муҳокима зоҳир мегардад» [11, с. 4].

Мақсади асосии Очерки «Акси садо» хонандаро ба беасосии овозаҳои таги об мондани деҳаҳои гирду атроф ҳангоми сохтани НБО-и Роғун бовар кунонидан аст, ки тавассути бозтоби муносибат ва таассуроти сокинони минтақаи Роғун, бахусус аҳолии Муҷихарф ба кори геодезистҳо (тадқиқгарони сатҳи замин) сурат гирифтааст. Муаллиф бо тасвири лаҳзаҳои гуногуни ҳаёти сокинони ин мавзеъ, манзараи деҳот, баргузории туйю сур, меҳмондорӣ, суҳбату лексияҳои тарғибӣ ва амсоли ин доманаи мавзуъро васеъ намуда, таъйиноти маърифатии очеркро қувват бахшидааст. «Обанбори ГЭС-и оянда як қисми ҳудуди районро фаро хоҳад гирифт. Кӯчондани баъзе деҳаҳо дар назар ҳаст, ки нав сохта мешавад. Нафақат ба табиати дара, ҳатто тарзи маишати мардум тағйир хоҳад ёфт. Қисме аз мардум ба кори сохтмон хоҳанд омад, ихтисоси нав пайдо мекунанд» [13, с. 69].

Сокинон мехоҳанд ояндаи худро донанд, ки хуб аст. Ба онҳо бояд моҳияти масъаларо дуруст фаҳмонд. Тавассути лексияҳои Темур Рустамов мардум дар хусуси ҳамдиёрон ва оянда маҳаллашон маълумот пайдо мекунанд.

«Вақте ки Темур ҳамаашро ҳарф ба ҳарф фаҳмонд ва муҷихарфиҳо боварӣ ҳосил карданд, ки деҳаашон таги об нахоҳад монд, қорӣ Ғоиб аз ҷой бархоста, даст ба рӯй кашид ва бо овози баланд гуфт:

–Худо раҳим аст. Роҳ намедиҳем, ки мазори муқаддаси мо хор шавад» [13, с. 77].

Очерки «Ибтидои роҳ» проблемавӣ аст, зеро дар он «муаллиф бевосита иштирокчии фаъол буда, ба рафти воқеа таъсир мерасона» [16,

с. 110]. Ин очерк дар заминаи таҳлил ва баррасии мунозираву мубоҳисаҳои олимону мутахассисон – муҳаққиқони лоиҳакаш, кормандони лабораторияҳои пажӯҳишгоҳҳо, кафедраҳои донишгоҳу донишкадаҳо шакл гирифтааст. Мушоҳидаҳои бевосита, суҳбату пурсишҳо, таҳқиқу санҷишҳо, муқоисаву қиёс ва диди амиқи муаллиф ҷанбаи таҳлилӣ ва таҳқиқии очеркро пурқувват гардонидааст. Чунин усул ба муаллиф имкон додааст, ки барои оммавигардонии афкори илмӣ, таҷриба ва маҳорати лоиҳакашон, имкониятҳои бинокорон ва амсоли ин посуҳҳои асоснок пайдо кунад. Ба ин манзур ин очеркро як навъ сарчашмаи хуб ва боэътимод метавон номид, ки доир ба ҷустуҷӯ ва таҳқиқҳо ҷиҳати асоснок кардани сохтмони НБО-и Роғун ва иқдомҳои раҳбарону коргарон дар самти самаранок шуруъ намудани корҳои он дар қолаби услуби публитсистӣ маълумот медиҳад. Моҳияти ин маълумот кафолати илм ба эътимоднокии сарбанд ва аз байн бурдани шубҳаи ҳодисаҳои ногаҳонӣ аст.

«ГЭС-и Роғун иншооти замонавӣ ва баробари ин, хеле мураккаб ва масъулиятталаб аст. Ҳар як минтақаи он, ҳар як қисмати он, ҳар як тоннелу воситаҳои дигари ёрирасони он назари нав, фикри нав, бурҳони нав ва далели эътимодбахшро тақозо мекунад. Зимнан, дар айёми мо ҳеҷ як иншооти бузург мисли ГЭС-и Роғун ба осонӣ даст намедиҳад…. «Ҳар қадар ки дар назди мо масъалаи мураккаб гузошта шавад, ҳамон андоза тафаккури мо инкишоф меёбад, тахайюли мо баланд мегардад, ҳамон қадар таҷрибаи мо афзун мешавад ва худи мо низ маънан сайқал меёбем» [14, с. 60].

Ба ин маънӣ, он ҳама бозёфт ва кашфиётҳо, он ҳама таҷрибаомӯзиҳо дар сари масъалаҳои мураккаби сохтмони ГЭС-и Роғун, он ҳама ташвиш ва тарадудҳо давоми ҷустуҷӯҳои дирӯзаанд, давоми анъанаҳои неканд.

Агар дар очеркҳои «Акси садо» ва «Ибтидои роҳ»-и М. Табачников масъалаҳои омодагӣ ба кори сохтмони иншооти бузурги НБО-и Роғун мавриди баррасӣ ва мулоҳиза қарор гирифта бошанд, дар очерки «Одамони нави Роғун» доир ба бунёди шаҳраки Роғун ва одамони он нақл карда мешавад. Роғуни куҳна, деҳаи хурди соҳили чапи дарёи Вахш бо номи Майдон, ки чил-панҷоҳ хонавода доштааст, ба шаҳраке табдил ёфтааст, ки қариб 2000 сокин дорад. Аксарияти онҳо соҳиби касбҳои гуногунанд, ки ба мақсади иштирок дар ин иншооти азим роғунӣ шудаанд. Ҳамдиёрии онҳо на аз рӯйи умумияти зодгоҳ, балки аз рӯйи тақозои касбу кор аст. Ҳамаи онҳо дар бунёди шаҳрак ва иншооти азиму нодири Роғун ширкат доранд. Аммо сокинони маҳаллӣ низ дар шаҳраки нав кам нестанд. Яке аз онҳо Ҳайрулло Асоев аст, ки дар очерк қисмати ӯ нисбатан муфассал ба тасвир гирифта шудааст.

Вижагии дигари ин очерк дар он аст, ки муаллиф ҳамчун мушоҳиди борикбин ва таваҷҷуҳпазир на танҳо манзараҳои нави бунёдкориҳоро ба тасвир мегирад, балки ҳамчун шоҳид корҳои баанҷомрасидаро муаррифӣ мекунад, меҳнати пурҷушӯ хурӯши одамони навро тафсил ва нишон медиҳад. Ӯ мушоҳиди зоҳирбин нест, балки нависандаи коршиносест, ки объекти тасвирашро хуб медонад, ба мавзуъ руҳи иктишофӣ мебахшад. Услуби нигориши И. Табачников ба аксарияти муаллифоне, ки баъд аз ӯ ба ин сохтмон таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, ба мушоҳида мерасад.

Я. Налский дар очерки худ «Ҷавонии Роғун» аз сафари муаллиф ба ин мавзеъ ва ҷараёни ошноии ӯ бо сохтмон ва бунёдкорони он нақл мекунад. Ин очеркро аз нигоҳи мавзуъ ва масъалагузорӣ ба ду бахш ҷудо кардан мумкин аст.

Дар бахши аввал, ки як навъ руҷӯъ ба мавзуъ аст, муаллиф бо зикри иқтибосҳо аз ҳуҷҷатҳои расмӣ – фармони Вазорати энергетика ва электрикунонии СССР аз 14 октябри соли 1976 «Дар бораи оғози корҳои тайёрӣ дар сохтмони ГЭС-и Роғун» ва нақшаи шуъбаи осиёимиёнагии институти умумииттифоқии ордени Лениндори лоиҳакашию тадқиқотӣ ва илмии «Гидропроект» аҳамияти бунёди сохтмони Роғунро тафсил намуда, этимологияи калимаи Роғунро шарҳ медиҳад. «Калимаи Роғун шакли тағйирёфтаи Роғон аст. Дар талаффузи сокинони ноҳия ҳарфи «о» ба «у» бадал шуда, «Роғон» шакли «Роғун»-ро гирифтааст. «Роғон» маънии марғзоронро дорад».

Бахши дуюм бозтоби шиносоии муаллиф бо сохтмон ва бунёдкорони онро фаро гирифтааст. Дар ин бахш ӯро котиби комитети партиявии НБО-и Роғун Иброҳим Исмоилов роҳбаладӣ мекунад. Иброҳим Исмоилов муҳандис, аз ветеранҳои сохтмони неругоҳҳои барқӣ аст. Ӯ марди пуртамкин буда, кори худро хуб медонад, хурдтарин унсурҳои онро ба хубӣ шарҳ медиҳад. Маҳз ҳамин қобилияти раҳбалад боис гардидааст, ки вазъи сохтмон, имкониятҳои он, даъвати мутахассисон, аз ҷумла коргарони маҳаллӣ, роҳҳои суръатбахшии корҳо, ташкили мусобиқаи сотсиалистӣ – «Эстафедаи коргарӣ», пешоҳангони ин мусобиқа ва амсоли ин аз ҷониби муаллифи очерк тасвири публитсистиву бадеӣ пайдо кунад ва ба ин васила ҳашамату бузургии сохтмони НБО-и Роғун дар тасаввуроти хонанда равшантар ҷило диҳад.

Умумияти очеркҳои бозгукунандаи вазъи корҳои тайёрӣ ба оғози сохтмони НБО-Роғун дар он аст, ки аглаби муаллифон сохтмони НБО-и Роғунро давоми мантиқӣ ва бевоситаи сохтмони НБО-и Норак ҳисобида, таҷрибаи ғании аз бунёди ин неругоҳ ҳосилшударо ҳамчун мактаби бузург арзёбӣ намудааанд. Ҳамчунин онҳо ба ояндаи Роғун умед баста, дар оянда тараннум ва тасвир намудани корнамоии мардуми меҳнат, марду занҳои ин майдони бунёдкориро таманно кардаанд.

«Роҳи Роғун дигар аст»-и Муҳиддин Хоҷаев як навъ қайдҳои сафар аст, ки дар он ҳосили мушоҳидаву дида, пурсидаву шунидаҳои ӯ аз сафарҳояш ба Роғун инъикос ёфтааст. Сафари ӯ ба ин сохтмони азим дар панҷ дафтар сабт шудаст. Ҳар сафар хатти муайян дорад. Аз ҷумла сафари аввал бо тафсилоти мақсади сафар шуруъ гардида, бо нақли таърихчаи сокинони ноҳияи Обигарм, зиндагии онҳо, тавсифи мавзеъҳо ва таассурот ба ояндаи хуб хотима меёбад. Муаллиф ба мақсади сафари худ – «бо роҳбарони район ва сохтмон мулоқот кардан, ҷавлонгаҳи бинокорони истгоҳи барқи Роғунро дидан, бо муйсафедони обигармӣ ҳамсуҳбат шудан ва аз таърихи гузаштаи он каму беш огаҳ гаштан», ки бахшҳои таркибии асарро ташкил намудааанд, расидааст. Дар дарки ҳаёти сохтмон ба ӯ ҷонишини сардори сохтмон Абубакр Назиров, муҳандиси ҷавон Павел Дворкин ёрӣ мерасонанд. Бо роҳбаладиву суҳбатҳои эшон мушоҳидаҳои муаллиф низом пайдо мекунанд, вусъати корҳои сохтмон ба назар мерасад, меҳру таваҷҷуҳ ба бунёдкорону созандагони ин иншооти нур меафзояд, ба манфиатҳои дар оянда ба шарофати бунёди НБО-и Роғун ба дастоянда умедҳо қавӣ мегардад.

Дидани дӯсти наздикаш Камол Ҳамсариев, ки ҳанӯз соли 1970 дар давраи дар Норак кор кардан, бо ӯ шинос шуда будааст, муаллифро хушнуд мегардонад. Камол Ҳамсариев аз бетонгарони пуртаҷриба аст, ки умри худро боифтихор сарфи ин пеша намудааст. Ӯ ҳанӯз дар сохтмони НБО-и Норак бо меҳнатдӯстиву масъулиятшиносиаш ибрати дигарон гардидааст. Ин аст, ки Яков Налский, Николай Григоревич Савчеко, Рачаб Мардон, Бахтиёр Муртазо ва дигарон дар асарҳояшон дар мавзуи Роғун аз Камол Ҳамсариев ёд карда, ӯро аз бригадирони пешқадами бетонрезон муаррифӣ кардаанд. Аз ҷумла Яков Налский дар очеркаш «Ҷавонии Роғун» ба корномаи Камол махсус таваҷҷуҳ намуда, бо ифтихор зикр мекунад, ки «дар Роғун, ҳамчуноне ки дар Норак эҳсос мешуд, номи Камол Ҳамсариевро зуд-зуд ба забон мегиранд» [7, с. 77].

Камол Ҳамсариев соли 1978 ба Роғун меояд, зеро дарк мекунад, ки неруву касбаи ӯ ин ҷо зарур аст. Аввалин ва охирин бетонро ба роҳҳо ӯ ва бригадаи ӯ рехтааст, аввалин ва охирин бетонро зери участкаҳои сохтмон ӯ ва бригадаи ӯ рехтаанд. Камол на танҳо худ, балки фарзандонаш Кариму Акрамро низ ба кори сохтмон ҷалб намудааст, ки ба касби васлгариву БЕЛАЗронӣ машғул шудаанд.

Дафтари сеюми «Роҳи Роғун дигар аст» хусусияти очеркӣ дошта, инъикоси манзараҳои қабл аз сохтмон ва дигаргуниҳои ба тозагӣ рухдодаро бо тасвири кору пайкори сардори участкаи рақами яки Идораи сохтмони манзили «Роғунгэсторой» Саидамин Сияҳмардов фаро гирифтааст. Ба ин маънӣ, очеркро ба ду қисм метавон ҷудо намуд. Моҳияти қисми аввалро тафсили ҳадафи сафар, музокираи ободкориҳои қарибулвуқуъ ва масъалаи ба кори сохтмон ҷалб шудани зодагони ҳамин диёр ташкил медиҳад.

Дар қисми дуюм симову сиришти Саидамин бо абрувони анбуҳ, муйлаби зебо, манаҳи камгӯшти пурра, чеҳраи дарозрӯя, таҳсил дар мактабу донишкада, кордониву масъулиятшиносӣ, диду ҷаҳонбинӣ ва фаросати инсонӣ ба тасвир гирифта шудааст. «Нақли ретроспективӣ имкон додааст, ки чеҳраи қаҳрамон дар лаҳзаҳои андешарониҳо муаррифӣ шавад» [2, с. 25].

Саидамин Сияҳмардов сардори ҷавон аст, ҳам ба сифати кори се бригада назорат мекунад ва ҳам чун узви бригада баробари ҳама ҳисса мегузорад. Ӯ аз мактаби одамият хуб бохабар аст, дилу нияти кормандонро худ мефаҳмад, коргоҳро дар баробари оилаву мактаб тарбиятгари инсонҳо медонад. Аммо тарбиягарии коргоҳ аз тарбияи мактаб, оила ва ҳизмати ҳарбӣ вобаста аст. Дар коргоҳ шахсияти одам намудор мегардад. Ҳастанд нафароне, ки барои маоши калон ба кор меоянд, аммо онҳо ба кор тобовар нестанд. Онҳое, ки барои кор кардану мувофиқи он маош гирифтан меоянд, ба касби худ содиқанд.

Нависанда қаҳрамони асарашро ҷавони бофаҳму бомаърифат тасвир намуда, аз забони ӯ меафзояд: «Мактаб нишони маданияти деҳ аст, мактаб агар ободу зебо бошад, фардо хонаҳову кӯчаҳои деҳа низ ободу зебо хоҳад шуд» [18, с. 88].. «Вақте ҳар касе ба теппаҳо барояду гӯяд, ки аҷаб шаҳри зебост, ҳар кадоми мо худро аз кори кардаи худ қаноатманд ҳис мекунем» [18, с. 89].

Дафтари чорум ва панҷуми «Роҳи Роғун дигар аст» идомаи мантиқии дафтарҳои пешин буда, сафари навбатии адибро, ки ба мақсади ҷустуҷӯи одамони аҷибу соҳибхизмати Роғун дар моҳи ноябр ба

вуқуъ пайвастааст, дар бар мегирад. Дар ин сафар таваҷҷуҳи муаллиф ба кордониву масъулиятшиносии Хуршед Худойдодов коргари ҷавон, хатмкардаи донишкадаи политехникии шаҳри Душанбе, муаллифи рисолаи дипломӣ дар мавзуи «Базаи истеҳсолии «Роғунгэсстрой» бахшида ба хоҷагии сангрезакунӣ ва таҳсимоти он», Кувшинов Октябрист Кузмич аз собиқадорони сохтмони истгоҳҳои барқии ҷумҳурӣ, Лаврушкин Валентин Иванович сардори идораи хоҷагии энергетикӣ, Бахир Анатолий Иванович сармуҳандиси идораи корҳои механиконидашуда, Кизаев Николай Василевич ҷонишини сардори идораи махсуси истгоҳи обии барқ ҷалб шудааст.

Дар инъикос ва тасвири чеҳраи ин нафарон аз усули ягона: зикри маълумоти тарҷумаиҳолӣ, василаи ҷалб ба кори сохтмон, масъулиятшиносӣ дар иҷрои вазифа, саҳм дар пешбурди кор ва самаранок гардонидани он истифода шудааст. Аммо истифодаи маълумоти тарҷумаиҳолӣ урён сурат нагирифта, «муаллиф ба тағйироти равонию иҷтимоии қаҳрамонон низ таваҷҷуҳ намудааст» [12, с. 164].

Муаллиф ба мутахассисони маҳаллӣ ва омода намудани онҳо махсус диққат дода, вусъат бахшидани шуъбаҳои энергетикии донишкадаи политехникии шаҳри Душанбе ва факултети гидротехникии донишкадаи хоҷагии қишлоқро зарур меҳисобад.

Силсиланигоштаҳои М. Хоҷаев дар бораи Роғун дар баробари ҷанбаҳои умумӣ вижагиҳои хос доранд. Ин вижагиҳо, пеш аз ҳама, ба таҷриба ва собиқаи кории муаллиф дар неругоҳи барқӣ аст. Ин таҷриба ба ӯ имкон додааст, ки на танҳо ба моҳияти масъалаҳои бунёди ин сохтмони азим амиқ ва фарох сарфаҳм равад, балки ба аксарияти мутахассисоне, ки аз Норак ба Роғун омадаанд, ошно гардад. Бинобар ин, тасвири вазъи корҳои бунёдкорӣ ва пайкори пешоҳангони НБО-и Роғун аз ҷониби ӯ нисбатан фарох ва бо корбасти усули муқоиса сурат гирифтааст.

Мақолаи «Ҷустуҷӯйҳо ва бозёфтҳо»-и М. Хоҷаев, ки ба истиқболи съезди XVII Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шуравӣ навишта шудааст, руҳияи масъалагузорӣ дорад. Муаллиф дар суҳбат бо масъулини сохтмон аслан масъалаҳоеро ҷӯё мешавад, ки ҳаллашон ба дастгирии мақомоти боло алоқаманд аст. Ба ин мазмун, агар сармуҳандиси сохтмон Е.И. Карпов масъалаи ҷудо намудани маблағ ва истифодаи дурусту самарабахши онро ба миён гузорад, сармуҳандис Евгений Павлович барқарор намудани таҷрибаи Норакро дар ин иншоот зарур медонад. Муҳандиси ҷавони обигармӣ Хуршед Худойдодовро беэътибории масъулин ба ин сохтмон ба ташвиш овардааст. «Гоҳо шаст одамро, ки дар ихтиёри мананд, кор фармудан осонтар аст, нисбат ба оне, ки ба як участка як булдозер барои кори яксоата талаб кунӣ» [20, с. 6]. Ба назари котиби ташкилоти кори комсомолии сохтмон ҳал нашудани баъзе мушкилот аз дастҷамъона ба он таваҷҷуҳ зоҳир накардан аст. «Бадии кор ин ҷо, ки мо дастҷамъӣ ба ҳалли он накӯшида, бештар ҳавола ба дигарон мекунем, дигарон ба дигарон ҳавола мекунанд, дар натиҷа ин масъала, ки имрӯз бояд ба осонӣ ҳал мешуд, фардо ба даҳ масъала, пасфардо ба сад масъала табдил меёбад» [20, с. 7].

Коргузори участкаи чорум Азимҷон Юсуфов аз ноуҳдабароиҳои коргарони маҳаллӣ гила мекунад: «Вақте ки ба ин масъала ба роҳбарон муроҷиат мекунем, онҳо мегӯянд, ки ба такя ба кадрҳои маҳаллӣ кунед.

Роҳбарони маҳал бошанд, ба мо асосан онҳоеро мефиристанд, ки аз ухдаи кори колҳоз ва ё совхоз набаромадаанд. На танҳо касби коргарӣ, балки саводи қазоӣ надоранд» [20, с. 7].

Агар сармуҳандиси трести «Тоҷикэнерго» Семён Яковлевич Лакшёнов аз фиристонидани техника ба Роғун изҳори назар намояд, сардори сохтмон Николай Григоревич Савченков аз истифодаи техникаи аз кор монда гила мекунад. «Баъзе техникае, ки аз Норак мерасад, ҳатто таъмир шуда меояд, то Роғун нарасида аз кор мебарояд».

Муаллиф дар такя ба гуфтаи масъулину мутахассисин мушкилоти ин иншооти бузургро ёдрас шуда, бо баррасиҳои қазиянок ҳалли онҳоро аз ташкилотҳои таъминотӣ ва роҳбарони сохтмон ҷӯё мешавад.

Нигоштаи Н. Савченков ҳарчанд зери рубрикаи «Очерк ва публитсистика» ба табъ расидааст, аммо аз нигоҳи жанрӣ ба мақолаи таҳқиқию амалӣ наздик аст. Муаллиф ҳамчун Сардори сохтмони ГЭС-и Роғун вазъи экологӣ, сейсмологӣ, манфиати неругоҳ, шароити кор, таъмини кадрҳо, аз ҷумла мутахассисони маҳаллӣ, бозомӯзии онҳо, истифодаи захираҳои худӣ, мушкилот дар кори сохтмон – набудани конвейрҳо, шиббамошинҳо, таъминоти материалию техникӣ ва монанди инро ба музокира кашидааст. Мақола саршори факту рақам буда, дар он масъалаҳои марбут ба сохмони ГЭС-и Роғун, ки ҳалли онҳо боиси вусъат пайдо кардани кори он мегардад, бо усули муқоиса таҳлилу баррасӣ шудааст. Доманаи таҳлил ва музокираҳои муаллиф нисбатан васеъ буда, ҳам ба корҳои дар давраи тайёрӣ ба ин сохтмони асосӣ (1976-1981) баанҷомрасида – сохтмони манзилгоҳу иншооти зеризаминӣ, ҳам дар бораи таҷрибаи мактаби НБО-и Норак ва ҳам дар бораи оғози кор дар ин сохтмон, вазъ, мушкилу душвориҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

Мақола руҳи баланди публитсистӣ дорад, истифодаи «фактҳои устувор» [9, с. 275] ин руҳияро қувват бахшидаанд. Мисли очерку мақолаҳои дигари дар ин мавзуъ иншо гардида, мақола бо руҳияи умедбахшу созанда ҳусни мактаъ гирифтааст: «Чун дар тамоми сохтмонҳои азим, дар мо душвориҳои зиёд ҳастанд, ки як қисмашро дигарҳо ва як қисмашро худамон ба худамон пеш меоварем, монеа ҳар хел мешавад. Тобистон гармо ва хок то ба зону, зимистон сармо ва лой то ба камар, ташвиши рӯзгор кам нест, вале зӯртар аз он бовар доштани коллектив аст бар арзиши кораш, итминон доштан ба он, ки рӯзе фаро мерасаду тамоми душвориву носозиҳо пушти сар мешаванд ва иншооти беназир, ёдгори меҳнати якҷояи мо ГЭС-и Роғун зиндагӣ оғоз мекунад» [10, с. 90].

Миёни очеркҳои марбут ба бунёди ишооти азими НБО-и Роғун асари Рачаб Мардон бо вуҷуди умумият доштан бо очеркҳои ҳамзамононаш, бо чанд хусусият фарқ мекунад. Аввалан он ҳаҷман калон буда, аз руҷуъҳои публитсистӣ ва тасвири силсиласужаҳои ба ҳам алоқаманд таркиб ёфтааст. Баъдан, дар очерк мушоҳидаву дида ва пурсидаву шунидаҳои муаллиф бо таассуроти ботиниву эҳсосотии ӯ тавъам гардида, корзори пурвусъати долу зарбро намо медиҳад. «Андешаҳои бо эҳсосу шавқ ва тасвиру тавсифҳо» [3, с. 111] шакл гирифтаи муаллиф хонандаро ба мутолиаи он мутаваҷҷеҳ менамояд. Солисан, муаллиф дар фарҷоми очерк чун рӯзноманигор масъалагузорӣ карда, зарурат ва аҳамияти ҳалли онҳоро ба миён мегузорад. Аз ҷумла

дар соҳили баҳри оянда ба назар гирифтани тарҳи пляжи зебо, тайёр намудани коргарони баланихтисоси иншоотҳои истгоҳҳои электрикии барқи обӣ, ташкили филиали донишкадаи политехникии шаҳри Душанбе дар назди ин иншоот.

Мақолаи Р. Аҳмадов, С. Фатҳуллоев «Оҳангҳои Роғун» ҷанбаи омӯзишиву таҳқиқӣ дошта, дар заминаи сафари экспедитсионӣ ба мавзеи Роғун навишта шудааст. Муаллифон бо андешаи он, ки дар рафти сохмон дар рӯзгори мардуми ин диёр тағйиротҳо ба амал меояд, баъзе деҳаҳо зери об мемонанд, дар ҷои баъзе деҳаҳои қадима шаҳр бунёд мешавад, мардум ба маҳалҳои нав кӯч мебанданд, мақсади сафарро «фаромӯш нашудани ривоят ва нақлу ҳикояҳо роҷеъ ба мавзеъ, чашмаҳо, дара, одамон, парандагон ва ғайра» [1, с. 86] маънидод кардаанд.

Сафари экспедитсионӣ ба муаллифон имкон додааст, ки бо нафарони гуногун ҳамсуҳбат шаванд, ба фолклори ин диёр ошно гарданд, намунаҳои онро сабт намоянд ва аз файзи Роғун баҳра бардоранд.

Аз муҳтавои мақола бармеояд, ки Роғун аллакай мавзуи як силсила рубоиҳои халқӣ қарор гирифтааст. Ин гуна рубоиҳо баёнгари дигаргуниҳои солҳои охир дар ин мавзеъ рухдода мебошанд, ки аз забони шоҳидони ҳол гуфта шудаанд:

Аз боло миоӣ чашми сиёҳи мастат,
Роғун меравӣ акардион дар дастат.
Гуфтам биравам, даст диҳам бар дастат,
Ёр мегирам аз Оби Гарм бар қасдат.

Аз боло меоӣ, чашмони сиёҳта садқа,
Дипломати сурхи таги кашта садқа.
Дипломат дорӣ, дар Роғун инжинерӣ,
Ду қоши сиёҳи сар ба сарта садқа.

Дар маҷмуъ маҷаллаи «Садои Шарқ» сол то сол доманаи мавзуи марбут ба сохтмони неругоҳи барқи обии Роғунро вусъат бахшида, паҳлуҳои гуногуни онро дар қолаби жанрҳои публитсистиву бадеӣ инъикосу таҷассум намудааст. Асарҳои дар ин маҷалла интишоргардида, ифодагари руҳияи замон ва мунъакискунандаи воқеиятҳои тақдирсози Тоҷикистон буда, на танҳо аз раванди ҷустуҷӯву талош ва азми бунёдкориҳо дар сохтмони пурҳашамати НБО-Роғун шаҳодат медиҳанд, балки онҳо ифодагари неруи баланди инсонӣ, ахлоқу рафтори ҳамида, дӯстиву рафоқати мардуми гуногунмиллат ва фарҳангу ахлоқи волои одамӣ мебошанд, ки омӯзиш ва пажуҳишашон дар доираи як мақола намеғунҷад. Ин осор арзандаи таҳқиқи рисолавӣ аст.

Адабиёт

1. Аҳмадов, Р., Фатҳуллоев, С. Оҳангҳои Роғун // Садои Шарқ.– 1985. – №2. – С. 86-94.
2. Гулов С. Махсусияти очерки муосири тоҷик.– Душанбе: Дониш, 2012.– 116 с.

3. Колтсов, М. Писатель в газете / М. Колсов. – М.: Советский писатель, 1961.– 138 с.
4. Мардон, Р. Зинаи сеюми инкишоф // Садои Шарқ.– 1986. – №3. – С. 70-87.
5. Муродӣ, М. Б. Воқеияти замон ва публитсистикаи тоҷик. – Душанбе: Аржанг, 2022. – 304 с.
6. Муртазо, Б. Барномаи пешрафт ва бунёдкорӣ // Садои Шарқ.– 2017.– С.30. С.27-32.
7. Налский, Я. Ҷавонии Роғун // Садои Шарқ.– 1979. – №3. – С. 74-80.
8. Нозиров, А. Дар бунёдгоҳи нур // Садои Шарқ.– 1983. – №3. – С. 87-89.
9. Прохоров, Е. П. Искусство публицистики: Размышления и разборы / Е. П. Прохоров. М., 1984.– 359 с.
10. Савченков, Н. Фурсат ғанимат // Садои Шарқ.– 1984. – №8. – С. 83-90.
11. Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт / А. Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 2000. – 256 с.
12. Солеҳов, Н. Муаммои назарияи публитсистика / Н. Солиҳов, А. Саъдуллоев.– Душанбе, 2015. – 184 с.
13. Табачников, М. Акси садо // Садои Шарқ.–1974.–№2.– С.68-78.
14. Табачников, М. Ибтидои роҳ // Садои Шарқ.– 1979. – №7.– С. 50-60.
15. Табачников, М. Одамони нави Роғун // Садои Шарқ.– 1982. – №5.– С. 70-81.
16. Усмонов, И. К. Мулоҳизаҳо доир ба очерки матбуот // Садои Шарқ.– 1986.–№ 6.– С.108-112
17. Хоҷаев, М. Роҳи Роғун дигар аст // Садои Шарқ.– 1982. – №3. – С. 47-54.
18. Хоҷаев, М. Роҳи Роғун дигар аст // Садои Шарқ.– 1984. – №1. – С. 85-89.
19. Хоҷаев, М. Роҳи Роғун дигар аст // Садои Шарқ.– №5. – С. 94-104.
20. Хоҷаев, М. Ҷустуҷӯ ва бозёфтҳо // Садои Шарқ.– 1985. – №10. – С.3-9.

Муроди Мурод

ПУБЛИЦИСТИЧЕСКОЕ ИЗУЧЕНИЕ РОГУНСКОЙ ГЭС
(на примере журнала «Садои Шарк»-1974-1990)

В статье рассматривается отражение процесса подготовительных и созидательных работ по грандиозному строительству Рогунской ГЭС в национальном литературном журнале Союза писателей Таджикистана «Садои Шарк».

Процесс подготовки и возведения этого грандиозного сооружения привлекало внимание журналистов, публицистов и писателей, которые опубликовали множество произведений на страницах данного журнала.

Первым материалом этого журнала по строительству Рогунской гидроэлектростанции является статья Михаила Табачникова «Эхо», затем за ней следуют работы того же автора «Рогун строится», «Период поисков», «Начало пути», «Новые люди Рогуна», Я. Нальского «Молодость Рогуна», М. Ходжаева «Путь Рогуна другой», Н. Савченкова «Возможная добыча», А. Нозирова «В основании света», Р. Ахмадова, С. Фатхуллоева «Песни Рогуна», Р. Мардона «Третья стадия развития», Х. Мухаббатова «Глупец умер, а мудрый жив» и другие на протяжении многих лет публикуются в этом издании.

Эти работы близки по своим особенностям. Большинство из них написаны в духе времени, непосредственного наблюдения авторов, и основаны на фактах, цифрах и научных документах. Авторы не только уделили внимание процессу инфраструктурных работ, но и затронули проблемы и препятствия реализации проекта. Они считали Рогунскую ГЭС как логичное и прямое продолжение строительства Нурекской ГЭС и рассматривали богатый опыт, полученный при строительстве этой электростанции, как большую школу.

«Садои Шарк» год за годом расширяет темы строительства Рогунской гидроэлектростанции, отражая и воплощая различные ее аспекты в форме публицистического и художественного жанров. Работы, связанные с этой темой, отражают судьбоносные реалии Таджикистана и свидетельствуют не только о процессе поиска, усилиях и целеустремленности основателей в строительстве величественной Рогунской ГЭС, но и о высокой человеческой силе, этике и поведении, дружбе и товариществе людей разных национальностей, а также высокой человеческой культуре и нравственности, подробное и глубокое изучение которых достойно диссертационного исследования.

***Ключевые слова**: «Садои Шарк», тема, грандиозное строительство, Рогунская ГЭС, процесс созидания, отражение, изображение, жанр, очерк, анализ, воплощение.*

Murodi Murod

PUBLICISTIC STUDY OF THE ROGHUN HYDROELECTRIC POWER STATION
(on the example of the journal "Sadoi Sharq" - 1974-1990)

The article discusses the reflection of the process of preparatory and creative work on the grandiose construction of the Roghun hydroelectric power station in the national literary journal of the Union of Writers of Tajikistan "Sadoi Sharq".

The process of preparing and erecting this grandiose structure attracted the attention of journalists, publicists and writers who published many works on the pages of this magazine.

The first material on the construction of the Roghun hydroelectric power station in this journal is Mikhail Tabachnykov's article "Echo". Then, for many years, along to this author, articles of Y. Nalsky, M. Khodzhaev, N. Savchenko, A. Nozirov, R. Ahmadov, S. Fathulloev, R. Mardon, Kh. Muhabbatov and others were published in this journal.

These works are close in their features. They are written on the basis of the spirit of the time, the direct observation of the authors, the use of scientific facts and arguments. The authors not only paid attention to the process of infrastructure work, but also touched upon the problems and obstacles to the implementation of the project. They considered the Roghun HPP as a logical continuation of the Norak HPP and viewed the rich experience gained from the construction of this power plant as a big school.

Year after year, “Sadoi Sharq” expands the topics of the construction of a hydroelectric power plant, covering its various aspects in journalistic and artistic-journalistic genres. The works related to this topic not only reflect the search process, efforts and determination of the founders in the luxurious construction of the Roghun HPP, but also prove the high human strength, ethics and behavior, communication and friendship of multinational people, as well as a rich human culture. Its detailed and in-depth study is worthy of a dissertation research.

Keywords: "Sadoi Sharq", theme, grandiose construction, Roghun HPP, process of creation, reflection, publicism, genre, essay, analysis, implementation

ТДУ:9 тоҷик+07+002+001(092)+556+551.5+551.324(575.3)
Охунзода Насруддин

ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН: ЗАРУРАТ ВА АҲАМИЯТ

Дар мақола раванди ташаккулёбии давлатдории миллӣ ва ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Зимни таҳлилу таҳқиқ муайян карда шудааст, ки масоили норасоии об, тағйирёбии иқлим, кӯҳҳо ва ҳифзи пиряҳо аз мубрамтарини мушкилоти аҳли сайёра маҳсуб меёбад. Мушкилоти мазкурро бори аввал Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод ва таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба ин масоил ҷалб намудаанд.

Дар мақола панҷ ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тартиб пешниҳод ва мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифта, нақши онҳо дар бартараф намудани мушкилоти глобалӣ нишон дода шудааст. Дар баробари ин, бо такя ба суханрониҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳҳои ҳалли масъалаи норасоии об, тағйирёбии иқлим ва ҳифзи пиряҳҳо мушаххас гардидааст. Инчунин, дар заминаи асарҳои илмию назариявӣ ва факту рақамҳо нарасидани оби ошомиданӣ дар сайёра, обшавии пиряҳҳо ва роҳҳои муборизаи бо он пешниҳод шудааст.

Таҳлилу пажуҳишҳо дар заминаи омӯзиши фарогир, бо далелу арқом ва суханрониҳои Пешвои миллат шакл гирифтаанд, ки омӯзиши он судманду муҳим аст. Дар баробораи ин, баҳри бартараф намудани мушкилоти норасоии об, ҳифзи пиряҳҳо ва тағйирёбии иқлим ҳамбастагии тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ заруру муҳим ҳисобида шуда, маблаггузории бештар дар роҳи пешгирии офтаҳои табиӣ тақозо гардидааст.

Калидвожаҳо: *ташаббусҳои байналмилалӣ, Пешвои миллат, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Созмони Милали Муттаҳид, ВАО, таҳлил, таҳқиқ, баррасӣ, оби ошомиданӣ, ҳифзи пиряхҳо, тағйирёбии иқлим.*

Бо ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (9 сентябри соли 1991) ва расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ (27 июни соли 1997) дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии кишвар дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омад. Бунёди роҳу пулҳо, нақбу неругоҳҳо, сохтмонҳои азими саноатӣ, муассисаҳои нави таълимию фарҳангӣ ва ғайра аз ҷумлаи дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ маҳсуб меёбад, ки кишвари моро ба марҳалаи сифатан нав ворид намуд. Дар баробари ин, Истиқлоли давлатӣ имкон фароҳам овард, ки кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ ба таври шоиста муаррифӣ гардад. Ба роҳ мондани равобити хориҷӣ ва муаррифии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари озоду соҳибистиқлол аз муҳимтарину мушкилтарин бахшҳои давлатсозӣ ва сиёсати хориҷӣ дар солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ маҳсуб меёфт. Бори нахуст Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 29 сентябри соли 1993 аз минбари Созмони Милали Муттаҳид суханронӣ намуданд ва нақшаву барномаҳои бунёдкоронаву созанда, ҳадафҳои сулҳуҷӯёна ва азму ниятҳои неки кишвари тозаистиқлоли Тоҷикистонро ба ҷомеаи байналмилалӣ шиносониданд, ки дар таърихи навини сиёсати хориҷии Тоҷикистон он рӯз воқеан муҳим ба шумор меравад. Рӯйдоди мазкур бо мазмуну ғоя ва ҷанбаҳои сиёсӣ, аз як тараф, барои кормандони дипломатияи кишвар судманд буд, аз ҷониби дигар, барои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон аҳамияти таърихӣ дорад. Ба ин мазмун, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштаанд: «Таҷрибаи роҳандозии сиёсати хориҷии бисёрсамта тайи солҳои Истиқлол нишон дод, ки ба роҳ мондани муносибатҳои дӯстона ва мутақобилан судманд бо кишварҳои гуногуни олам ва қутбҳои сиёсию иқтисодии ҷаҳони муосир ба таҳкими пояҳои Истиқлоли давлатӣ, рушди сиёсию иқтисодӣ ва фарҳанги ҷумҳурӣ, таъмини амнияти миллӣ ва касбӣ ҷойгоҳи шоиста дар арсаи байналмилалӣ мусоидат намуд. Идомаи ин сиёсат, ки муносибати неки Тоҷикистонро ба ҳамаи миллат ва кишварҳои ҷаҳон, барқарории ҳамкориҳои мутақобилан судманди онро бо ҳамаи шарикони минтақавию байналмилалӣ ифода мекунад, дар марҳалаи ҳассоси сиёсиву амниятии минтақа ва ҷаҳони имрӯз низ ба манфиатҳои олии давлативу миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст» [11, с. 379-380].

Ҳамин тариқ, зина ба зина сиёсати хориҷии кишвар рушду такомул ёфт ва нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла, марбут ба об, масоили экологӣ ва ҳифзи пиряхҳо бузург гардид. Пажуҳишгар Ҳасан Асоев зикр менамояд, ки “дар раванди ҷаҳонишавӣ арзишҳои экологӣ ҳамчун омили ҳимоятгари манфиатҳои миллӣ хизмат менамояд” [2, с. 13]. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таъмин намудани мардуми сайёра бо оби ошомиданӣ, ҳалли проблемаҳои экологӣ ва ҳифзи пиряхҳо саҳми босазо мегузоранд. Бо ташаббус ва пешниҳодҳои башардӯстонаи Пешвои миллат дар сатҳи ҷаҳонӣ вобаста ба тағйирёбии иқлим, таъмини оби тоза ва ҳифзи пиряхҳо корҳои зиёд анҷом дода шудаанд. Пешниҳодҳои мазкур ҷиҳати вусъат бахшидани фаъолият дар самти

пешгирии хатарҳои тағйирёбии иқлим, таъмини мардуми сайёра бо оби ошомиданӣ ва ҳифзи пиряхҳо мусоидат мекунанд. Масъалаи норасоии оби ошомиданӣ мушкилоти тамоми аҳли сайёра мебошад ва ҳар сол ҳозорон нафар аз истеъмоли оби ифлос ба ҳалокат мерасанд ва барои ҳалли ин мушкилот шахсе зарур буд, ки талош намояд ва ин мавзуъро дар сатҳи ҷаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад. Дарвоқеъ, ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли тағйирёбии иқлим, мушкилоти экологӣ, ҳифзи пиряхҳо, таъмини аҳли сайёра бо оби ошомиданӣ бузург буда, ҳалли онҳо дар пешгирии паёмадҳои офатҳои табиӣ ва ҳифзи саломатии аҳли сайёра такони ҷиддӣ мебахшад. Ҳамин аст, ки аз замони расидан ба истиқлоли миллӣ ва таъмини сулҳу ваҳдат дар кишвар Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари рушди соҳаҳои кишвар ба ташаббусҳои башардӯстона низ таваҷҷуҳ ва нигоҳи аҳли сайёраро ба ин проблемаҳо ҷалб карданд, ки ҳалли онҳо ногузир аст. Пешниҳоди нахустин дар он замон, ки кишвар аз гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ нав раҳо гардида, мушкилоти зиёде дар соҳаҳои хоҷагии халқ вуҷуд дошт, аз як тараф, ташаббусукору дурандеш будани Пешвои миллатро бозгӯ кунад, аз ҷониби дигар, аз таҷаллӣ ёфтани симои барҷастаи ин шахсияти таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки мехоҳад, ҷомеаи ҷаҳонӣ муттаҳиду ваҳдатгаро бошад ва дар роҳи таъмини хушиву саодат талош намояд.

Вобаста ба мушкилоти норасоии об коршиноси масоили экологӣ Ҳ. Асоев зикр намудааст: “Ҳанӯз дар интиҳои асри XIX ва аввали асри XX олимон муайян намуда буданд, ки ҳифзи манбаъҳои об ва истифодаи самараноки он дар оянда ба яке аз масъалаҳои мубрам мубаддал мегардад. Агар аз ҳоло зуҳуроти ин тамоюл пешгирӣ карда нашавад, баъд аз 130 сол таъмини аҳолии кураи замин бо об мушкил мегардад. Инак воқеияти таъминоти имрӯзаи аҳолии ҷаҳон ба об тасдиқи ин гуфтаҳост” [3, с. 78].

Дар ин самт **нахустин** пешниҳоди Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмаи умумии СММ (1 октябри соли 1999) вобаста ба эълон намудани соли 2003 – Соли байналмилалии оби тоза мебошад. Дар асоси ташаббуси мазкур 20 сентябри соли 2000 дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмаи умумии СММ соли 2003 ҳамчун Соли байналмилалии оби тоза эълон карда шуд ва бори нахуст дар шаҳри Душанбе аз 29 август то 1 сентябри соли 2003 Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза баргузор гардид, ки дар он масоили умдаи таъмин намудани ҷомеаи ҷаҳонӣ бо оби тоза мавриди баррасӣ қарор гирифт. Нуктаи муҳим он аст, ки форуми мазкур заминаи воқеиро ҷиҳати густариши ҳамкориҳо бо аксар кишварҳои сайёра ба вуҷуд овард ва нишон дод, ки дар оянда масъалаи тағйирёбии иқлим ва нарасидани оби босифат ба мушкилоти асосии сайёра табдил меёбад. Зарур аст, ки дар ин самт ҳамкориҳоро таҳвият бахшид ва дар ҳалли мушкилоти мавҷуда мусоидат намуд.

Дуюм. Барои боз ҳам вусъат бахшидани фаъолият дар ин самт пешниҳоди дигари Сарвари давлат 23 декабри соли 2003 дар Маҷмаи умумии СММ вобаста ба эълон намудани солҳои 2005-2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт” қабул гардид. Дар ин замина Эъломияи Душанбе қатъномаи дахлдорро қабул намуд ва солҳои 2005-2015-ро Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт” эълон кард.

Аҳамияти даҳсолаи мазкур аз он иборат аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ амалан ба ҳалли мушкилоти оби сайёра талош варзид.

Бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари обҳои мусаффост, вале бо вуҷуди он ҳанӯз ҳам мардуми кишвар аз нарасидани оби ошомиданӣ танқисӣ мекашанд. Инчунин, 55,4 фоизи оби Осиёи Миёна дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул меёбад. “Олимону мутахассисон дар ҳудуди кишварамон 947 дарёро муайян намудаанд, ки бештар аз 10 км дарозӣ дошта, маҷмуан дарозии онҳо 28500 км-ро ташкил медиҳанд” [12, с. 502].

Сеюм, эълон намудани соли 2013 – Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об (20 декабри 2010) мебошад. Дар заминаи ташаббуси мазкур, 20-21 августи соли 2013 Конфронси байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, ки дар ҷамъбаст эъломияи он, барномаи амали Конфронси Душанбе оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об ва натиҷаи Конфронси байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об қабул шуд.

Ташаббуси мазкур ҳамкориҳои устуворро миёни давлатҳои ҷаҳон қавӣ гардонд ва табодули афкорро миёни пажуҳишгарон вусъат бахшид. Ин омил нишон медиҳад, ки маҳз ҳамбастагии ҷомеаи ҷаҳонӣ метавонад дар роҳи ҳалли проблемаҳои сайёра мусоидат намояд.

Иқдоми чоруми Тоҷикистон, ки дар форуми 7-уми умумиҷаҳонии об, моҳи апрели соли 2015 дар шаҳри Тэгуи Кореяи Ҷанубӣ муаррифӣ гардид, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» мебошад, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди дастгирӣ қарор гирифт. Вобаста ба ин, 21 декабри соли 2016 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қатъномаи худро оид ба эълони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” қабул намуд, ки он аз 22 марти соли 2018 шуруъ шуда, 22-юми марти соли 2028 ба анҷом расид. Ба таъкиди Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “мувофиқи Қатъномаи Маҷмаи умумии СММ ҳадафҳои даҳсола масъалаҳои зеринро фаро мегиранд:

– рушди устувор ва мудирияти ҳамгироёнаи захираҳои об ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ -иқтисодӣ ва муҳитзистӣ;

– роҳандозӣ ва пешбарии барнома ва лоиҳаҳои дахлдор;

– густариши ҳамкорӣ дар ҳамаи сатҳҳо барои мусоидат ба татбиқи вазифа ва захираҳои об, ки дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқа шудаанд, аз ҷумла, Ҳадафҳои рушди устувор;

– ғайр аз ин, қатънома аҳамияти рушди истифодаи оқилонаи обро бо назардошти робитаи мутақобилаи захираҳои об бо маводи ғизо, энергетика ва муҳити зист дар ҳама сатҳҳо таъкид мекунад” [11, с. 419-420].

Ташаббуси панҷуми Тоҷикистонро 14-уми декабри соли 2022 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон кардани соли 2025 ва 21-уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо», ки аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, якдилона қабул кард.

Дарвоқеъ, об ҳамчун омили муҳими рушди устувор ва зиндагибахши ҳаёти инсоният мебошад. Имрӯз тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ба об ҳамчун неъмати бебаҳо ниёз дорад ва он заминаи рушди кишварҳои

ҷаҳон дониста мешавад. Бо тараққиёти технология ва зиёд гардидани корхонаҳои саноатии бузург, тағйирёбии иқлим мушкилоти оби тозаро дар ҷаҳони муосир ба вуҷуд овардааст.

Пажуҳишҳо нишон медиҳанд, ки то соли 2030 талаботи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба захираҳои об то 50% зиёд мегардад. Зимни таҳқиқ маълум гардидааст, ки мушкилоти нарасидани оби тоза ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст ва факту рақамҳо нишон медиҳанд, ки ду миллиард нафар аҳолии сайёра ба оби тоза ва беш аз сеюним миллиард ба шароити нисбатан хуби беҳдоштӣ дастрасӣ надошта, тақрибан ҳар сол ним миллион одам аз бемориҳои сироятии вобаста ба об ҷони худро аз даст медиҳад. Ин нишондод сол то сол бадтар гардида, дар асоси пешгӯии пажуҳишгарон, то соли 2050 шумораи одамоне, ки аз об танқисӣ мекашанд, ба 2,3 млрд баробар мегардад.

Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» (20.06.2018, ш. Душанбе) таъкид доштанд, ки “дар ҷаҳон талабот ба захираҳои об бо суръати баланд афзоиш меёбад ва ин, дар навбати худ, боиси шиддат гирифтани мушкилоти иқтисодӣ мегардад. Шиддати рақобат барои дастрасӣ ба захираҳои об дар шароити афзоиши камбуди об метавонад ҳатто дар дохили як кишвар пайомадҳои манфиро ба бор орад. Маҳз ҳамин ду омил – тағйироти глобалии иқлим ва афзоиши демографӣ – чаҳорчӯба ва имконотро барои иқдомоти мо муайян хоҳанд кард» [18].

Дарвоқеъ, даҳсолаи мазкур, пеш аз ҳама, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро барои боз ҳам вусъат бахшидани ҳамкориҳо ба вуҷуд меорад ва метавон ҳалли мушкилоти мазкурро дар ҳамбастагӣ бартараф кард. Гузаронидани конфронсу симпозиумҳои сатҳи байналмилалӣ ва қабули қарору эъломия вазифаҳои мушаххасро дар назди аҳли ҷомеа мегузорад ва кишварҳои ҷаҳонро водор месозад, ки бештар ба энергияи сабз таваҷҷуҳ намоянд, ки ин омил, аз як тараф, неруи барқи аз ҷаҳати табиӣ бехатар ба аҳолиро таъмин мекунад, аз ҷониби дигар, вазъи экологии ҷаҳонро ба танзим медарорад ва мушкилоти дастарасӣ ба оби тозаро бартараф месозад.

Дар шароити бавусъати тағйирёбии иқлим, ки ҳифзи манбаъҳо ва таъмини оби тозаи ошомиданӣ ба мушкилоти асосии мардуми сайёра табдил ёфтааст, дар ин ҷода Тоҷикистон давлати ташаббускору пешгом дар сиёсати ҷаҳонӣ шинохта шудааст.

Зарурати қабули ташаббусҳои мазкур дар чист ва кадом омилҳо Президенти ҷумҳурии моро водор ба чунин амалҳои башардӯстона намудаанд? Таҳқиқу таҳил ва баррасии масъалаҳои экологӣ ва нарасидани оби ошомиданӣ зарурати пеш овардани масъалаи мазкурро ба вуҷуд овардааст ва амалишавии онҳо дар таъмини оби ошомиданӣ, ҳифзи пиряхҳо ва тағйирёбии иқлим такони ҷиддӣ мебахшад. Баъди қабул гардидани Даҳсолаи байналмилаии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» мақолаи Пешвои миллат дар маҷаллаи “Нигориши СММ” таҳти унвони “Об барои рушди устувор” (Water for Sustainable Development) ба нашр расид, ки дар он зарурати қабули ин қатънома баён гардидаанд. Дар мақолаи мазкур аҳамияти масоили об дар ҷаҳони муосир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, роҳҳои

раҳоӣ аз мушкилот мушаххас гардидаанд. Воқеан, зарурати қабули ташаббусҳои зикршуда фарогиру доманадор буда, ҳаллу бартараф намудани онҳо дар ҳамбастагии кишварҳои ҷаҳон амалӣ мегардад. Пешвои миллат ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти мазкур 5 вазифаро барои ҷомеаи ҷаҳонӣ пешниҳод кардаанд, ки иҷрои онҳо ба ҳалли мушкилоти оби сайёра мусоидат мекунанд.

Масъалаи якум, ки дар навиштаи Президенти кишвар таъкид гардидааст, маблағгузорӣ дар ин самт аст. Дар ин маврид Сарвари давлат таъкид медоранд: «…дастгирӣ намудани ташаббусҳо оид ба беҳтар намудани маблағгузории соҳаи об, аз ҷумла, истифодаи фондҳои инвеститсионии мавҷудаи ҷаҳонӣ, ба монанди Фонди иқлими сабз амали муҳим ва саривақтӣ мебошад. Ин, хусусан, ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ муҳим мебошад, зеро муайян карда шудааст, ки маблағгузорӣ дар ҳаҷми аз 15 то 30 млрд доллари ИМА барои беҳтар намудани идоракунии захираҳои об дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ метавонанд то 60 млрд доллари ИМА фоидаи соф биёрад. Дар ин маврид зиёд намудани маблағгузорӣ ба соҳаи об аз ҳисоби буҷети давлатӣ хеле муҳим мебошад» [17].

Дуюм нуктае, ки дар мақолаи Президенти кишвар таъкид гардидааст, маблағгузории бештар ба инфрасохторҳо маҳсуб меёбад. Ба таъкиди Роҳбари давлат «…азнавкунӣ ва ташкил намудани инфрасохторҳои нав, ҳамчунин, ҷалб намудани технологияҳои нав, бешубҳа, дар таъмини танзими боэътимод ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ нақши муҳим мебозад ва бад-ин минвол, дар таъмини амнияти об саҳми арзанда мегузорад. Чунончи, бунёди обанборҳои азиму миёна ва неругоҳҳои барқи обӣ имкон медиҳанд, ки танзими боэътимоди резиши об дар шароити иқлими тағйирёбанда таъмин карда шавад, неруи барқи оби арзон ва аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсол гардад, ҳудудҳо ва аҳолӣ аз офатҳои селу обхезиҳо эмин нигоҳ дошта шаванд, таъсири хушксолӣ безарар ва партофти газҳои карбон ба атмосфера камтар карда шавад» [17].

Сеюм, гузаштан ба «рушди сабз» ва муносибати муносиб ба ҳисоб меравад. Пешвои миллат зикр намудаанд, ки «захираҳои обӣ ҳамчун сарчашмаи барқароршавандаи энергия, бешубҳа, дар таъмин намудани рушди сабз, ки ҳадафи асосии он тадриҷан озод намудани иқтисодиёт аз сарчашмаҳои барқарорнашавандаи энергия мебошад, мавқеи арзанда доранд. Имрӯзҳо неруи барқи обӣ наздик ба 20% ҳаҷми истеҳсоли неруи барқи ҷаҳониро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки захираҳои мавҷуда имкон медиҳанд, ки ин нишондиҳанда ба таври хеле бисёр афзоиш дода шавад» [17].

Масъали чорум, ҷалб намудани ҷонибҳои манфиатдор ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд ба таъкиди Сарвари давлат, «таъсис додани механизми шарикии бисёрҷониба бо ҷалби ҳамаи тарафҳои манфиатдор дар муҳокимаи масъалаҳои об аҳамияти муҳим дорад, хусусан, зимни қабули қарорҳо бо назардошти манфиатҳои баробари онҳо» [17] муҳимму судманд аст.

Масъалаи панҷумро вусъати ҳамкории фаромарзӣ маънидод кардаанд. Дар ин самт «Рушди дипломатияи об барои ҳалли масъалаҳои байнидавлатӣ дар соҳаи об воситаи калидӣ» [17] мебозад.

Хушксоливу обхезиҳои солҳои охир дар ҷаҳон собит намуд, ки тағйирёбии иқлим ба умдатарин мушкилоти ҷаҳон табдил ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93 фоизи ҳудуди он кӯҳсор мебошад, дар ин самт осебпазир аст ва ҳамасола ба иқтисоди Тоҷикистон хисороти зиёди молӣ ворид гардида, дар бисёр ҳолат боиси талафоти ҷонӣ низ мешавад. Муҳаққиқ Номвар Қурбонов зикр мекунад, ки “Тоҷикистон кишвари ба тағйирёбии иқлим осебпазир ба шумор рафта, тақрибан 80 аз сади марзи ҷумҳурӣ дар минтақаҳои хатари сел ҷойгир шудаанд... Ҳамасола дар ҳудуди кишвар аз 250 то 300 офати табиии гидрометеорологӣ ба қайд гирифта мешавад, ки дар ин миён шумораи селҳо хеле зиёд аст” [9, с. 129].

Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар иҷлоси бисту ҳафтуми Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27, 07.11.2022, Миср) зикр намуданд, ки “...ҳиссаи Тоҷикистон дар ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонаӣ хеле ночиз аст ва дар ин радабандӣ кишвари мо дар ҷойи 130-ум қарор дорад, яъне, аз рӯйи андозаи пасти чунин партовҳо мавқеи пешсафро ишғол менамояд” [19].

Хуб медонем, ки сол то сол бунёди неругоҳҳои барқи обӣ дар кишвари мо вусъат меёбад ва беш аз 98 фоизи неруи барқ аз ҳисоби захираҳои барқароршаванда ба даст меояд ва дар ин самт Тоҷикистон дар ҷаҳон дар ҷойи шашум қарор дорад. Ба таъкиди муҳаққиқ Ҳ. Асоев, “Тоҷикистон аз рӯйи ихроҷи гази гулхонавӣ дар байни 211 давлати дунё мақоми 159-ум ва дар минтақаи Осиёи Марказӣ мақоми охирро ишғол менамояд. Далели мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки гази гулхонавӣ дар Тоҷикистон ба ҳар сари аҳолӣ дар муқоиса ба дигар давлатҳои мутараққии ҷаҳон панҷ маротиба камтар мебошад” [4, с. 131-132].

Бояд гуфт, ки захираҳои об дар ҷараёни тағйирёбии иқлим қарор дошта, дар оянда мушкилоти зиёдро ба вуҷуд меорад. Дар баробари ин, пиряҳҳо манбаи асосии оби тоза мебошанд ва масоили обшавии босуръати пиряхҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ, аз ҷумла, пиряхҳои Тоҷикистон, ки то 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказиро ташкил медиҳад, нигаронкунанда мебошад. Ин ҳолатро метавон бо обшавии 1000 пиряхи Тоҷикистон (аз 14 ҳазор пиряхи кишвар ҳазортояш аз байн рафтааст) дар чанд даҳсолаи охир тасдиқ намуд. Доир ба ин масъала академик М.Ф. Кобляков бар он назар аст, ки “дар Помир давоми панҷоҳ соли охир масоҳати яхбандӣ 36,4% коҳиш ёфтааст” [5, с. 241]. Пажуҳишҳои олимон собит намудааст, ки сол то сол ҳаҷми пиряхҳо коҳиш ёфта, мушкилотро бештар мекунад. Ба тасдиқи табиатшиносон, “давоми солҳои 1955-2000 ҳамасола пиряхҳо ба андозаи 0,8% коҳиш ёфта, ин нишондиҳанда алҳол 1%-ро ташкил медиҳад, ки он ба 16-21км/куб баробар мебошад” [6; 10]. Муҳаққиқ Ҳ. Аброров зикр мекунад, ки “давоми солҳои 1927-2010 масоҳати яке аз пиряхҳои калонтарини Тоҷикистон (Зарафшон) тақрибан 2 км таназзул ёфтааст” [1, с. 146].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир Барномаи давлатӣ “Оид ба омӯзиш ва нигаҳдории пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030”, “Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Нақшаи миллии фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба оқибатҳои тағйирёбии иқлим”-ро таҳия ва қабул намуд. Муҳаққиқ Н. Б. Курбонов зимни пажуҳиш муайян намудааст, ки солҳои охир “дар кӯҳсори Помиру Олой масоҳати

пиряхҳо аз 11 то 16 ва ҳаҷми онҳо аз 12 то 17 дарсад кам шудааст” [7, с. 126]. Ба ин мазмун пажуҳишгар В. Г. Коновалов зикр кардааст, ки “дар давоми ҳафтод соли охир 35% пиряхҳои Тоҷикистон аз байн рафтааст” [8, с. 101]. Тибқи пешгӯйиҳо “то соли 2050 якчанд ҳазор пиряхи Тоҷикистон аз байн рафта, масоҳати яхбандӣ дар кишварамон 20% кам ва ҳаҷми пиряхҳо 25% хурд мешавад” [13, с. 27].

Ибтикори панҷуми Тоҷикистон, эълон намудани соли 2025 - «Соли байналмилалии ҳифзи пиряҳо» такмилбахши ташаббусҳои пешин буда, зарурати нигоҳдории бойигариҳои табиатро маънидод мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун пешбарандаву ташаббускор доир ба ҳифзи пиряхҳо, тағйирёбии иқлим, ҳомии оби тоза ва кӯҳҳо дар ҷаҳон шинохта шудааст, ки ин ба татбиқи Рӯзномаи рушди устувор 2030 иртибот мегирад.

Вобаста ба қабули ташаббуси панҷуми Тоҷикистон, Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерреш ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барқияи табрикӣ ирсол намуд, ки дар он аз ҷумла, таъкид шудааст: «Ин тасдиқи муҳими эътимоди кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид ба кишвари Шумо ҳамчун пешбарандаи мавзуи ҳифзи пиряхҳо дар саросари ҷаҳон ва ҳомии нишон додани равобит миёни оби тоза, кӯҳҳо ва тағйирёбии иқлим, дар роҳи татбиқи ҳадафҳои баҳампайвасти Рӯзномаи рушди устувор 2030 мебошад” [15].

Дар робита ба ин, Мудири кулли ЮНЕСКО Одри Азуле [14], Дабири кулли Созмони ҷаҳонии ҳавошиносӣ Петтери Таалас [22] ва Раиси Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид Чаба Короши [16] ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барқияи табрикӣ ирсол намуда, нақши Пешвои миллат ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сиёсати ҷаҳонӣ муҳиму судманд арзёбӣ кардаанд .

Ин эътироф ва қадршиносии ҷомеаи ҷаҳонӣ далели он аст, ки кишвари Тоҷикистон бо роҳбарии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба ҳадафҳои олии мамлакат ва муаррифии кишвар дар ҳалли мушкилоти ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Дар доираи ин ташаббусҳо стратегия, санадҳои муҳиму зарурӣ ва ҳамкории муштарак ҷиҳати пешгирии ҳифзи ҳалли масъалаҳои пешгирӣ аз обшавии босуръати пиряхҳо, ҳифзи пиряхҳо ва истифодаи самараноки онҳо дар сатҳи глобалӣ ва минтақавӣ ҳамчун манбаъҳои асосии обҳои мусаффои ошомиданӣ мусоидат хоҳанд кард.

Дарвоқеъ, аз 22 то 24 марти соли 2023, дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико таҳти раёсати Тоҷикистон ва Подшоҳии Нидерланд кори конфронси оби СММ баргузор гардид. Чанд рӯз фазои расонаҳои хабарии дохиливу хориҷиро ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон фаро гирифта буд, ки ин ҳолат фараҳафзову ифтихорофарин мебошад. Дар ин ҷода саҳми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун бунёдгузори дипломатияи об мондагор мебошад. Таҳлилу арзёбиҳои Сарвари давлат доир ба масъалаҳои обу иқлим ва ҳифзи пиряхҳо нишон медиҳад, ки ҷаҳон дар остонаи як таҳаввулоти ҷадид дар ин самт қарор дошта, ҳамбастагии аҳли сайёраро тақозо мекунад. Масоили об ва ҳифзи пиряхҳо, ки сарчашмаи оби тоза мебошад, робитаи амиқи давлатҳоро мехоҳад ва ин амал мушаххас менамояд, ки имрӯз талабот ба оби тоза бештар мегадад ва табиат муносибати

мунсифонаро мехоҳад. Андешаҳои Президенти кишвар дар доираи факту рақам ва далелҳои раднопазири илмӣ бозгӯйи онанд, ки ҳалли мушкилоти марбут ба об амри воқеист. Шоистаи таъкид аст, ки чунин конфронси сатҳи баланд дар таърихи Созмони Милали Муттаҳид бори дувум баргузор гардид ва нахустин бор он соли 1977 дар шаҳри Мар-дел-Платаи Аргентина сурат гирифта буд. Дар ин самт он вақт ба дастовардҳои назаррас ноил гаштан мумкин аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ дар ҳамбастагӣ амал карда, ба масоили экологӣ, оби тоза ва ҳифзи пиряхҳо ҳамвора диққати ҷиддӣ зоҳир намоянд. Дар ин раванд иҷрои ҳадафу амалҳо осон набуда, татбиқи тадриҷии амалиро тақозо мекунад. Пешвои миллат зимни суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Конфронси СММ оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” (22.03.2023, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико) дар баробари баррасии ҳалли мушкилоти оби сайёра пешниҳод карданд: “Конфронси навбатии Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои об дар ҷамъбасти Даҳсолаи байналмилалии амали об соли 2028 дар Тоҷикистон баргузор карда шавад.

Ҷиҳати иҷрои амалу уҳдадориҳои мазкур, бахусус, татбиқи Рӯзномаи амали об мо пешниҳод менамоем, ки Раванди оби Душанбе ҳамчун платформаи пайгирӣ васеъ истифода карда шавад” [20].

Инчунин, Пешвои миллат зимни суханронӣ дар чорабинии канории “Харитаи роҳ барои соли 2025: Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” (22.03.2023 23:56, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико) дар баробари таҳлилу баррасии гармшавии иқлим ва обшавии пиряхҳо, ки барои ҷомеаи ҷаҳонӣ нигаронкунанда мебошад, зикр намуданд, ки “шуруъ аз соли 2025 ҷаҳон се рӯз пайи ҳам аз 21 то 23 март ҷашнҳои марбут ба об, яъне Рӯзи пиряхҳо, Рӯзи захираҳои об ва Рӯзи обуҳавошиносиро таҷлил хоҳад кард” [21].

Таҳқиқ таҳлилу муайян мекунад, ки масъалаҳои тағйирёбии иқлим, норасоии оби ошомиданӣ, ҳифзи пиряхҳо ва дигар мушкилот дар оянда ба ҷомеаи ҷаҳонӣ хатари ҷиддӣ дорад ва хисороти зиёдеро ба бор хоҳад овард. Аз ин ҷост, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбарҳои баланд масъалаи мазкурро баррасӣ намуда, роҳҳои ҳаллӣ онро пешниҳод кардаанд. Маълум аст, ки ҳодисаҳои табиатро бартараф намудан аз доираи неруи инсон берун аст, вале имкон дорад, ки онҳо пешгирӣ ва ё кам карда шаванд. Дар ин замина зарур аст, ки ба масъалаи истифодаи дурусти манбаъҳои табиат ва самараноку муфид истифода намудани онҳо эътибор диҳем. Яъне, инсонро зарур аст, ки бо табиат муросо намояд ва ҳаргиз зидди он амал накунад, ки ба гармшавии иқлим, обшавии босуръати пиряхҳо оварда расонад. Дар ин самт ҷомеаи ҷаҳониро мебояд дар ҳамбастагӣ амал кунад, ҷиҳати пайдо кардани роҳҳои ҳалли баромадан аз бунбасти экологӣ пажуҳишҳои фарогирро пешниҳод намояд. Пешниҳодҳои байналмилалии Тоҷикистон низ ба ҳамин самт нигаронида шудаанд, то кишварҳои ҷаҳон дар ин масъала маблаггузориро бештар намоянд ва хушкшавии дарёву баҳрҳоро пешгирӣ кунанд. Дар замони муосир тағйирёбии иқлим бештар ба омилҳои инсонӣ рабт мегирад ва бепарвоии одамон бо партовҳои газҳои гулхонаӣ ба гармшавии иқлим дар сайёра оварда мерасонад. Дар баробари ин, таҳқиқҳои густурда дар сатҳи ҷаҳонӣ бояд сурат гирад ва

роҳҳои пешгирии мушкилоти экологӣ нишон дода шавад. Инчунин, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои пажуҳишӣ бояд дар сатҳи баланд ҷараён гирад то муайян карда шавад, ки сабаби обшавии бусурҳати пиряхҳои кишвар кадом аст ва омилҳои пешгирии он бо истифода аз технологияи пешрафта мушаххас гардад.

Шоистаи таъкид аст, ки ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар васоити ахбори оммаи ватаниву хоричӣ ба таври фарогир инъикос ёфтаанд, ки аз як ҷониб, нақши Тоҷикистонро дар ҳалли мушкилоти глобалии ҷаҳон нишон диҳанд, аз сӯйи дигар, ба баланд шудани обрӯю эътибори кишвари мо дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон аз ҷониби пажуҳишгарону публитсистон ба таври фарогир омӯзишу таҳқиқ ва дар ин боб китобу рисолаҳои арзишманд таълиф шавад.

Воқеан ҳам, ташаббусҳои байналмилалии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи ҷаҳонӣ обрӯю нуфузи Тоҷикистонро ҳамчун кишвари озоду соҳибистиқлол баланд гардонд ва нақши Сарвари давлати тоҷиконро ҳамчун шахсияти таърихӣ дар ҳалли мушкилоти ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таври аҳсан нишон дод.

Адабиёт

1. Абороров, Х. Географо-гидрологические особенности формирования использования и охрана водных ресурсов горного Зеравшана Таджикистана. Диссертатция / Х. Абороров. – Душанбе, 2019. – 186 с.
2. Асоев, Ҳ. Роғун – машъалафрӯзи минтаҚа. Ҷилди 1 / Ҳ. Асоев. - Душанбе: Дониш, 2018. – 136 с.
3. Асоев, Ҳ. НБО-и «Роғун» – кафолати рушди устувори минтаҚа. Ҷилди 2 / Ҳ. Асоев. – Душанбе: Дониш, 2019. – 215 с.
4. Асоев, Ҳ. НБО-и «Роғун» намунае аз иқтисоди сабзи минтаҚа. Ҷилди 3 / Ҳ. Асоев. – Душанбе: Дониш, 2022. – 262 с.
5. Будыко, М. И. Климат в прошлом и будущем / М. И. Будыко. – Л., 1980. – 352 с.
6. Второе Национальное Сообщение Республики Таджикистан по Рамочной Конвенции ООН об Изменении Климата. Душанбе, 2008. – 93 с.
7. Курбонов, Н. Б. Динамика изменения метереологических условий и их вляние на водные ресурсы бассейна реки Зарафшан. Дисс. канд.тех.наук / Н. Б. Курбонов. – Душанбе, 2019. – 156 с.
8. Коновалов, В. Г. Пространственная экстапольяция и изменчивость характеристик климата на территория Центральная Азии / В. Г. Коновалов // Известия РАН. Серия географических наук. – №5. – 2003. – С. 97-106.
9. Қурбонов, Н. Нақши Тоҷикистон дар ҳифзи иқлими сайёра / Н. Қурбонов // Садои Шарқ. – №2. – Душанбе, 2023. – С. 127-132.
10. Международная конференция по региональному сотрудничеству в бассейнах трансграничных рек. Душанбе, 30.05 - 01.06.2005. – Душанбе, 2005. – С. 31-32

11. Раҳмон, Э. Уфуқҳои истиқлол / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018. – 436 с.
12. Таджикистан природа и природные ресурсы. – Душанбе: Дониш, 1982. – 603 с.
13. Ҳифзи табиат. – №1. – 2021. – 32 с.

Манбаъ

14. Азуле, О. Барқияи табрикӣ / О. Азуле // Ҷумҳурият. – 2022. – 22 декабр.
15. Гутерриш, А. Барқияи табрикӣ / А. Гутерриш // Ҷумҳурият. – 2022. – 23 декабр.
16. Короши, Ч. Барқияи табрикӣ / Ч. Короши // Ҷумҳурият. – 2022. – 22 декабр.
17. Раҳмон, Э. Об барои рушди устувор (Rahmon E.Water for Sustainable Development UN Chronicle March 2018, No. 1 Vol. LV 2018, The Quest for Water) / Э. Раҳмон // Ҷумҳурият. – 2018. – 29 март.
18. Раҳмон, Э. Таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокии бехатар аз афзалиятҳои муҳим боқӣ мемонад / Э. Раҳмон // Ҷумҳурият. – 2018. – 21 июн.
19. Раҳмон, Э. Тағйирёбии иқлим аз умдатарин мушкилоти ҷаҳон боқӣ мемонад! / Э. Раҳмон // Ҷумҳурият. – 2022. – 8 ноябр.
20. Раҳмон, Э. Бо талошҳои муштарак ба ҳадафҳои байналмилалии марбут ба об ноил хоҳем шуд! / Э. Раҳмон // Ҷумҳурият. – 2023. – 25 март.
21. Раҳмон, Э. Қадами аввал дар роҳи татбиқи қатъномаи нав / Э. Раҳмон // Ҷумҳурият. – 2023. – 25 март.
22. Таалас, П. Барқияи табрикӣ / П. Таалас // Ҷумҳурият. – 2022. – 22 декабр.

Охунзода Насруддин

МЕЖДУНАРОДНЫЕ ИНИЦИАТИВЫ ТАДЖИКИСТАНА: НЕОБХОДИМОСТЬ И ЗНАЧИМОСТЬ

В данной научной статье поэтапно проанализирован процесс становления национальной государственности и международных инициатив Таджикистана. В ходе анализа и исследований было определено, что вопросы нехватки воды, изменения климата, гор и защиты ледников относятся к числу наиболее актуальных проблем людей планеты. Эти проблемы были впервые озвучены Основателем мира и национального единства – Лидером нации, Президентом Республики Таджикистан уважаемым Эмомали Рахмоном с высокой трибуны ООН и привлекли внимание мировой общественности к этим вопросам.

В статье представлены и проанализированы пять инициатив Республики Таджикистан и показана их роль в преодолении глобальных проблем. В то же время, опираясь на выступления Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона, определены пути решения проблемы нехватки чистой воды, изменения климата и защиты ледников. Также на основе научно-теоретических работ, фактов и цифр предлагаются пути борьбы с нехваткой питьевой воды на планете и таяния ледников.

Научные анализы и исследования представлены в контексте комплексного изучения фактов и цифр, выступлений Лидера нации, что полезно и важно изучить. При этом сотрудничество всего мирового сообщества считается необходимым и важным для преодоления проблем нехватки питьевой воды, защиты ледников и изменения климата, требуются дополнительные инвестиции в предотвращение стихийных бедствий.

Ключевые слова: международные инициативы, Лидер нации, Республика Таджикистан, Организация Объединенных Наций, СМИ, анализ, исследование, обзор, питьевая вода, охрана ледников, изменение климата.

Okhunzoda Nasruddin

INTERNATIONAL INITIATIVES OF TAJIKISTAN: NECESSITY AND IMPORTANCE

This scientific article analyzes step by step the process of formation of national statehood and international initiatives of Tajikistan. In the course of analysis and research, it was determined that the issues of water scarcity, climate change, mountains and the protection of the feast are among the most pressing problems of the people of the planet. This problem was first presented by Founder of Peace and National Unity - Leader of Nations, President of the Republic of Tajikistan, Mr. Emomali Rahmon from the rostrum of the UN and drew the attention of the world community to these problems. The article presents and analyzes five initiatives of the Republic of Tajikistan and shows their role in overcoming global problems. At the same time, based on the speeches of the Leader of the Nation, the honorable Emomali Rahmon, ways to solve the problem of water shortages, climate change and protect glaciers were identified. Also, on the basis of scientific and theoretical works and facts and figures, a shortage of drinking water on the planet, the melting of glaciers and ways to combat this are proposed.

Scientific analyzes and research are presented in the context of a comprehensive study with facts and figures and speeches by the leader of the nation, which is useful and important to study. At the same time, the cooperation of the entire world community is considered necessary and important to overcome the problems of water shortage, the protection of glaciers and climate change, additional investments are required in the prevention of natural disasters.

Keywords: international initiatives, Leader of the Nation, Republic of Tajikistan, United Nations, media, analysis, research, review, drinking water, glacier protection, climate change.

ТДУ: 002+07+05+82тоҷик+9тоҷик+37тоҷик

Шарифзода Қироншоҳ

«БУХОРОИ ШАРИФ» ДАР ОСОРИ МУҲАҚҚИҚОН (замони шуравӣ – солҳои 1918-1980)

Дар мақола таваҷҷуҳи муҳаққиқону донишмандон ба нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф, сатҳу дараҷаи омӯзиш, пажуҳиш ва ишораҳои онҳо доир ба ин рӯзнома мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст.
Таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба рӯзномаи «Бухорои шариф» шартан ба чаҳор марҳила метавон ҷудо кард: солҳои 1918-1930; солҳои 1950 – нимаи аввали даҳсолаи 1980; замони Бозсозӣ (1985-1990) ва пас аз истиқлоли давлатии Тоҷикистон. Дар ин мақола ду марҳилаи аввал интихоб ва пажӯҳиш шудааст.

Аввалин маълумотҳои катбӣ оид ба нахустин нашрияи тоҷикии «Бухорои шариф» (11 марти 1912 – 2 январи 1913) ба қалами устод Садриддин Айнӣ тааллуқ дошта, барои таърихнигорону фарҳангшиносон, адабиётшиносону публитсистикашиносони минбаъда ба ҳайси манбаи муътамад хизмат кардааст. Таваҷҷуҳ ба рӯзномаи «Бухорои шариф» аз замони устод Айнӣ то ба имрӯз ба таври мунтазаму муназзам набуда, вобаста ба таҳаввулоти айём давраҳои муайяни фосилавиро дарбар гирифтааст.

Дар даврони Шуравӣ беш аз 40 нафар муҳаққиқону қаламкашони ватанию хориҷӣ, ки 17 нафарашон ба ду марҳалаи аввал рост меоянд, дар навиштаҳои худ оид ба таърихи пайдоиши «Бухорои шариф» ишора карда бошанд ҳам, аксарият ба суханони устод Айнӣ такя намудаанд. Дар баробари ин, адабиётшиносон А. Маниёзов ва Х. Мирзозода дар пажуҳишҳои худ марбут ба публитсистика ва адабиёти доир ба мундариҷаи «Бухорои шариф маълумоти нисбатан нав ироа намудаанд.
Осори муҳаққиқони замони шуравӣ бо вуҷуди камиву костӣ, барои омӯзандагону пажуҳишгарони минбаъда заминае фароҳам овард, ки ба ин падидаи таърихи фарҳанги миллӣ аз мавқеъ ва диди тоза муносибат намоянд.

Калидвожаҳо: *нашрия, рӯзнома, маҷалла, пажуҳиш, муҳаққиқон, адабиётшинос, маълумот, мавзуъ, замони шуравӣ, марҳила.*

Аз нашри нахустин рӯзномаи тоҷикӣ «Бухорои шариф», ин падидаи ҳаёти сиёсию иҷтимоии миллӣ, яксаду ёздаҳ сол сипарӣ гардид. Бо вуҷуди он ки ин рӯйдоди фавқулодда барои омӯзиши як давраи хеле пуртаззоди таърихи миллат чун заминаи маънавии худшиносии миллӣ ва пайдоиши давлати Тоҷикистон метавонад хизмат кунад ва ба ҳайси як ҳалқаи занҷири заррини фарҳанги миллӣ сазовори арҷгузорӣ бошад, ба таври комил мавриди таҳқиқу омӯзиши илмӣ қарор нагирифтааст, тӯли қариб сад сол дар зеҳни соҳибназарон мечархидааст.

Аввалин маълумотҳои расмӣ оид ба рӯзномаи «Бухорои шариф» - чун дар бораи дигар падидаҳои таърихии иҷтимоии фарҳанги миллӣ дар дарозои як аср, ба қалами устод Айнӣ тааллуқ дошта, барои таърихнигорону фарҳангшиносон, адабиётшиносону публитсистика-

шиносони минбаъда ба ҳайси манбаи муътамад хизмат кардааст. Боис ба таъкид аст, ки таваҷҷуҳ ба рӯзномаи «Бухорои шариф» аз замони устод Айнӣ то ба имрӯз ба таври мунтазаму муназзам набуда, вобаста ба таҳаввулоти айём даврахои муайяни фосилавиро дарбар гирифтааст. Бинобар ин, таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба рӯзномаи «Бухорои шариф» шартан ба чаҳор марҳила метавон даврабандӣ кард:

Марҳилаи аввал: солҳои 1918-1930;

Марҳилаи дуввум: солҳои 1950 – нимаи аввали даҳсолаи 1980;

Марҳилаи севвум: замони Бозсозӣ (1985-1990);

Марҳилаи чаҳорум: пас аз истиқлоли давлатии Тоҷикистон.

Харчанд омӯзишу пажуҳиши пурвусъати таърихи пайдоиш, тарзи фаъолият ва махсусиятҳои мундариҷаву муҳтавои «Бухорои шариф» ба ҳайси нахустин рӯзномаи тоҷикӣ дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ҷараён гирифтааст, вале заминаҳои чунин пажуҳиш хеле пештар аз ин айём, ҳануз аз солҳои охири ҳукумати амирии Бухоро оғоз гардида, даҳсолаҳои замони шуравӣ идома доштааст.

Аз ҳудуди 40 тан аз муҳаққиқону қаламкашони ватанию хориҷӣ, ки дар даврони Шуравӣ аз «Бухорои шариф ёд кардаанд, метавон Раҳим Ҳошим, Зариф Раҷабов, Холиқ Мирзозода, Муҳаммадҷони Шакурӣ, Холида Айнӣ, Соҳиб Табаров, Мансур Бобохонов, Иброҳим Усмонов, Валӣ Самад, Абдухолиқ Набавӣ, Усмонҷон Ғаффоров, Намоз Ҳотамов, Пайванд Гулмуродзода, Олимҷон Салимзода, Нӯъмонҷон Ғаффоров, Масрур Абдуллозода, Қаҳҳор Расулиён, Мурод Муродӣ, Ҳамза Боқиев, Муҳаммадиқбол Атозода, И.И.Умняков, И.С.Брагинский, А.Мираҳмадовро зикр намуд. Бояд гуфт, ки ҳамаи онҳо дар навиштаҳои худ оид ба таърихи пайдоиши «Бухорои шариф» ҳамоно ба суханони устод Айниро такя намудаанд.

Пажуҳишгарону муҳаққиқони ба ин масъала рӯ оварда ба таърихи пайдоиш, вижагиҳои мундариҷоти «Бухорои шариф» бо чӣ мақсад, аз кадом зовия, муроҷиат намудаанд, баррасӣ ва арзёбии онҳо чӣ умумият ва чӣ тафовутҳо доштааст? Дар ин мақола барои рушанӣ андохтан ба чунин суолҳо вобаста ба марҳилаҳои якум (солҳои 1918-1930) ва дуюм (солҳои 1950 – нимаи аввали даҳсолаи 1980) кӯшиш ба харҷ хоҳад рафт.

Тавре гуфтем, аввалин маълумоти катбӣ дар бораи рӯзномаи «Бухорои шариф» ба устод Айнӣ тааллуқ дорад, ки дар асари «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» (17 (4) феврали 1918 милодӣ) оид ба таъсиси ин нашрия маълумоти дақиқ додааст. Устод Айнӣ бо зикри он ки маорифпарварони Бухоро дер боз дар дил орзуи нашри як ҷарида дар Бухороро доштанд, вале ҳукумати Бухоро ташаббуси ягон кори маданиро қабул надошт, менависад: «дар санаи 1330 ҳиҷрӣ (1912 милодӣ. Ш.Қ.) аз ҳамиятмандони Бухоро Мирзомуҳйиддин Мансурзода ва Мирзосироҷи Ҳаким барои ба феъл овардани ин орзу кӯшиши балеғ карданд. Аввал соҳиби матбааи Когон, Левии яҳудиро дида, фоидаи бисёре аз нашри ҷарида ба назараш ҷилва дода, дар майдон андохтанд. Дар элчихонаи Рус он вақт Петров ва Шулка (Шулга) ном ду шахс буданд, ки ба Мирзомуҳйиддин ошноии хусусӣ доштанд. Мирзомуҳйиддин эшонро дида, қаноат кунонда, барои ривоҷ додани тиҷорату зироати Бухоро лузуми як ҷаридаи маҳаллиро фаҳмонд. Барои

итминони элчихона Ҳайдархоҷа Мирбадаловро, ки тарҷумони элчихона буд, ба мудирияти ҷарида нишон дод. Аъзои элчихона ба шарти будани ҳаққисонсурӣ бар худашон, аз ҳукумати Бухоро ба номи Левӣ ва Ҳайдархоҷа нашри ҷаридаро изн гирифта доданд. Барои муҳаррирӣ аз Боку Мирзоҷалоли Юсуфзодаро оварданд. Ҳуруфчинҳоро ҳам аз Боку оварданд. Номи ҷаридаро «Бухорои шариф ниҳода, ба забони форсӣ рақами авалашро рӯзи якшанбе, 4 Рабеъуссонии 1330 ҳиҷрӣ, мутобиқи 11 марти 1912 милодӣ нашр карданд (1, с.124).

Устод Айнӣ бо зикри ин қаноат накарда, муносибати амирро умуман ба рӯзнома «мисли як муфаттиш», аҳамияту нуфузи нашрияҳои пайдошуда, сабаби ноумед гардидани Элчихонаи рус аз матолиби интишории рӯзномаҳо ва ҳамраъйии он бо ҳукумати Бухороро низ мушаххас баён доштааст: «Чун «Бухорои шариф ва «Тӯрон диққати назари умуми аҳолии Туркистонро ба худ ҷалб карда, дар димоғи хонандагон афкори олия илҳо намудан гирифт, ин кор ба кайфи маъмурони Рус мувофиқ наафтод. Маъазолик, асбоби қонунӣ намеёфтанд, ки ҷаридаҳоро мавқуф намоянд. Зеро муҳаррирон ниҳояти ҳунармандиро ба кор бурда, дар сиёсати Рус мутлақан дахл намекарданд... Маъмурони элчихонаи Рус дар ҳар коре, ки асбоби қонунӣ наёбанд, дастовезашон ҳукумати Бухоро буд. Дар мавқуф кардани ҷаридаҳо низ ба ҳамин васила чанг заданд. Зотан, ҳукумати Бухоро изни ҷаридаро маҳз ба хотирхоҳии элчихона дода буд. Ва илло ҳеҷ намехост, ки ҳамеша мисли як муфаттиш ҳаракоти ӯро таъқибу танқид карда, дар пеши назараш ҷаридае нашр ёбад. Оқибат элчихона лузуми тавқифи ҷаридаҳоро ба амир ифҳом карда, ба идора мактубе ба ин мазмун, ки «ба хоҳиши ҷаноби олӣ ҷаридаи «Бухорои шариф ва «Тӯрон- ро аз ҳамин рӯз эътиборан (2 январи 1913. Ш.Қ.) мавқуф карда шуд, фиристод [1, с. 126-127].

Арзиши баланди маълумоти мазкур на танҳо дар қадимияти он аст – асари номбурда ба навиштаи худи С. Айнӣ 17 (4) феврали соли 1918 милодӣ дар Самарқанд анҷом ёфтааст, балки дар он низ зоҳир мегардад, ки дигар муҳаққиқони минбаъда дар зикри таърихи чоп ва суқути рӯзномаи «Бухорои шариф» ба ин навишта такя кардаанд.

Ба навиштаҳои устод Айнӣ оид ба рӯзномаи «Бухорои шариф», ки дар чандин асарҳояш бо сабабеву баҳонае ба ин мавзуъ бармегардад ва ҳар бор маълумоти тозае зам менамояд, лозим меояд такрор ба такрор баргардем, чунки ҳар мақола, ҳар тезисе дар бораи оғозгоҳи матбуоти даврии тоҷик иншо шудааст, ҳамоно ба ҳамин манбаи боэтимод такя менамояд. Устод Айнӣ шояд бо дарки пеш омадани зарурати омӯзиши ояндаи таърихи «Бухорои шариф» дар асари дигари хеш «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» (1923, вале солҳои 1920-21 пора-пора бо унвони «Таърихи силсилаи манғития, ки дар Бухоро ҳукм рондаанд» дар ҳафтаномаи «Шуълаи инқилоб» ба табъ расидааст), оид ба чӣ тавр таъсис ёфтан ва ба фаъолият пардохтани «Бухорои шариф» маълумот додааст.

Устод Айнӣ дар асараш «Таърихи инқилоби Бухоро» (ТИБ), ки дастхати онро 21 декабри соли 1920 ба охир расонида, фасли алоҳида ба мавзуи «Газетаҳои «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» ихтисос дода, таърихчаи таъсиси газетаҳои «Бухорои шариф» ва «Тӯрон», тавқифи

нашрияҳо, онҳоеро, ки ба нашри газета хизмат кардаанд ва таъсири ин ду нашрия ба ҷомеаи онвақтаро мухтасар, вале дақиқ зикр намудааст.

Ишораи дигари устод Айнӣ дар бораи рӯзномаи «Бухорои шариф» дар соли 1926 сурат гирифтааст. Ӯ дар мақолаи «Матбуоти тоҷик», ки 6 сентябри соли 1926 дар рӯзномаи «Овози тоҷик», ба ифтихори 2-солагии нашрия ба табъ расидааст, аз оғози матбуоти нави тоҷикӣ сухан ронда, аз ҷумла менависад: «… баъд аз пайдо шудани асари таҷаддуд ва навӣ дар Бухоро ва Туркистон, аввалин рӯзномае, ки аз Бухоро баромад, ба номи «Бухорои шариф»-и тоҷикӣ буд». Зимнан, дар мақолаи мазкур зикр шудааст, ки «Намунаи адабиёти ҳазорсолаи тоҷик» дар дасти табъ аст. Ишораи фавқ ду фактро дар батн дорад: аввал, унвони аслии китоб, дувум ҳанӯз (моҳи сентябри с. 1926) дар дасти чоп будани он, ки барои муҳаққиқон манбаи боэътимодест. Дарвоқеъ, зикри дигарбораи таърихи пайдоиши рӯзномаи «Бухорои шариф» аз ҷониби устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» (с. 1927), ки дар Нашриёти марказии халқҳои СССР (Маскав) ба чоп расидааст, ба масъалаи баҳсноки «оё Айнӣ дар «Бухорои шариф» иштирок дошт ё не», низ рӯшанӣ меандозад:

«Асари муҳиме, ки дар соли 1912 ба забони форсӣ ба майдон қадам ниҳод, рӯзномаи «Бухорои шариф» буд. Ин рӯзнома, дар зери таҳрири Мирзоҷалол Юсуфзодаи Қафқозӣ, аз 1912 март-11 то 1913 дуввуми январ, яксаду панҷоҳу се адад баромада, баста шуд.

Афсус, ки нусхаҳои мудаввани рӯзнома дар дастам нест, то ки порчаҳои намуна нақл намоям. Танҳо шумораи дуввуми ин ҷаридаро ба даст дорам, ки барои нишон додани забон ва тарзи баёни он аз сармақолааш сатре чанд эрод менамоям» [2, с. 325]. Устод Айнӣ пас аз шарҳи мазкур «барои нишон додани забон ва тарзи баёни он» порае аз сармақолаи «Ифтитоҳ» бо имзои «Ҷалол» (Мирзо Ҷалол Юсуфзода) - ро намуна меоварад.

Муҳаққиқи дигаре, ки дар қатори аввалинҳо аз таъсисёбӣ ва фаъолияти рӯзномаи «Бухорои шариф» сухан ба миён овардааст, шарқшиноси рус И.И. Умняков мебошад. Мақолаи калонҳаҷми ин муаллиф «К истории новометодной школы в Бухаре», ба эътирофи худаш бар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонии Агентии сиёсии Русия дар Бухоро ва ҷилди 1-и «Таърихи инқилоби Бухоро» - и устод Айнӣ (1920-1922), ки тавассути профессор А.Н. Самойлович дастрас намудааст, нигошта шудааст. Муаллифи мақола дар бораи замина ва омилҳои пайдоиши мактабҳои усули нав дар Бухоро сухан ронда, аз ҷумла қайд менамояд, ки «дарвоқеъ, барои зуд афзудани шумораи тарафдорони усули нави таҳсил ва васеъ гардидани озодии муҳокима рӯзномаҳои «Бухорои шариф» ва «Тӯрон», ки тӯли чанд моҳи соли 1912 дар Бухоро ба табъ мерасиданд, ба хубӣ мусоидат намуданд» [15, с. 90]. И.И. Умняков бо назардошти фаҳмотар шудани асли масъала барои хонандагони русзабон, дар поварақ аз таърихи таъсисёбӣ ва муассисони «Бухорои шариф» шарҳи мафассале нигоштааст, ки дарвоқеъ, бозгуфти маълумоти «Таърихи инқилоби Бухоро» - и устод Айнӣ аст. Бо вуҷуди ин, иттилои дар бораи «Бухорои шариф» пешниҳод намудаи ин муаллиф аввалан, аз назари замони чопи мақола аз аҳамияти вижа бархурдор аст ва дувум, барои муҳаққиқони русзабон ва алоқамандони хориҷии русидони фарҳанги тоҷик ба ҳайси маълумоти муътамад метавонад хизмат кунад.

Мақолаи рӯзноманигор ва мунаққиди маъруфи солҳои 30-юми асри гузашта Обид Исматӣ «Як нигоҳ ба матбуоти инқилобии тоҷик» дар маҷаллаи «Раҳбари дониш аслан ба муносибати 5-солагии газетаи «Овози тоҷик» навишта шудааст, вале зимнан руҷуи таърихӣ ба чоряк асри гузаштаи матбуоти тоҷикро мемонад. Дар мақола ба матбуоти нави тоҷик, яъне нашрияҳои замони шуравӣ чун «матбуоти инқилобӣ, «матбуоти сурх таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардида бошад, матбуоти тоинқилобии тоҷик, аз ҷумла «Бухорои шариф», ҳамчун нашрияи «паҳнкунандаи фикри ҷадидон – мунавварфикрони буржуозӣ», «пешбарандаи мафкураи бойҳо, омӯхтани ватан ва миллатпарастӣ, ривоҷ додани дини ислом» [8, с. 3] муаррифӣ гардидааст. Чунин арзёбӣ дар нисбати нахустин нашрияи тоҷикӣ аз фаҳмиши имрӯз чандон ғалат ҳам набошад, вале аз мавқеи баҳодиҳии таблиғоти он замон ҳадафи танқидӣ дошт.

Дигар маълумоти қадимтари дастрас навиштаи адабиётшиноси маъруф Раҳим Ҳошим аст, ки ба соли 1932 рост меояд. Раҳим Ҳошим дар мақолаи «Ба газетачигии мо як назар (Ба муносибати 20-солагии баромадани якумин газетаи тоҷикӣ «Бухорои шариф»), ки дар маҷмӯаи бахшида ба 8-солагии рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» - «Овози тоҷик» ба табъ расидааст, дар пайи шарҳи пайдоиши нашрияҳои ҷадидон дар Осиёи Миёна «ба хотири ба вуҷуд овардани фикри алоҳида ва мулоҳизаҳои дигар», менависад: «Бинобар набудани газетаҳои форсӣ-тоҷикӣ дар ҷоҳои тоҷикнишин як камбудӣ ҳис карда шуд. Хусусан дар Бухоро, ки забони аҳолии шаҳр ва атрофаш тоҷикист, ин нуқсон аз ҳама зиёдтар ҳис карда мешуд.

Барои ҳамин, читавр гуфтем, барои васеътар паҳн кардани мақсадҳои худашон намояндагони буржуазияи савдо ва саноати Бухоро ба баровардани як рӯзномаи тоҷикӣ иқдом карданд.

Аввалин рӯзномаи форсӣ-тоҷикӣ, ки 20 сол пеш аз ин дар Осиёи Миёна бароварда шудааст, «Бухорои шариф» ном рӯзномаест, ки ба сифати ношири афкори Ҷавонбухориён шинохтан мумкин аст» [16, с. 10]. Раҳим Ҳошим баъди ин маълумоти муҳим, ки «Бухорои шариф»-ро «ношири афкори ҷавонбухороиён» муаррифӣ мекунад, «бинобар аҳамият ва усули кори он давраро нишон доданаш, баъзе ҷоҳои» асари «Бухоро инқилоби таърихи учун материаллар»-и устод Айниро вобаста ба «тарзи бароварда шудан ва таъсиси газетаро» дар тарҷума аз туркӣ меоварад [16, с.10-12] ва ба чоп расидани «Бухорои шариф»-ро рӯйдоди ҷашнӣ меҳисобад: «Бухорои шариф» дар соли 1912 баромада буд. Имсол ҷашни 20-солагии баромадани якумин рӯзномаи тоҷикӣ дар Осиёи Миёна аст.... Инқилоби Кабири Октябрро архиви газетачигии тоҷикии ҷадидон фақат бо 153 нусха «Бухорои шариф» ва мақолаҳои бисёр ками тоҷикӣ дар газетаву журналҳо («Оина», «Самарқанд», дар назар аст. Ш.Қ.), истиқбол намуд» [16, с. 16].

Дар ин мақолаи Раҳим Ҳошим бар замми таъкиди нахустин нашрияи тоҷикӣ будани «Бухорои шариф» ва «20-солагии ҷашни баромадани якумин рӯзномаи тоҷикӣ дар Осиёи Миёна» будани ин сол, маълумоти арзишманде дар бораи мушаххасоти рӯзнома низ зикр гардидааст: «Рӯзнома («Бухорои шариф») бо ҳаҷми калон, бо ҳарфи мехӣ дар чаҳор саҳифа чоп мешавад». Аз навиштаи Раҳим Ҳошим низ

бармеояд, ки он солҳо нусхаҳои «Бухорои шариф» ҳануз дар куҷое, ба тарзе нигаҳдорӣ шудаву барои аҳли мутолиа дастрас будааст: «… Дар шумораҳое, ки мо аз назар гузаронидем, бисёртар мақолаҳои характери ахлоқӣ ва майишӣ ва ғайраҳо чоп карда шудаанд». Ҳамзамон муаллиф бо таассуф менигорад, ки «мутаассифона, ба ғайр аз имзоҳои мустаор имзоҳои кушодаи нависандагони бухориро дидан муяссар нашуд, бинобар ин, дар бораи касони иштироккунанда ҳеҷ чиз нависонда наметавонем» [16, с. 17].

Баъди навиштаҳои болоии Раҳим Ҳошим, дар осори муҳаққиқон то нимаи дуюми солҳои 50-ум оид ба рӯзномаи «Бухорои шариф» қайде ё ишорае бароямон дастрас нашуд. Сабаби воқеии «фаромуш шудани» нахустин рӯзномаи тоҷикӣ ё танаффуси мадид дар ростои таҳқиқи таърихи «Бухорои шариф» ҳарчанд ошкор нест, вале тахмин задан мумкин аст, ки дар ин масъала се омил таъсиргузор бошад:

1) Дар ин миён бар асари ду маротиба тағйир ёфтани алифбои форсии тоҷикӣ (ба лотинӣ – с.1930 ва ба кириллӣ – с. 1940), ҷалби таваҷҷуҳи аҳли зиё ба тарғибу татбиқи ин навовариҳо, ки камтар таваҷҷуҳ намудан ба осори бо хати форсӣ иншошударо («Бухорои шариф») ба дунбол дошт;

2) Муборизаи беамони идеологияи шуравӣ бо осори ниёгон таҳти шиори «боқимондаҳои бою феодалӣ», «куҳнапарастӣ», динситезӣ ва дур кашидани афкори мардуми ҷумҳуриҳои миллӣ аз суннатҳои фарҳангӣ, ки дар осори катбӣ, аз ҷумла дар нашрияҳои тошӯравӣ («Бухорои шариф»), инъикос ёфта буданд;

3) Тақозои давр – мутамарказ намудани таваҷҷуҳи аҳли илму адаб ба тарғиби бартариҳои сохти шӯравӣ, душмани синфӣ эълон шудани намояндагони буржуазияи навхез ва маҳсули афкори буржуазӣ, аз ҷумла нашрияҳои тошӯравии Осиёи Миёна, ки аксаран нашрияҳои ҷадидӣ буданд, барои дар ин бора гуфтану навиштан ба муҳаққиқон имкону иҷоза намедод.

Поёни солҳои 50-ум вобаста ба таҳаввулоти сиёсию иҷтимоӣ дар идораи давлати Шуравӣ – «нармшавии» фазои сиёсӣ ва фарҳангии кишвар ба соҳаи илм низ таъсири мусбат расонд, яъне барои як давраи муайян озодии нисбии эҷоди илмӣ фароҳам омад, ки ин фазо бахусус барои татқиқу пажуҳишҳои адабиёту фарҳанги ҷумҳуриҳои миллӣ созгор буд. Муроҷиати дигарбора ба осори адабиёти классикӣ, аз ҷумла ба матбуоти тошӯравии тоҷик пас аз ду даҳсолаи танаффус, дар ҳамин солҳо сурат гирифт.

Дар асари адабиётшиноси маъруф И. С. Брагинский «Очерки из истории таджикской литературы» (с.1956), оид ба рӯзномаи «Бухорои шариф» чунин маълумоте сабт шудааст: «Дар Осиёи Миёна матбуоти ҷадидӣ аз рӯи анъана ба забони ӯзбекӣ нашр мешуд, вале рӯзномаи ҷадидии тоҷикӣ «Бухорои шариф» ҳам буд.

«Бухорои шариф» дар Бухоро (Когон) ба забони ӯзбекӣ ва тоҷикӣ аз 11 марти с.1912 ҳафтае се маротиба чоп мешуд» [4, с. 396- 397].

Хушбахтона, пас аз панҷ сол ӯ дар мақолаи хеш «Изучение таджикско – ӯзбек ский литературных связей» хатояшро ислоҳ намуда навиштааст: «Дар Осиёи Миёна матбуоти ҷадидӣ аз рӯйи анъана ба

забони ӯзбекӣ нашр мешуд, вале рӯзномаи ҷадидии тоҷикӣ «Бухорои шариф ҳам буд [5, с.50].

И. С. Брагинский дар асарҳои ҷудогонааш ду бори дигар (1972, 1978), «Бухорои шариф-ро ёдоварӣ намудааст, вале аз чӣ бошад, ки дар ишораҳояш боз ба нофаҳмиҳо роҳ додааст. Аз ҷумла ӯ дар асари «Из истории таджикской и персидской литератур» «Бухорои шариф»-ро на рӯзнома, балки журнал (маҷалла) гуфтааст. «Журнали «Бухорои шариф» дар Бухорои нав (Когон) аз 11 марти соли 1912 ба забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ ҳафтае се бор ба нашр мерасид. Муҳаррираш Мирзоҷалол Юсуфзода (аз Боку) буд» [6, с. 443] Мавсуф дар китоби ба ҳаёт ва эҷодиёти устод Айнӣ бахшидааш «Бухорои шариф»-ро нашрияи дорои руҳияи пантуркистӣ муаррифӣ намудааст: «Рӯзномаҳо («Бухорои шариф» ва «Тӯрон». Ш.Қ.) тахминан ҳафтае се борӣ ба табъ расида, асосан характери пантуркистӣ доштанд» [7, с. 58].

Аз чунин навиштаҳои зидду нақизи И.С. Брагинский ва баъзе муҳаққиқони дигар фикре ба сар мезанад, ки ақаллан ба нашрияе таърихӣ («Бухорои шариф») назари иҷмолӣ наандохта, гоҳо матолиби нашрияро ақаллан сар-сарӣ мутолиа нокарда, хулосабарорӣ намудан оё ба усули ҳақиқати илмӣ то куҷо рост меомада бошад?

Осори муҳаққиқони солҳои минбаъда собит менамояд, ки ба ҳар ҳол, «дасту дили онҳое, ки ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи рӯзномаи мазкур камар бастанӣ буданд, сард нашуд», баръакс, таваҷҷуҳ ба «Бухорои шариф» хислати нисбатан мунтазам пайдо кард.

Адабиётшинос Абдуқодир Маниёзов дар асари «Публитсистика ва назми устод Айнӣ» «дар рӯзномаҳои маҳаллии ҷадидии «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» … дарҷ гардидани чанде аз шеърҳои ӯро (Айниро)» тахмин зада бошад [9, с.74], пас аз ду сол дар мақолаи «Даҳои адабиёти рус» вобаста ба оламшумулии эҷодиёти адиби маъруфи рус Л.Н. Толстой, нақши рӯзномаи «Бухорои шариф»-ро дар амри нашри намунаҳои осори тарҷумашудаи ин адиби машҳур баланд арзёбӣ менамояд [10, 123-124]. Маълумоти А. Маниёзов дар бораи ба чоп расонидани намунаҳои аввалин тарҷумаҳои тоҷикии Л.Н.Толстой дар рӯзномаи «Бухорои шариф», ки дарвоқеъ 12 ҳикояи адиб тӯли моҳҳои апрел-августи 1912 бо имзои мустаори «Р.И.» бозчоп шудааст, бар замми огоҳии пуарзиш будан, дар он давра аҳамияти баланди сиёсию илмӣ низ дошт. Чун бар иллати падидаи иртиҷоӣ эълон шудани ҷунбиши ҷадидия ва осори адибони он давра, афкори иҷтимоии ҷадидон ба ҳукми фаромушӣ рафта буд ва бо маънои нашрияи пешқадам ёдрас шудани рӯзномаи «Бухорои шариф» аз муҳаққиқон ҷасорати илмӣ тақозо мекард. А. Маниёзов бо сабаби бисёр мувофиқ – нишон додани ҷойгоҳи осори башардӯстонаи адиби классики рус Л.Н.Толстой дар хотираи таърихии халқҳои дигар, осори ба забони тоҷикӣ тарҷумашудаи «даҳои адабиёти рус», ифтихормандона аз шарофати рӯзномаи «Бухорои шариф» ба ҳайси нашрияе, ки Толстойро ба мардуми тоҷик шинос намудааст, сухан ба миён овардааст.

Зариф Раҷабов дар мавриди ташаккули афкори ҷамъиятию сиёсии халқи тоҷик дар оғози асри ХХ мулоҳиза ронда, мафкураи буржуазияи маҳаллии миллӣ ба вуҷуд омада, яъне ҷадидизмро як қувваи реаксионӣ меҳисобад, ки дар мавқеи ислом меистод: «Айнӣ ин адабиётро («китобҳои афсонавии динӣ» Ш.Қ.), ки фикри касро вайрон мекунад,

тамоман рад намуда, ҳамаи хонандагонро ба китоб, газета ва журналҳои ҳозиразамон даъват менамояд. Бинобар ин аст, ки дар соли 1913 бо фармони амири Бухоро баста шудани газетаи «Тӯрон» ба Айнӣ сахт алам мекунад» [13, с. 277]. З. Рақабов ин фикри хешро дар поварақ чунин шарҳ додааст: «Аз 14/VII соли 1912 то 1-уми январи соли 1913 дар Когон Тӯрон» ном як газетаи ӯзбекӣ мебаромад. Чун ин газета дар Бухоро ягона рӯзномаи чопӣ буд, Айнӣ маҷбур аст, ки дар бораи он мусбат фикр кунад» [13, с. 373]. Аз чунин арзёбии муҳаққиқ бармеояд, ки ӯ дар бораи мавҷуд будани нашрияи тоҷикии «Бухорои шариф дарак надоштааст.

Профессор Холиқ Мирзозода аз зумраи камшумори олимони тоҷик аст, ки солҳои 70-ум бар хилофи нодида гирифтани заҳмату корномаи рушангароёнаи маорифпарварон ва ақидаи ҳукмрони «ҷунбиши иртиҷоӣ будани ҷадидия», ба масъалаҳои саҳми адибони ин давра дар ташаккули афкори иҷтимоӣ ва рушду такомули адабиёти тоҷик гуфтаасту навиштааст. Ӯ ҳануз соли 1973 дар асараш «Адабиёт аз нуқтаи назари ҳаёт» зимни овардани намунаҳои шеър аз Мирзосироҷи Ҳаким, аз «Бухорои шариф» ёд карда бошад, соли 1974 дар мақолаи «Абдурауф Фитрати Бухороӣ» дар зимни таҳлили шеърҳои соли 1914 эҷодшудаи Фитрат, бо овардани намунаи шеъре бо матлаи «Ҷамъе ба тори зулфи паричеҳрагон асир, Ёди нигоҳи масти бутонро пиёлагир», ки Фитрат чун куҳнапарастӣ дар шеър танқид кардааст, менависад: «Танқиди шоири навовару маорифпарвар ба адибони услубу ҷаҳонбинии куҳна, ки масъалаҳои манфиати миллии халқу ватан ва тараққиёти илму маданиятро як сӯ гузошта, ба доми зулфи ёру ҷонон гирифтор шуда, аз он гирдоб ва сарбастагӣ берун баромада наметавонистанд, хеле ҷолиби диққат аст», вале ҳамзамон дар поварақ ишорае дорад, ки «ин фикри Фитрат нав нест, онро Мирзосироҷ ва Юсуфзодаи қафқозӣ ду сол пеш аз ин, дар соли 1912 дар рӯзномаи «Бухорои шариф» бардошта буданд» [11, 16].

Ишораҳои дигари ин муҳаққиқ ба «Бухорои шариф» (соли 1984) низ дар пайи таҳқиқи ашъори адабиёти ҷадида, дар мисоли шеърҳои батабърасонидаи рӯзнома сурат гирифтааст. Муҳаққиқ бо таъкиди он ки «лирикаи ишқии анъанавӣ дар шароити ибтидои асри XX маорифпарваронро қаноат кунонида натавонист. Баъзе нависандагон ба муқобили лирикаи ишқии гузашта овози эътироз баланд карданд», ба шеъри «Ҷавоби мутоиба»-и Мирзосироҷ («Бухорои шариф», 1912, №44, 28 апрел) рӯ меоварад: «Мирзосироҷи Ҳаким шоиронро ба ғояву услуби нави шоирӣ даъват кард, ки ин аз хизмат кардан ба Ватан ва тарғиби маорифу маданияти нав иборат аст. Байти «Услуби дигар кунем бунёд, Созем равони Рӯдакӣ шод» бар зидди он таклидкорони Бедил равона шудааст, ки ҳунару истеъдодашонро асосан ба пайравии шакли шеъри ӯ ба харҷ дода, назмро ба ҳамин восита аз мудохила ба мазмуни ҳаётӣ боздоштанд» [12, 136-137].

Солҳои 70-ум дар осори энсиклопедӣ пайдо шудани маълумотҳо оид ба «Бухорои шариф» бо вуҷуди ноқис будан, дар амри таъкиди ҷойгоҳи нахустин рӯзномаи тоҷикӣ дар афкори сиёсию иҷтимоии минтақа, аз аҳамияти вижа бархурдор аст. Агар дар «Ӯзбек совет энциклопедияси» «Бухорои шариф» рӯзномаи тоҷикӣ, «дар саҳифаҳои он аз боби маориф, аҳволи мактабу мадрасаҳо маводи ҷолиб, намунаи асарҳои адабию бадеӣ, ҳамчунин ахбори ҷаҳон муттасил чоп мешуд»

қайд гардида, вале бе далел иштироки устод Айнӣ бо асарҳои худ дар рӯзнома таъкид шуда бошад [14, с. 540-541], дар «Энсиклопедияи советии Тоҷик» тибқи тақозои давр, албатта он солҳо бо маънои танқидӣ, лек аз назари имрӯз тезиси воқеи пеш гузошта шудааст: «рӯзнома …фикру ақидаҳои ҷадидҳоро тарғиб менамуд». Вале дар ин ҷо низ ширкати устод Айнӣ «бо мақолаҳои доир ба маориф ва мактаб» такрор шуда, баръакс, аз дастандаркорони аслии «Бухорои шариф» Мирзоҷалол Юсуфзода, Мирзомуҳйиддин Мансурзода, Мирзо Ғаффор сухане намеравад [17, с. 557-558].

Тавре аз таҳлилҳо маълум гардид, 17 тан аз аҳли илму адаби замони Шуравӣ, ки миёнашон намояндагони илми рус ва ӯзбек низ ҳастанд, ба «Бухорои шариф» дар тӯли ин ду марҳила: солҳои 20-уму 30-юми асри ХХ; ва солҳои 50 - нимаи авали солҳои 80-и асри ХХ дар осори таҳқиқии хеш аз нахустин нашрияи тоҷикии «Бухорои шарифсухан пеш овардаанд. Омӯзиш ва таҳқиқи осори онҳо ба мо имкон дод, ки дар фарҷом чунин натиҷаҳоро ҳосил намоем:

– Тавре гуфтем, аввалин маълумотҳои катбӣ дар бораи рӯзномаи «Бухорои шариф» ба қалами устод Айнӣ тааллуқ дорад, ки дар асарҳои «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» (17 (4) феврали 1918 милодӣ), «Таърихи инқилоби Бухоро», ки дастхати он 21 декабри соли 1920 ба охир расидааст (чопаш дар соли 1926 сурат гирифтааст), мақолаи «Матбуоти тоҷик», ки 6 сентябри соли 1926 дар рӯзномаи «Овози тоҷик», ба ифтихори 2-солагии нашрия ба табъ расидааст, «Намунаи адабиёти тоҷик» (с. 1927), оид ба таърихи таъсису басташавӣ, муассисон ва дастандаркорони «Бухорои шариф» маълумоти дақиқ додааст;

– Навиштаҳои марҳилавии замони Шуравӣ дар бораи «Бухорои шариф, бо вуҷуди аҳамияти бузурги таърихӣ доштан, аз таъсири идеологияи ҳукмрони давр - танқиди урёни замони тошуравӣ ва сохти феодалӣ, тарғиби бартарияти замони нав ва сохти сотсиалистӣ орӣ буда наметавонистанд;

– Навиштаҳо дар бораи «Бухорои шариф ҳам аз ҷиҳати ҳаҷм ва ҳам муҳтаво як хел набуда, аз як ҷумла маълумоти огоҳӣ то мақолаи алоҳидаро дарбар мегиранд ва аксар хислати муаррифӣ доранд;

– Теъдоде аз навиштаҳои муаллифон дар асарҳои илмӣ (И.И. Умняков, И.С. Брагинский, Зариф Раҷабов, Холиқ Мирзозода, Абдуқодир Маниёзов) чоп шуда бошанд, қисми дигар асарҳои хусусияти илмию оммавӣ дошта, дар қолаби мақолаи рӯзномаю маҷаллаҳо ба табъ расида (Обид Исматӣ, Раҳим Ҳошим), бар замми хусусияти иттилоотӣ доштан, бо арзёбии мавзуъ ва мулоҳизаҳои ҷолибашон хислати илмӣ низ пайдо кардаанд;

– Муаллифони осори илмӣ ва илмию оммавии фарогири маълумот дар бораи «Бухорои шариф ба инъикоси мавзуъ аз мавқеи илми таъриху адабиётшиносӣ даст зада бошанд, муаллифони мақолоти дар матбуоти даврӣ ба табъ расида бо ҳадафи мушаххас намудани мақсаду вазифаҳо, мундариҷаву муҳтавои нашрияи нахустини тоҷикӣ қалам рондаанд.

– Бо вуҷуди камиву костӣ, ки аз дастрас набудани шумораҳои «Бухорои шариф бармеояд, осори муҳаққиқони замони шуравӣ барои омӯзандагону пажуҳишгарони минбаъда заминае фароҳам овард, ки ба

ин падидаи таърихи фарҳанги миллӣ аз мавқеи диди тоза муносибат намоянд.

Адабиёт

1. Айнӣ, С. Куллиёт, Ҷ.14 / С. Айнӣ. – Душанбе: Матбуот, 2005. – 270 с.
2. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик / С. Айнӣ Куллиёт, ҷилди 16 (Таҳия ва нашри китоб бо кӯшиш ва зери назари К. Айнӣ ва Н. Қосим).– Душанбе: 2010.– 420 с.
3. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби Бухоро (Баргардонанда аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ ва мураттиб Р.Ҳошим) / С. Айнӣ.– Душанбе: Адабиёти бачагона, 2017. – 240 с.
4. Брагинский И. С. Очерки из истории таджикской литературы. (Отв. редактор М.Турсунзода) / И. Брагинский. –Сталинабад, 1956. – 452 с.
5. Брагинский И. С. Изучение таджикско – ӯзбек ский литературных связей // Взаимосвязи литератур Востока и Запада. – М., 1961.
6. Брагинский И.С. Из истории таджикской и персидской литератур. (Отв.редактор Б.Г. Гафуров) / И. Брагинский. – Москва: Наука, 1972. – 524 с.
7. Брагинский И. С. Садриддин Айни. Жизнь и творчество. 2-изд. / И Брагинский. – Душанбе, 1978. – 248 с.
8. Исматӣ, О. Як нигоҳ ба матбуоти инқилобии тоҷикӣ (ба муносибати тӯйи 5-солагии газетаи «Овози тоҷик») / О. Исматӣ // Раҳбари дониш. –1929.–№9 (24).– С. 3-5.
9. Маниёзов А. Публитсистика ва назми устод Айнӣ. (Муҳаррир М. Шукуров) / А. Маниёзов. – Сталинобод: Нашр.дав.тоҷ., 1958. – 151 с.
10. Маниёзов А. Даҳои адабиёти рус // Шарқи сурх. – 1960. – №11. – С.123-134.
11. Мирзозода Х. Абдурауф Фитрати Бухорой / Чанд мулоҳизаи адабӣ. Маҷмуаи илмӣ, ҷилди 92. – Душанбе, 1974. – С. 3-31.
12. Мирзозода Х., Сайфуллоев А., Абдуманннов А. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Назму насри солҳои 20. Ҷ.1. / Х. Мирзозода, А. Абдурахмонов. – Душанбе: Дониш, 1984. – 356 с.
13. Раҷабов З. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуйуми асри XIX ва аввали асри XX / З. Раҷабов.– Сталинобод: Нашр. Давл. Тоҷикистон, 1959. – 446 с.
14. Ӯзбек совет Энсиклопедияси. 2 Т. –Тошкент, 1974. – С.540-541.
15. Умняков И.И. К истории новометодной школы в Бухаре // Бюллетень Средне - Азиатского Государственного Университета, Выпуск 16. –Ташкент, 1927. – С.81-98.
16. Ҳошим Р. Ба газетачигии мо як назар (Ба муносибати 20-солагии баромадани якумин газетаи тоҷикӣ «Бухорои шариф» // Сборник посвящен 8-летию «Хакикати Ӯзбек истон». –Т., 1932.– 16 с.
17. Энсиклопедияи советии Тоҷик. Ҷ.1.– Душанбе, 1978. – С.557-558.

Шарифзода Кироншох

«БУХОРОИ ШАРИФ» В ТРУДАХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ (советский период 1918-1980 гг.)

В статье исследуются и обсуждаются причины внимания исследователей и ученых к первой таджикской газете «Бухорои шариф» («Священная Бухара»), уровень их исследований, изысканий и упоминаний относительно этой газеты.

Внимание исследователей к газете «Бухорои шариф» можно условно разделить на четыре этапа: 1918 – 1930-е годы; 1950-е – первая половина 1980-х гг.; период Перестройки (1985 – 1990 гг.) и после обретения Таджикистаном независимости. В данной статье выделены и исследованы первые два этапа.

Первые письменные сведения о первом таджикском издании «Бухорои шариф» – (11 марта 1912 г. – 2 января 1913 г.) были написаны устодом Садриддином Айни и послужили достоверным источником для последующих исследований историков, культурологов, литературоведов и публицистиковедов. Внимание к газете «Бухорои шариф» со времен устода Айни до сих пор не было регулярным и постоянным, в зависимости от событий времени оно включало в себя определенные прерывистые периоды.

В советское время более 40 отечественных и зарубежных исследователей и писателей, 17 из которых относятся к первым двум этапам, упоминали в своих трудах об истории возникновения и функционирования «Бухорои шариф», но большинство из них опирались на сведения устода Айни. В то же время литературоведы А. Маниязов и Х. Мирзозода в своих исследованиях представили относительно новую информацию, относящуюся к публицистике и литературе, содержащейся в «Бухорои шариф».

Таким образом, автор данной статьи разделяет подход исследователей к газете «Бухорои шариф» на четыре этапа, рассматривает особенности работы исследователей советского периода на первом этапе (1918 – 30-е гг. XX в.), и втором этапе (50-е годы – первая половина 80-х гг. XX в.)

Ключевые слова: издание, газета, журнал, исследование, исследователи, литературовед, сведения, тема, советское время, этапы.

Sharifzoda Qironshoh

"BUKHOROI SHARIF" IN THE WORKS OF RESEARCHERS (Soviet period 1918-1980)

The article explores and discusses the reasons for the attention of researchers and scientists to the first Tajik newspaper "Bukhoroi Sharif" ("Holy Bukhara"), the level of their research, research and references to this newspaper.

The attention of researchers to the newspaper "Bukhoroi Sharif" can be conditionally divided into four stages: 1918-1930s; 1950s - first half of 1980s;

the period of Perestroika (1985-1990) and after Tajikistan gained independence. In this article, the first two stages are identified and investigated.

The first written information about the first Tajik edition of "Bukhoroi Sharif" - (March 11, 1912 - January 2, 1913) was written by Sadriddin Aini and served as a reliable source for subsequent studies of historians, cultural studies, literary and publicist scholars. Attention to the newspaper "Bukhoroi Sharif" from the time of Ayni's tenure has not been regular and constant until now, depending on the events of the time, it included certain intermittent periods.

In Soviet times, more than 40 domestic and foreign researchers and writers, 17 of whom belong to the first two stages, mentioned in their works the history of the emergence and functioning of "Bukhoroi Sharif", but most of them relied on the information of S. Aini. At the same time, literary critics A. Maniyazov and H. Mirzozoda in their studies presented relatively new information related to journalism and literature on the content of "Bukhoroi Sharif".

Thus, the author of this article divides the approach of researchers to the newspaper "Bukhoroi Sharif" into four stages, considers the features of the work of researchers of the Soviet period at the first stage (1918-30s of the XX century) and the second stage (50s - the first half of the 80s of the XX century)

Keywords: publications, newspaper, "Bukhoroi Sharif", researchers, literary criticism, information, topic, Soviet times, stages.

МУАЛЛИФОН

Абдуназаров Асламбек – омӯзгори калони кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.
Аминов Абдулфаттоҳ – номзади илми филология, директори ПИТФИ.
Давлатов Фармон – мудири шуъбаи фарҳанг ва санъатшиносии ПИТФИ.
Комилзода Шариф – номзади илмҳои педагогӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи фаъолияти китобдории ПИТФИ.
Муродӣ Мурод – доктори илми филология, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ходими пешбари илмии ПИТФИ.
Наимов Саломуддин – мудири шуъбаи фаъолияти китобдории ПИТФИ.
Нурматзода Ҳасан – номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи фарҳангшиносӣ ва осорхонашиносии МДТ Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода,
Обидпур Ҷӯрахон – ходими пешбари илмии шуъбаи илм-методии ПИТФИ, профессор.
Охунзода Насруддин – намзади илми филология, ходими калони илмии шуъбаи ВАО ва табъу нашри ПИТФИ.
Пиров Сироҷиддин – номзади илмҳои педагогӣ, ходими калони илмии Маркази мероси фарҳанги тоҷикони ПИТФИ.
Шарифзода Қироншоҳ – муаллими калони кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Ҷурғосиев Муллоаҳмадшо – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.
Эшонов Мирзоҳабиб – доктори PhD-и Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ.

АВТОРЫ

Абдуназаров Асламбек – преподаватель кафедры философии и политологии Таджикского аграрного универиситета имени Шириншо Шотемура.
Аминов Абдулфаттох – кандидат филологических наук, директор ПИТФИ.
Давлатов Фармон – заведующий отделом культуры и искусствоведения НИИКИ.
Джургосиев Муллоахмадшо – кандидат филологических наук, доцент кафедры философии и политологии Таджикского аграрного университета имени Шириншо Шотемура.
Комилзода Шариф – кандидат педагогических наук, ведущий научный сотрудник отдела библиотечной деятельности НИИКИ.
Муроди Мурод – доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального Университета, ведущий научный сотрудник НИИКИ.
Наимов Саломуддин – заведующий отделом библиотечной деятельности НИИКИ.

Нурматзода Хасан – кандидат исторических наук, заведующий кафедрой культурологии и музееведения ГОУ «Таджикский государственный институт культуры и искусств имени М. Турсунзаде».
Обидпур Джурахон – старший научный сотрудник научно-методического отдела НИИКИ, профессор.
Охунзода Насруддин – кандидат филологических наук, старший научный сотрудник отдела СМИ и издательского дела НИИКИ.
Шарифзода Кироншох – старший преподаватель кафедры печати Таджикского национального Университета.
Эшанов Мирзохабиб – доктор PhD Института истории, археологии и этнографии имени А. Дониша НАНТ.

AUTHORS

Abdunazarov Aslambek – Teacher of the Department of Philosophy and Political Science of the Tajik Agrarian University named after Shirinsho Shotemur.
Aminov Abdufattoh – Director of the Research Institute of Culture and Information.
Davlatov Farmon – Head of the Department of Art and Cultural studies of the RICI.
Jurgosiev Mulloahmadsho – Candidate of philological sciences, Associate Professor of the Department of Philosophy and Political Science of the Tajik Agrarian University named after Shirinsho Shotemur.
Komilzoda Sharif – Candidate in pedagogical sciences, Leading scientific worker at the Department of Library activities of the RICI.
Murodi Murod – Doctor of philological sciences, Professor of Department of Publishing issues of the Tajik National University, Leading scientific worker of the RICI.
Naimov Salomuddin – Head of the Department of Library activities of the RICI.
Nurmatzoda Hasan – Head of the Department of Cultural Studies and Museum Studies of the Tajik State Institute of Culture and Arts named after M. Tursunzade.
Obidpur Juraxon – Professor**,** Leading scientific worker at the Department of educational organization of the RICI, Professor.
Okhunzoda Nasriddin – Candidate in philological sciences, leading scientific worker at the Department of Mass Media and Publishing issues of the RICI.
Pirov Sirojiddin – Candidate of pedagogical sciences, Senior researcher of the Center of the Tajik Culture of the RICI.
Sharifzoda Qironsho – Senior teacher of the Department of Press, Faculty of Journalism of the TNU.
Eshanov Mirzohabib – PhD, researcher in the Institute of History, Archeology and Ethnography named after Ahmadi Donish, of the NAST.

МУНДАРИҶА

Фарҳангшиносӣ

Ҷурғосиев М., Абдуназаров А. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар эҳёи ҷашнҳои миллӣ.....5

Мероси фарҳангӣ

Аминов А. Ривоятҳои мардумӣ ва нақши онҳо дар рушди сайёҳӣ.....13
Пиров С. Ҷанбаҳои таърихиву ахлоқии мазорҳо.....22

Фаъолияти иҷтимоиву фарҳангӣ

Комилзода Ш., Шарифзода Ф. Нақши ПИТФИ дар таҳқиқи масоили китобдории даврони истиқлол.....33
Наимов С. Аз ташаккули «Нашриёти давлатии Тоҷикистон» 44

Санъатшиносӣ

Обидпур Ҷ. Рубоӣ аз нигоҳи мусиқишиносӣ.....51
Давлатов Ф. Густариши робитаҳои фарҳангӣ бо кишварҳои узви ИДМ.....62
Нурматзода Ҳ.,Эшонов М. Созҳои мусиқии тоҷикӣ дар коллексияи А. Эйхгорн ва омӯзиши он..... 74

ВАО ва табъу нашр

Муродӣ М. Таҳқиқи публитсистии НБО-и Рогун……..83
Охунзода Н. Ташаббусҳои байналмилалии тоҷикистон: зарурат ва аҳамият.....95
Шарифзода Қ. «Бухорои шариф» дар осори муҳаққиқон..... 107

Муаллифон …….....119

СОДЕРЖАНИЕ

Культурология

Джургосиев М., Абдуназаров А. Роль Эмомали Рахмона в возрождении национальных праздников……..……..5

Культурное наследие

Аминов А. Народные предания и их роль в развитии туризма.....13
Пиров С. Исторические и этические аспекты гробниц.....22

Социально-культурная деятельность

Комилзода Ш., Шарифзода Ф. Роль НИИКИ в исследовании библиотечной проблемы периода независимости.....33
Наимов С. Об становлении «Государственного издательства Таджикистана» …….....44

Искусствоведение

Обидпур Д. Рубаи с точки зрения музыковедения……..…51
Давлатов Ф. Расширение культурных связей со странами-участницами СНГ……..….62
Нурматзода Х., Эшонов М. Таджикские музыкальные композиции в коллекции А. Эйхгорна и его изучение……....74

СМИ и издательское дело

Муроди М. Публицистическое изучение Рогунской ГЭС…….....83
Охунзода Н. Международные инициативы Таджикистана: необходимость и значимость……95
Шарифзода К. «Бухорои шариф» в трудах исследователей 107

Авторы ……...……..……..119

CONTENTS

Cultural studies

Jurgosiev M. Abdunazarov A. The role of leader of the nation emomali rahmon in the revival of national holidays…….....5

Cultural heritage

Aminov A. Folk legends and their role in the development of tourism……...13
Pirov S. Historical and ethical aspects of tombs.....22

Social and cultural activities

Komilzoda S.,Sharifzoda F. The role of rici in the study of the library problem Independence period.....33
Naimov S. On the formation of the state publishing house of Tajikistan……...44

Art studies

Obidpur J. Rubai from the point of view of the music…….....51
Davlatov F. Expanding cultural links with countries membership in the CIS……...62
Nurmatzoda H., Eshonov M. Tajik musical instruments in the A. Eichhorn collection and his study.....74

Mass Media and publishing issues

Murodi M. Publicistic study of the Roghun hydroelectric power station……..83
Okhunzoda N. International initiatives of Tajikistan: necessity and importance……..……....95
Sharifzoda Q."Bukhoroi sharif" in the works of researchers.....107

Authors …….....119

ТАРТИБИ ТАҚРИЗДИҲӢ БА МАҚОЛАҲОИ ИЛМИЕ, КИ БА МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «ПАЁМНОМАИ ФАРҲАНГ» БАРОИ ЧОП ПЕШНИҲОД МЕГАРДАНД

Мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, аз ташхиси пешакӣ гузаронида мешаванд (ташхис аз ҷониби аъзои ҳайати таҳририя – мутахассисони соҳа анҷом дода мешавад) ва сипас дар доираи тартиботи ҷорӣ барои чоп қабул мегарданд. Талабот барои тартиб додани шакли ниҳоии матни мақола дар ҳар як шумораи маҷалла чоп карда мешавад.

Ҳангоми қабули шакли дастнависи мақола, корбарони маҷалла доир ба мундариҷа ва риояи талаботи асосӣ ба муаллиф хабар медиҳанд. Норасоиҳое, ки дар мақола ҷой доранд, то оғози ташхис аз ҷониби муаллиф бояд бартараф карда шаванд. Сипас мақолаи илмӣ, дар доираи талаботи ҷорӣ, барои ташхис ба аъзоёни ҳайати таҳририя ва ё мутахассисони соҳа (номзадҳо ва докторони илм) равон карда мешавад.

Дар тақриз бояд хусусиятҳои муҳимми мақола асоснок карда шаванд. Аз ҷумла, навоварии илмӣ, муҳиммияти омӯзиши масъала, арзиши таърихӣ ва фактологии мақола, дурустии иқтибосҳои нишондодашуда, услуби матн, истифодаи адабиёти солҳои охир ва камбудию норасоиҳои мақола. Дар охири тақриз ба мақола баҳои умумӣ дода мешавад ва ба ҳайати таҳририя дар мазмунҳои зерин хулосаи муқарриз пешниҳод мегардад: ба чоп тавсия карда шавад; баъди ислоҳи камбудиҳо ба чоп тавсия карда шавад; барои тақриз иловатан ба мутахассиси дигари масъалаи дахлдор фиристода шавад; барои чоп тавсия карда намешавад. Ҳаҷми тақриз бояд аз як саҳифа кам набошад.

Мақолаҳои илмии барои чоп қабулгардида, аммо ба тағйирот ниёздошта, бо нишон додани тавсияҳои муқарриз ва муҳаррир ба муаллифон фиристода мешаванд. Муаллифон бояд камбудию норасоиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намуда, шакли ниҳоии матни чопӣ ва электронии мақоларо бо дастхати пештарааш ба маҷалла пешниҳод намоянд. Баъди ислоҳи камбудиҳо мақолаи илмӣ такроран барои тақриз супорида мешавад ва сипас аз ҷониби ҳайати таҳририя барои чопи он иҷозат дода мешавад.

Мақолае, ки ба он тақризи мусбат дода шуда, чопи он аз тарафи ҳайати таҳририя ҷонибдорӣ гардидааст, барои нашр қабулгардида ба ҳисоб меравад.

Раванди тақриздиҳӣ ба мақолаҳои дастнавис ошкоро сурат намегирад. Паҳн намудани хабар дар бораи раванди тақриздиҳии мақолаи дастнавис боиси поймол гардидани ҳуқуқи муаллиф мегардад. Муқарризон барои нусхабардорӣ намудани матни мақола ва истифодаи он барои эҳтиёҷоти худ ҳуқуқ надоранд.

Муқарризон, инчунин аъзоёни ҳайати таҳририя то нашри мақола иттилооти дар матни мақолаи дастнавис ҷойдоштаро ба манфиати худ истифода карда наметавонанд. Тақризҳо дар идораи маҷалла ба муддати то 5 сол нигоҳдорӣ мешаванд.

Идораи нашрия ҳангоми дархости дахлдор нусхаҳои тақризҳоро ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол менамояд.

ПОРЯДОК
РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК КУЛЬТУРЫ»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в каждом номере журнала.

Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении сдается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора.

Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд. Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Рецензии хранятся в редакции журнала в течение 5 лет.

Редакция журнала направляет копии рецензий в ВАК Республики Таджикистан при поступлении в редакцию издания соответствующего запроса.

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН
Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Паёмномаи фарҳанг» пешниҳод мегарданд

Дар маҷаллаи «Паёмномаи фарҳанг», асосан, мақолаҳои фарогирандаи таҳқиқотҳои илмӣ оид ба соҳаҳои фарҳанг, санъат, китобдорӣ, ахбори омма ва табъу нашр, ҳунарҳои мардумӣ ва ғайра, ки дар худ навгонӣ доранд, чоп карда мешаванд.

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мувофиқати сохти мақолаи илмӣ ба талаботи муқаррарнамудаи маҷалла; б) натиҷаи таҳқиқоти илмӣ будани мақола; в) мувофиқат намудани мавзӯи мақола ба яке аз самтҳои илмии маҷалла.

Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи муаллифони дигар бе ишораи иқтибос истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошанд.

Ҳаҷми умумии мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси ТДУ (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Зубайдӣ А.М.);

– номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

– номи мақола;

– матни асосии мақола;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯй ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 8 то 10 адад бояд таҳия карда шавад;

– дар охири мақола бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с.25]. Яъне, манбаи иқтибос адабиёти №4 ва саҳифаи 25 мебошад.

Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

Суроғаи мо: ш. Душанбе, хиёбони Н. Қарабоев, 17 (ошёнаи 2), ПИТФИ, шуъбаи воситаҳои ахбори омма ва табъу нашр. Тел.:(+992 37)233–84–58, murodi@mail.ru

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ
Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал«Вестник культуры»

В научном журнале «Вестник культуры» печатаются статьи содержащие результаты научных исследований по гуманитарним наукам: культуре, искусству, билиотековедению, СМИ и печатные издания, народные ремесла и другие, имеющие новизну.

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному изнаправлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть впределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация оформляется в объеме не менее 25 строк, ключевые слова от 8 до 10 слов или словосочетаний;

– информация об авторе на русском и английском языках. Здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает автор (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора.

При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25.

Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название

Наш адрес: г. Душанбе, проспект Н. Карабаева, 17 (2 этаж), НИИКИ, отдел средств массовой информации и издательское дело. Тел.: (+992 37)233–84–58; murodi@mail.ru

ПАЁМНОМАИ ФАРҲАНГ

Нашрияи илмию таҳлилӣ
2023, № 2 (62)

ВЕСТНИК КУЛЬТУРЫ

Научно – аналитическое издание
2023, № 2 (62)

HERALD OF CULTURE

Scientific and analytical edition
2023, № 2 (62)

Сармуҳаррир
номзади илми филология
Аминов Абдулфаттоҳ

Муҳаррири масъул
доктори илми филология, профессор
Муродӣ Мурод

Муҳаррири техникӣ
Қузиев Ҷумъабой

Ба чоп 08.06.2023 имзо шуд. Андозаи 60Х84 1/8.
Коғази офсетӣ. Ҳуруфи Times New Roman Tj.
Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 16.
Адади нашр 200 нусха. Супориши № 14 /23

Маҷалла дар чопхонаи ҶДММ «Аржанг»
ба табъ расидааст.
ш. Душанбе, кӯчаи С. Шерозӣ – 21